ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС
ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН

**Бо ҳуқуқи дастнавис**



**ТДУ: 34 (575.3)**

**ТКБ: 67.75 (5т)**
**М – 44**

**МАҲМУДӢ РАВШАН БОБОҶОНЗОДА**

# ТАЪРИХИ ТАЪСИС ВА ИНКИШОФИ АДВОКАТУРА ДАР ТОҶИКИСТОН: ТАҲҚИҚОТИ ТАЪРИХӢ-ҲУҚУҚӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
аз руйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат

**РОҲБАРИ ИЛМӢ**:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**МУҲАММАДИЕВ И.С.**

**ХУҶАНД – 2026**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ..........4**

**МУҚАДДИМА.......................................................................................5-22**

**БОБИ 1. ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ИНСТИТУТИ АДВОКАТУРА ДАР ТАЪРИХИ ДАВЛАТДОРИИ ТОҶИКОН.......23-84**

1.1 Пайдоиши институти ҳимоя дар таърихи қадимаи давлатдории тоҷикон……………………………………………………….………………23-37

1.2 Заминаҳои таърихӣ - ҳуқуқии ташаккули институти ҳимоятгар дар Тоҷикистони таърихӣ………………………………..…………38-57

1.3 Ташкили фаъолият ва хусусиятҳои амалкарди институти адвокатураи тоҷик дар ҳайати ҶШС Туркистон ва дар ҳайати ҶХШ Бухоро……………………………………………………………………57-84

**БОБИ 2. ТАШАККУЛИ ИНСТИТУТИ АДВОКАТУРА ДАР ҶМШС ТОҶИКИСТОН ВА АСОСҲОИ ТАШКИЛИЮ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ АДВОКАТУРА ДАР ҶШС ТОҶИКИСТОН………85-124**

2.1 Ташаккулёбии институти адвокатура дар ҶМШС Тоҷикистон……………………………………………………………………85-97

2.2 Асосҳои ташкилию ҳуқуқии фаъолияти адвокатура дар ҶШС Тоҷикистон...........................................................................................97-107

2.3. Хусусиятҳои хоси адвокатураи Тоҷикистон дар асоси Низомнома дар бораи адвокатураи ИҶШС соли 1939 ва Қонуни ИҶШС дар бораи адвокатураи ИҶШС соли 1979..................................107-124

**БОБИ 3. ИНКИШОФИ ИНСТИТУТИ АДВОКАТУРА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ..................................................................................................125-173**

3.1. Рушди қонунгузорӣ дар бораи фаъолияти адвокатура дар Тоҷикистон…………………………………………………………………125-137

3.2. Шаклҳои ташкилию ҳуқуқии фаъолияти адвокатура дар Тоҷикистон...........................................................................................137-155

3.3. Баъзе масъалаҳои такмили институти адвокатураи Тоҷикистон дар шароити Истиқлоли давлатӣ……………………………………..155-173
**ХУЛОСА..........................................................................174-179**
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ...........................................................................180-181**
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)...................................182-207**
**РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ...........................................................................208-210**
**ЗАМИМА.........................................................................211-214**

## НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ –** Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ИҶШС –** Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ

**ИДМ –** Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ҶМШС –** Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистӣ

**ҶШС –** Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ

**СММ –** Созмони Милали Муттаҳид

**ФР** – Федератсияи Россия

**КИМ –** Кумитаи Иҷроияи Марказӣ

**КИМУ** – Кумитаи Иҷроияи Марказии Умумироссиягӣ

**ҶФСШР (РСФСР)** – Ҷумҳурии Федеративии Сотсиалистии Шӯравии Русия

**ҶХШС** – Ҷумҳурии Халқии Шуравии Сотсиалистӣ

**ҶХШ Бухоро** – Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро

**ғ**. – ғайра

**с**. – сол

**с**. – саҳифа

**С**. – саҳифа

**қ**. – қисм

**қ.қ.** – қисмҳо

**б** – боб

**б**. – банд

**м**. – модда

**м.м**. – моддаҳо

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати демократии ҳуқуқбунёд буда, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф ва ҳифз менамояд. Тибқи моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ буда, ҳаёт қадр номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд [1]. Яке аз муҳимтарин шартҳои эъмори давлати демократии ҳуқуқбунёд минбаъд ҳам таҳким додани асосҳои ҳуқуқӣ, афзоиши самаранокии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ, ҳифз ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад.

Дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018 – 2028 аз 06-уми феврали соли 2018, №1005, зикр шудааст, ки дуруст, бонизом ва мутобиқ ба арзишҳои башарӣ ва манфиатҳои миллӣ ба роҳ мондани таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд нақши калидӣ дорад [2].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» (аз 28.12.2023), соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон дошта, чунин ибрози назар намуданд: «Баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ омили асосии эъмори давлати ҳуқуқбунёд, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таъмин намудани волоияти қонун мебошад» [236].

Дарки пурраи асосҳои ҳуқуқӣ ва таҷдиди назар намудани фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки бо ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон, корхонаҳою муассисаҳо ва ташкилотҳо машғуланд замоне имконпазир мегардад, ки агар паҳлуҳои таърихӣ-ҳуқуқии он мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифта шаванд. Такмил додани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, самарабахш намудани фаъолнокии мақомоти марбута бидуни дарки амиқи ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии ин

соҳа аз имкон берун аст. Ин масъала ба сифати мавзуи мубрами илмӣ дар соҳаи назарияи давлат ва ҳуқуқ баҳогузорӣ гардида, заминаи баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти адвокатура, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, унсурҳои ба қонунгузории соҳавӣ таъсиррасон ва роҳҳои такмилдиҳии онро муайян менамояд.

Дар замони истиқлолият дар самти ташаккули қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва танзими муносибатҳо дар соҳаи адолати судӣ, минҷумла адвокатура, тадбирҳои мушаххас амалӣ гардида, як қатор барнома, стратегия ва консепсияҳо қабул карда шуданд.

Сарфи назар аз ин тадбирҳои андешидашуда, ҳанӯз ҳам дар муносибатҳои ҳуқуқҳимоякунӣ баъзе масъалаҳои муҳим ба назар мерасанд, ки ба таври зарурӣ танзим нагардидаанд ва барои расидан ба ҳадафҳои давлатӣ дар самти ҳимоя ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ баъзе монеаҳо ҷой доранд.

Дар фаъолияти адвокатураи муосир камбудию нуқсонҳое ба назар мерасанд, ки ба назари мо дар ҳоли истифодаи таҷрибаи таърихӣ бартараф карда мешаванд. Муроҷиат намудан ба таърих аз он ҷиҳат зарур аст, ки камбудиҳои дар гузашта роҳдодашуда такрор наёбанд. Айни замон ин хеле муҳим аст, зеро ҷорӣ намудани ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ боиси тағйироти куллӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ гардидааст.

Дар ташаккули адвокатураи Тоҷикистон истифодаи таҷрибаи таърихии даврони шуравӣ нақши муҳим дорад, зеро он солҳо заминаи адвокатураи муосир гузошта шудааст ва ҳодисаҳоро ба ҳам муқоиса карда, мавридҳои муносибро дарёфт кардан мумкин аст, ки барои гирифтани иттилооти муфид мусоидат мекунад ва такрори хатогиҳоро пешгирӣ мекунад. Маҳз аз ин лиҳоз таҳқиқоти интситути адвокатура дар замони гузашта муҳим ва мубрам арзёбӣ мегардад.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқотро инчунин зарурати ҳалли вазифаи созмон додани низоми адвокатураи касбии мустақил ва фаъолияти босамардошта, ки бо нуфузи худ дар ҷамъият маъруфият пайдонамуда муайян мекунад, ки он дар натиҷаи таҳқиқи дақиқонаи рушди таърихии мақоми адвокатура дар марҳилаҳои гуногуни давлатдории тоҷикон муяссар мегардад.

Сурат гирифтани ислоҳоти ҳуқуқӣ-судӣ дар Тоҷикистон, ки соҳаи адвокатураро низ пурра фаро гирифтааст, ба назари эътибор гирифтан ва истифодаи таҷрибаи эъҷобии андӯхташударо барои рушди минбаъдаи низоми адвокатураи мамлакат тақозо мекунад.

Адвокатура институти муҳимтарини ҷомеаи шаҳрвандӣ ба шумор меравад, ки дар давлати ҳуқуқбунёд ҳуқуқу озодиҳои бунёдии инсон ва шаҳрванд, ҳамчунин, иттиҳодияҳои онҳоро ҳимоя мекунад. Вазифаи асосии адвокатура расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба эҳтиёҷмандон мебошад. Адвокатура иттиҳодияи касбии мустақил мебошад. Маҳз ҳамин хусусияти хоси фаъолияти адвокатура имкон медиҳад, ки фаъолияти он чун мақомоти мустақил ба ҳимояи манфиатҳои шаҳрвандон равона гардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрасии воқеӣ ва баробар ба ёрии ҳуқуқӣ кафолат дода мешавад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамаи марҳилаҳои тафтишоти пешакӣ ва мурофиаи судӣ ёрии ҳуқуқиро кафолат медиҳад. Давлат тамоми шароитро барои таъмини ёрии ҳуқуқӣ ба шаҳрвандони камбизоат, ҳамчунин, барои пардохти ёрии ҳуқуқии ройгон, ки тибқи қонун расонида мешавад, таъмин менамояд.

Адвокатура яке аз ҳалқаҳои муҳимтарини низоми ҳуқуқии давлат мебошад, ки он ба амалигардонии пайдарпайи принсипҳои демократии адолати судӣ мусоидат мекунад.

Мутаассифона, ҳангоми ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон адвокатҳо дар баъзе ҳолатҳо амалан аз озодию кафолатҳое, ки тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунгузории миллӣ пешбинӣ

намудааст истифода бурда наметавонанд. Сарфи назар аз кафолатҳои пешбинишуда оид ба мустақилияти адвокатҳо ва мамнуъ будани дахолат ба фаъолияти онҳо, то ҳол баъзан кӯшишҳои таъсир расонидан ба фаъолияти адвокатҳо ба назар мерасанд, ки онҳо сабабу шароитҳои таърихӣ доранд.

Ба вуҷуд омадан ва ба ҳаёти давлатӣ-ҳуқуқии халқи тоҷик ворид шудани адвокатура ин натиҷаи ҷустуҷӯҳои суботкорона ва доимии шаклҳои нави иштироки ҳимоятгарон дар истеҳсолоти судӣ буда, тавлиди принсипҳои нави ташкил ва фаъолияти институти махсуси ҳимоя марҳилаҳои тӯлонии ташаккулро аз сар гузаронидааст. Шаклҳои иштироки ҳимоятгарон дар суд борҳо тағйир ёфтаанд. Дар замони шуравии рушди қонунгузорӣ як шакли ҳимояро бо шакли дигар иваз намуда, тадриҷан низоми дастаҷамъонаи адвокатура, ки таҳти назорати давлат қарор дошт, барпо карда шуд.

Бо касби истиқлоли давлатӣ, дар самти ташаккули адвокатураи тоҷик, шаклҳои нави муносибатҳои мутақобилаи адвокатура ба мақомоти давлатӣ марҳила ба марҳила сурат гирифт. Қабул шудани Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура» соли 1995, ворид намудани тағйирот ва бекор шудани мақоми конститутсионӣ дар соли 2006, қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18-уми марти соли 2015, бо тағйиру иловаҳои он шаҳодат медиҳад, ки дар ислоҳоти соҳаи адвокатура идома ёфта, ҷустуҷӯи низом ва шаклҳои самарабахши муассири ташкилию ҳуқуқии он давом дорад.

Вазъ ва шароити инкишофи адвокатураи муосирро танҳо дар заминаи таҳқиқи пайдоиш, ишкишоф ва дигаргуншавии институти ҳимоя дар давраҳои гуногуни инкишофи таърихӣ, бо назардошт ва омӯхтани психология ва ҳувияти халқи тоҷик нисбатан аниқ фаҳмида, баҳогузорӣ намудан мумкин аст. Таҳқиқи таърихию ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки вазъи гузаштаю муосири адвокатураро дар мамлакат фаҳмем ва роҳҳои

инкишофу дурнамои онро муайян кунем. Ҳамин тариқ, гузаштаи адвокатура бисёр ҷанбаҳои муҳимми вазъи ҳозираи онро кушода, барои ёфтани роҳҳои мувофиқ ва оқилонаи баромадан аз ҳолатҳои мушкилу баҳсноки дар соҳаи фаъолияти адвокатӣ бамиёномада кумак мерасонад.

Дар иртибот бо гуфтаҳои боло, мавзуи рисолаи илмӣ дар шароити муосир барои илми ҳуқуқшиносӣ мубрам буда, ҳалли масъалаҳои гузошташуда, баррасии асосҳои таърихию ҳуқуқӣ ва назариявию амалии ташаккул ва инкишофи адвокатура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри мустаҳкам намудани пояҳои илмӣ хизмат мекунад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаи ташаккул ва инкишофи адвокатура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар адабиёти илмӣ ба таври бояду шояд мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Дар замони ҳокимияти шуравӣ таърихи адвокатураи тоҷик алоҳида баррасӣ нагардида буд, ҳарчанд, дар умум, оид ба масоили адвокатура асарҳои бунёдӣ, рисолаҳо ва мақолаҳои илмии зиёд нашр шуда буданд, ки ба муаллифони зерин мансубанд: Б.Ф. Абушахмин [55], В.Н. Буробин [75], Э.Б. Буризода [74], У.А. Азиззода [242], В.А. Вайпан [76], А.А. Власов [83], Е.П. Данилов [97], З.Ҳ. Искандаров [105, 105, 106, 107], С.С. Камилов [206], М.Т. Коротких [117], И.Н. Куксин [83], Ю.Ф. Лубшев [126], И.Н. Лукянов [86], Л.П. Михайлов [86], И.С. Муҳаммадиев [137, 138, 139, 140], А.Ғ. Холиқзода [179, 180, 181, 250], Г.С. Азизқулова [61], М.С. Ҳайдарова [251], Н. Мирзозода [135], Ҷ.З. Маҷидзода [101], Р.С. Одинаев [249], М. Равич [224], А.Х. Расулев [149], С.А. Раҷабов [147], А.Э. Раҳматуллоев [150], Ф.М. Абдулхонов [240], Е.В. Семеняко [159], А.В. Гришенко [159], А.Я. Сухарев [221, 222], М.Н. Тихомиров [172], Ю.А. Тихомиров [173], В.Л. Василевская [243], Липка Д.В. [209], Л. Лвова [210, 211], К.Н. Апраксин [59], Г.П. Саркисянс [156, 157], Ш. Розиқов [148], Х.С. Сулаймонова [219, 220] ва дигарон.

Таърихи ташаккул ва инкишофи адвокатура дар Тоҷикистон ҳамчун мавзуи махсуси илмӣ ва маҷмуии таърихию ҳуқуқӣ мавриди

таҳқиқ қарор нагирифтааст. Олимони ҳуқуқшиноси тоҷик, танҳо ҷанбаҳои алоҳидаи масъалаи мавриди назарро баррасӣ кардаанд. Дар асари илмии академик Ф.Т. Тоҳиров бо номи «Низоми ҳуқуқии тоинқилобии Тоҷикистон», [174] таърихи ташаккул ва инкишофи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи халқи тоҷик дар шароити Тоҷикистон ба таври муфассал баён шудааст. Дар асари мазкур масъалаҳои аз байн бурдани ҳуқуқи кӯҳна ва ташаккул ёфтани ҳуқуқи шуравӣ, хусусиятҳои барҳамдиҳии низоми кӯҳнаи судию прокурорӣ ва инчунин, институти ҳимоя инъикос ёфтаанд. Дар асарҳои И.С. Муҳаммадиев «История становления органов прокуратуры на севере Таджикистана» ва «Сипари қонун ва адолат» баъзе масъалаҳои фаъолияти адвокатура дар солҳои аввали ҳокимияти шуравӣ ва давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ баён шудаанд [137, 140]. Дар рисолаи «Аз таърихи суди шуравӣ дар Тоҷикистон»-и Ш. Розиқов [148], ки зери таҳрири профессор С.А. Раҷабов нашр шудааст, масъалаи иштироки адвокат-ҳимоятгар дар муҳокимаи судӣ баррасӣ гардидааст. Дар таълифоти З.Ҳ. Искандаров «Асосҳои фаъолияти адвокатӣ»-ро [107] махсусан қайд кардан мумкин аст, ки дар он доир ба ташаккул ва рушди адвокатура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот оварда шудааст.

Бо назардошти он ки дар илми ҳуқуқшиносии тоҷик масъалаи пайдоиш ва инкишофи адвокатура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври кофӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур фазои холимондаро дар илми таърихию ҳуқуқии Тоҷикистон пур карда, метавонад ба омӯзиши масъалаҳои ишорашуда равона гардида, дар рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ таъсиргузор бошад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсияи мазкур дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон барои солҳои

2021-2025 дар мавзуи «Мавқеи омилҳои фарҳангӣ-таърихӣ, таълимот оид ба ҳуқуқ, адолат ва додгустарӣ дар рушди модели миллии давлати ҳуқуқбунёду демократӣ» омода ва иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии диссертатсия таҳқиқи раванди таърихии ташаккули институти адвокатура, институти ҳимоя дар истеҳсолоти судии Тоҷикистон, ташаккули адвокатура ҳамчун институти мустақил дар ҶМШС Туркистон, ҶХШ Бухоро, ҶМШС Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда, иҷрои вазифаҳои зерин зарур шуморида шудааст:

- бо роҳи таҳлили маводи таърихии мавҷуда таҳқиқ кардани хусусиятҳои хоси давраи ибтидоии таърихи пайдоиши адвокатура;
- таҳқиқ намудани ташаккул ва фаъолияти институти ҳимоя дар ҳудуди Тоҷикистони таърихии тошуравӣ;
- баррасии вижагиҳои ташкили фаъолияти институти адвокатура дар Тоҷикистони Шимолӣ дар ҳайати ҶМШС Туркистон, Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ дар ҳайати ҶХШ Бухоро;
- таҳқиқи марҳилаи таърихии ташаккули институти адвокатура дар ҶМШС Тоҷикистон;
- таҳқиқи инкишофи институти адвокатура дар ҶШС Тоҷикистон дар ҳайати ИҶШС;
- таҳлили асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти институти адвокатура дар Тоҷикистони пасошуравӣ;
- таҳқиқ ва муқаррар намудани шаклҳои ташкилию ҳуқуқии фаъолияти адвокатҳо дар Тоҷикистон;
- дар заминаи таҳқиқот пешниҳод кардани роҳҳои минбаъдаи такмили фаъолияти адвокатӣ дар Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот** таҷрибаи таърихии институти ҳимоя, ҳамчунин танзими ҳуқуқӣ ва қонунгузории фаъолияти адвокатӣ дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ ба шумор меравад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқоти** диссертатсиониро баррасии омилҳою заминаҳои пайдоиш ва инкишофи адвокатура, самтҳои фаъолияти асосии адвокатура, аз ҷумла, иштироки адвокат дар мурофиаҳои судӣ дар давраҳои муайяни мушаххаси таърихӣ мебошад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот)**. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур, аз ҷумла марҳилаҳои тасдиқ, омоданамоӣ, тасвиб ва муҳокима дар кафедра тибқи талабот сипарӣ гаштааст. Макони таҳқиқот кафедраи ҳуқуқшиносии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон мебошад. Ҷанбаҳои таърихии диссертатсия дар давраҳои таҳқиқот инъикос шуда, дар марҳилаҳои муайян омода гардидаанд. Дар ибтидо, ҷанбаҳои таърихии ташаккул ва рушди қонунгузорӣ дар бораи адвокатура дар Тоҷикистони тошуравӣ ва дар марҳилаи шуравии таърихи давлатдории тоҷикон ва баъдан, масъалаҳои инкишоф ва рушди қонунгузорӣ дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи муосири давлатдорӣ (солҳои 1991-2025) таҳқиқ шудаанд. Ҳамзамон, дар ин давра вобаста ба таҳқиқоти анҷомдода, хулосаҳои назариявӣ ва амалӣ пешниҳод карда шудаанд. Марҳилаи анҷоми таҳқиқот соли 2025 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** асарҳои илмии олимони ҳуқуқшинос, мутахассисони соҳаи таърихи давлат ва ҳуқуқ, таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон ташкил кардаанд. Дар раванди таълифи диссертатсия ба омӯзиши таълифоте, ки ба таърихи мурофиаи судии собиқ ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ бахшида шудаанд, диққати махсус дода мешавад. Таҷрибаи таҳқиқи мавзуоти таърихии собиқ олимони ҷумҳуриҳои

иттифоқӣ мавриди омӯзиши ҷиддӣи қарор гирифтааст. Байни олимоне, ки дар самти мавзуи таърихие, ки он асоси назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шумор меравад, пурмаҳсул кор кардаанд, муҳаққиқони зеринро номбар кардан лозим аст: Б.Ф. Абушахмин, В.Н. Буробин, В.А. Вайпан, А.А. Власов, И.Н. Куксин, И.Н. Лукянов, Л.П. Михайлов, Я.С. Киселев, М.Т. Коротких, Ю.Ф. Лубшева, Е.В. Семеняко, А.В. Гриненко, А.Я. Сухарев, М.Н. Тихомиров, Ю.А. Тихомиров, Ч.Н. Василева, Л.А. Лвович, С.Ю. Исаакович, Н. Каримова, К.Н. Апраксин, В.М. Сависий, Г.П. Саркисянс, С.Г. Павлович, Ф.Т. Тоҳиров, И.С. Муҳаммадиев, Р.А. Ҳакимович, С.Х. Сулаймонова, Ш. Розиқов, С.А. Раҷабов, О.И. Чистяков, У.А. Азиззода, А.Ғ. Холиқзода, Г.С. Азизқулова, М.С. Ҳайдарова, Н. Мирзозода, Ҷ.З. Маҷидзода, Р.С. Одинаев, Ф.М. Абдулхонов, В.Л. Василевская ва дигарон.

**Асосҳои методологии таҳқиқот**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бар назарияи умумифалсафии маърифат ва татбиқи усулҳои мушаххасу илмӣ, ба мисли усулҳои диалектикӣ, таҳлили ҳодисаҳои иҷтимоӣ, идроки таърихию ҳуқуқӣ, мантиқӣ, шаклӣ-ҳуқуқӣ низомманду сохторӣ, муқоисавию ҳуқуқӣ, маҷмуӣ ва объективию материалистии раванди таърих асос меёбад.

Дар ин ҷо нуктаеро зикр кардан лозим аст, ки дар замони шуравӣ маҷмуи асосии таҳқиқот дар бораи таърихи ташаккул ва инкишофи адвокатура бо самтгирии назарраси идеологӣ тавсиф меёфт ва ба шарҳу тавзеҳи расмии назарияи марксистию ленинии таърихию ҳуқуқӣ мувофиқат дошт.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Диссертатсия дар асоси маводи ҳуҷҷатӣ, ки дар Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (БМД Ҷумҳурии Тоҷикистон), Бойгонии давлатии вилояти Суғд (БДВС), Бойгонии Президиуми коллегияи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфузанд, таълиф шудааст.

Дар раванди таҳқиқот феҳрастҳо, ҳисобот дар бораи кори коллегияи ҳимоятгарони ҳуқуқ, фармонҳо, суратҷаласаҳо, мактубҳои иттилоотӣ, маъмурию дастурӣ, маводи машваратҳо ва ҷаласаҳои коллегияҳои мақомоти адлия, парвандаҳои ҷиноятию маданӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар бораи адвокатура чопшуда мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Конститутсияҳои шуравии соли 1918, соли 1924, Конститутсияҳои Тоҷикистон солҳои 1929, 1931, 1937, 1978, 1994, декрету қарорҳои анҷуманҳои Шуроҳо, КИМ-и ИҶШС, Шурои Комиссарони Халқи ИҶШС, КИМУ ҶФШСР, КИМ ҶМШС Туркистон, ҳуҷҷатҳои Генерал-губернатории Туркистон ва дигар мақомоти роҳбарикунандаи ҳокимият ба ҳамин қатор дохил мешаванд.

Ҳангоми таълифи диссертатсия маводи матбуоти даврӣ, мақолаҳои муаррихон, ҳуқуқшиносон, кормандони адлия истифода шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Масоиле, ки дар диссертатсияи мазкур таҳқиқ шудаанд, дар илми ҳуқуқшиносӣ ва таърихнигории Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол мавриди омӯзиш қарор нагирифта буданд. Сабаби ин ҳолат, аз як тараф, омӯхта нашудани сарчашмаҳои ҳуҷҷатӣ манбаи аввалин буд, ки таҳқиқи онҳо кори зиёди муқаддимотиро тақозо мекард. Аз ҷониби дигар, худи раванди ҷустуҷӯ ва низомбандии мавод дар давраи пайдоиши давлати тоҷикон кори мураккаби меҳнатталаб аст, зеро дар ин давра як қисми ҳудуди Тоҷикистон дар аввал ба ҳайати ҶМШС Туркистон, баъдтар ба ҳайати ҶШС Ӯзбекистон дохил мешуд, бинобар ин, олимон ба ин мавзуъ таваҷҷуҳи зиёд надоштанд.

Дар асоси таҳлили маводи бойгонӣ ва адабиёти илмӣ, муаллиф бори аввал таърихи ташаккул ва инкишофи адвокатураро чун мақоме, ки ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, инчунин айбдоршавандаро зери ҳимоя мегирад, таҳлил намуда, робитаю ҳамкории онро бо дигар иштирокчиёни мурофиаи судӣ баррасӣ кардааст.

Навгонии таҳқиқотро, пеш аз ҳама, нуктаи зерин собит месозад: таҳқиқоти диссертатсионӣ аввалин таҳқиқоти монографӣ мебошад, ки

дар он барои таҳлили илмии маҷмуии равандҳои ташаккул, инкишоф ва фаъолияти адвокатура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ дода шудааст. Навгонии илмии диссертатсияро ҳамчунин вижагиҳои сарчашмаҳои илмии дар он истифодашуда, пеш аз ҳама, мавод ва ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, шумораи зиёди санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва соҳавӣ, Низомномаҳо, Дастурамалҳо ва мактубҳои идории маъмурию дастурии интишоркардаи ҶМШС Туркистон, Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро, ҶШС Тоҷикистон муайян мекунанд, чунки ин ҳуҷҷатҳо ба масъалаи мавриди таҳқиқ муносибати бевосита дошта, аксарияти онҳо бори аввал ба муомилоти илмӣ ворид карда мешаванд.

Дар диссертатсия хусусиятҳои вазъияти таърихии ташаккули институти ҳимоя дар давлатдории қадимаи тоҷикон, аз Сосониён то қарни XIX муфассал баррасӣ шудаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя нуктаҳои илмии зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсиониро ифода менамоянд:

1. Институти ҳимоя ба халқи тоҷик аз қадим шинос буда, маҳсули тафаккури нави ҷамъиятӣ-сиёсӣ нест, зеро ки нишонаҳои аввалини он дар ташкилотҳои пешаздавлатӣ пайдо шудаанд. Бо таъсис ёфтани давлат номи мақомоти бо ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои инсон машғулбуда, якчанд маротиба дигаргун шудааст. Бори аввал, доир ба намояндагӣ дар ҳуҷҷатҳои таърихии давраи Сосониён маълумот дода мешавад. Ин вазифаро ғайр аз ҳимоятгарон, инчунин дигар одамони солимақл (қобилияти ҳуқуқидошта) иҷро карда метавонистанд. Намояндагони он замонро ба намояндагони хешутаборӣ ва кирошуда ҷудо намудан мумкин аст, ки аз онҳо минбаъд институти вакилони касбӣ пайдо шудааст. Дар давраи исломии давлатдории тоҷикон ҳимояи манфиатҳои тарафҳоро судҳои қозӣ, вакил ва муфтиҳо амалӣ менамуданд. Дар давраи Сомониён тартиби мурофиаи судӣ бо парвандаҳои ҷиноятӣ ва маданӣ ягона буда, дар байни даъвогар ва ҷавобгар фарқ гузошта намешуд ва

исботкунӣ дар зиммаи онҳо буд. Баъзе вазифаҳои ҳимоятгар ва даъвогарро муфтӣ ва вакил иҷро менамуданд.

2. Институти ҳимоя дар Тоҷикистони тошуравӣ чун институти судӣ инкишоф ёфта, қисми таркибии он буд ва аз низоми судии давлат ҷудою мустақил набуд. Ин нуқта дар он ифода меёбад, ки ёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби худи ҳимояшаванда, наздикон ва хешовандони ӯ, инчунин аз ҷониби мансабдорони давлатӣ, намояндагони ҳокимият, дар бисёр мавридҳо аз ҷониби худи судя, ки ба шахс имкони пешниҳод кардани далел ва шоҳидонро барои ҳимояи худ фароҳам меорад, расонида мешуд. Ташаккул ва инкишофи институти ҳимоя дар ҷараёни ба амал баровардани адолати судӣ дар Тоҷикистон раванди мураккаб буд, зеро худи мақомоти судӣ, ҷараёни мурофиаи судӣ бо дин бо ҳам зич печида буданд, баҳсҳои ҳуқуқӣ бошанд, дар асоси тасаввуроти динӣ дар бораи адолат, мавқеи раият ҳал мешуданд. Боз як нуқтаи муҳим он буд, ки тамоми мурофиаи судӣ ва таъмини адолат, аз рӯйи баррасӣ намудани парвандаҳо дар судҳо бо шахсият ва обрӯю эътибори амир зич вобаста буд.

а).Судҳои феодалии қозӣ ва бийҳо дар кишвари Туркистон ва дар аморати Бухоро то барқарор гардидани ҳокимияти шуравӣ парвандаҳои ҷиноятӣ ва маданиро бе иштироки адвокат баррасӣ мекарданд. Вазифаи ба амал баровардани адолати судӣ ва ҳамзамон ҳимояро дар баробари қозиён шахсоне ба уҳдаи худ мегирифтанд, ки ҳокимияти давлатиро дар ихтиёр доштанд. Дар кишвари Туркистон ва аморати Бухоро иштироки адвокатҳо дар симои вакилони касбӣ ва ёварони онҳо бори нахуст баъди ҳамроҳ намудани ҳудуди Осиёи Миёна ба империяи Русияи подшоҳӣ, дар мавриди баррасии парвандаҳои ҷиноятии раияти он, ба назар мерасад.

3. Инкишоф ва танзими ҳуқуқии адвокатура дар замони шуравӣ он дигаргуниҳои амиқи сифатиеро, ки дар низоми давлатию ҳуқуқӣ ба амал омаданд, инъикос мекард. Давлатикунонии тамоми низоми адвокатура сурат мегирифт, фаъолияти хусусии адвокатӣ аз байн бурда мешуд,

адвокатура тадриҷан чун коллегия ташкил мегардид ва маош аз рӯйи воҳиди корӣ мутаносибан ба миқдору сифати парвандаҳои баитмомрасонида пардохт мегардид, ҳамчунин тағйироти таъҷилии сифатӣ дар ҳайати кадрҳои адвокатура ба вуқуъ омад. Адвокатура низоми иҷтимоии хеле мураккаб буда, аз рӯйи моҳияти вазифаҳо, хусусияти шакл, намуди сохторҳои ташаккулдиҳанда, аз рӯйи муносибати мутақобила бо мақомот ва муштариён, майдони васеи фаъолият ва вижагиҳои танзими ҳуқуқию этикиро доро мебошад.

4. Дар солҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон фаъолияти адвокатура тибқи қонунгузории шуравӣ танзим мегардид. Минбаъд, ба низоми ҳуқуқӣ ва дохилии адвокатура дигаргунии ҷиддӣ ворид шуд. Қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар бораи адвокатура марҳилаи нави рушди адвокатура ва ҷорӣ намудани ислоҳоти он мебошад. Адвокатура институти ҳуқуқие мебошад, ки дар асоси касбӣ ҳимояи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро таъмин мекунад. Аз соли 1995 то соли 2015 фаъолияти адвокатура амалан фаъолияти соҳибкорӣ буд, ки дар он адвокат – вакил, бо расонидани хизмати ҳуқуқӣ дар шакли соҳибкори инфиродӣ машғул буда, таъсис додани ширкатҳои ҳуқуқӣ дар намуди ҷамъиятҳо, ташкили фаъолияти соҳибкорӣ оид ба расонидани хизматҳои ҳуқуқӣ, тавассути таъсиси шахси ҳуқуқӣ амалӣ мешуданд.

а).Дар Тоҷикистони муосир адвокатура унсури калидии низоми ҳуқуқҳимоякунии ҷамъият ба шумор меравад, вале он унсури ягона нест. Дар байни дигар шаклҳои ташкилию ҳуқуқии расонидани ёрии ҳуқуқӣ фаъолияти хусусии адвокатӣ дар шакли кабинети адвокатӣ, машваратӣ дар намуди расонидани ёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби машваратчиёни ҳуқуқӣ, ёрии ройгони ҳуқуқӣ, ки ташкилотҳои байналхалқӣ ва ғайридавлатӣ амалӣ мегардонанд, расонидани ёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби ваколатдорон оид ба ҳуқуқҳои инсонро дар ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои асосии шаҳрвандон номбар кардан мумкин аст.

Бо назардошти таҳқиқоти илмии гузаронидашуда ва тавсияҳои дар Комиссияи ислоҳоти адвокатура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин, меъёрҳои қонунгузории амалкунандаро ба асос гирифта, мехоҳем дар кори илмии худ оиди баланд бардоштани самарабахшии ислоҳот дар соҳаи адвокатура ва амалияи ҳуқуқии фаъолияти адвокатӣ тавсияҳои зеринро пешниҳод намоем:

1. Қабул шудани санади алоҳидаи меъёрӣ дар бораи расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон, ки дар он механизми амалигардонии санад муқаррар карда мешавад. Дар бобати расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон Иттифоқи адвокатҳо бояд нақши бештар дошта бошад, то ки аъзои худро барои расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон ё хизматҳои ҳуқуқӣ бо нархи арзон ба касоне, ки ҳаққи чунин хизматҳоро пардохт карда наметавонанд, ҳавасманд гардонад.

2. Иттифоқи адвокатҳо бояд салоҳияти қабул ва баррасӣ намудани шикоятҳоро дошта бошанд, тибқи қонунгузории амалкунанда ва стандартҳои байналмилалӣ ба адвокатҳо чораҳои интизомиро татбиқ намоянд, инчунин, ҳисоботдиҳии адвокатҳо ва аз ҷониби онҳо риоя шудани меъёрҳои Кодекси одоби касбии адвокатро назорат кунад.

3. Андешида шудани чораҳои зарурӣ оид ба воқеан таъмин кардани амнияти адвокатҳо ва аъзои оилаи онҳо, аз ҷумла дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29.12.2010, №644 муқаррар кардани кафолатҳо [25].

4. Ҷорӣ намудани интернет-сомонаи расмӣ ва нашрияи махсус барои чопи маҷаллаи илмӣ-амалӣ, ки дар он оид ба фаъолияти адвокатҳо мавод нашр шаванд ва фаъолияти адвокатӣ арзёбӣ гардад.

5. Дар мактабҳои олӣ, махсусан, дар факултетҳои ҳуқуқшиносӣ фанни ҳатмии таълимии маҳорати суханварӣ, шаклу принсипҳои исботи далелу фактҳо, баҳсу мунозира ҷорӣ карда шавад.

6. Институти адвокатура бояд маркази ягонаи такмили ихтисос дошта бошад, ки хатмкунандагони он сертификати муътабари дорои аҳаммияти байналмилалӣ гиранд.

7. Дар моддаи 53 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шавад, ки аз лаҳзаи ба парванда роҳ дода шудан, ҳимоятгар ҳақ дорад, ки ҳини гузаронидани амалҳои тафтишӣ, ки бо ташаббуси мақомоти тафтишот ва дархости худи ҳимоятгар баргузор мегарданд, иштирок кунад.

8. Ба мақсади таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои табақаҳои заъфпазири аҳолӣ (нафақахӯрон, занон, ноболиғон, маъюбон) ва шахсоне, ки ба сабаби вазъияти оҷизона вобастагӣ аз айбдоршаванда ё ҷавобгар ва бо дигар сабабҳо ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худро ҳимоя карда наметавонанд, онҳо чун шахсоне, ки ба ёрии ҳуқуқии такрорӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, парвандаҳои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва парвандаҳои маданӣ ҳуқуқ доранд, ҳисобида шаванд ва дар моддаҳои 21-23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» ҳимоя ва дастгирии онҳо пешбинӣ карда шаванд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ба марҳилаҳои муҳимтарини ташаккулу инкишофи адвокатураи тоҷик ва паҳлуҳои номуайяни он равшанӣ андохта мешавад. Таҳқиқоти мазкур саҳми муайян ба амиқтар намудани донишҳои илмӣ оид ба ташаккул ва инкишофи адвокатура, дар умум, самтҳои асосии фаъолияти он оид ба амалигардонии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон дар Тоҷикистон мебошад. Хулосаҳо ва нуктаҳои рисолаи илмӣ оид ба масъалаҳои таърихи ташаккули адвокатура имкон медиҳанд, ки таърихи ватанӣ дар соҳаи фаъолияти адвокатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон назаррас такмил дода шавад. Инчунин, масъалаҳои дар он баёншударо бо назардошти воқеияти таърихию фарҳангии Тоҷикистон дар раванди ислоҳоти институти адвокатура дар Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст. Аксари тавсияҳо ва таклифҳо оид ба такмили асосҳои этикии фаъолияти адвокатӣ мумкин аст, ки аз

ҷониби адвокатҳо дар ҷараёни фаъолияти кориашон чун дастури роҳнамо қабул карда шаванд. Тавсияҳо оид ба такмили асосҳои ҳуқуқии танзими фаъолияти адвокатӣ мумкин аст, аз ҷониби субектҳои ҳуқуқэҷодкунӣ ва мақомоти ҳокимияти қонунгузор дар раванди фаъолияти қонунэҷодкунӣ ба назар гирифта шаванд. Тавсияҳо оид ба таҷдиди фаъолияти адвокатӣ ва ҳифзи манфиатҳои адвокатҳоро метавонанд мақомоти ҳокимияти иҷроияю судӣ, ҳамчунин мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба назари эътибор гиранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар воқеӣ будани дониши ҳосилшуда, мантиқӣ будани он, робитаи он бо асарҳои муҳаққиқони дигар, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот оид ба мавзуъ, инъикоси объективии муаммоҳои қонунгузории адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ, таҳлили маводҳои илмию амалии соҳавӣ, ворид намудани маводҳои бойгонӣ ба гардиши илмӣ, усулҳои гузарондани таҳқиқот, инчунин, мутобиқати диссертатсия ба талаботи муқарраршуда ифода мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқот аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат анҷом дода шудааст ва ба шиносномаи ихтисосҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмӣ бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуривӣ ва байналмилалӣ тасдиқ карда мешавад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Муқаррарот ва хулосаҳои диссертатсия ҳангоми таълим ва хондани лексияҳо, гузаронидани машғулиятҳои амалӣ аз рӯйи курсҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, таърихи

давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, адвокатура дар Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (ДИС ДДТТ) истифода шудаанд. Оид ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ унвонҷӯ дар чандин конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ бо маърузаҳо баромад намудааст. Аз ҷумла:

**а) байналмилалӣ:**

– конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ таҳти унвони «Тоҷикистон ва муносибатҳои байналхалқии муосир: ҷаҳонишавӣ ва манфиатҳои минтақавӣ» дар мавзуи «История возникновения адвокатуры Таджикистана» (19-20 май соли 2007, ш. Хуҷанд)

– конференсияи байналмилалии илмӣ - амалӣ таҳти унвони «Рақамикунонии сохтмон ва иқтисодиёти сабз: роҳ ба сӯи рушди устувор» дар мавзуи «Проблемы совершенствования института адвокатуры в Таджикистане» (7 апрели соли 2025, ш. Хуҷанд);

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– конференсияи илмию амалӣ таҳти унвони «20 соли Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушди иқтисодиёт ва иҷтимоиёт дар кишвар» дар мавзуи «Асосҳои фаъолияти адвокатураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Меваи истиқлол: Маҷмуаи мақолаҳо ва маърузаҳои олимону устодони ДИС ДДТТ (соли 2011, ш. Хуҷанд);

– конференсияи илмию амалӣ таҳти унвони «Рушди бозор аз ваҳдат аст» Маҷмуаи мақолаҳо ва маърузаҳои олимону устодони ДИС ДДТТ дар мавзуи «Предпосылки создания адвокатуры в Республики Таджикистан» (соли 2012, ш. Хуҷанд);

– конференсияи илмию амалӣ дар мавзуи «Организационно-правовые основы деятельности адвокатуры в условиях современного Таджикистана» Маҷмуаи мақолаҳо ва маърузаҳои олимону устодони ДИС ДДТТ (соли 2014, ш.Хуҷанд);

– конференсияи илмию амалӣ таҳти унвони «Ташаккул ва рушди устувори иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар мавзуи

«Современное состояние адвокатуры в Таджикистане», маҷмуаи мақолаҳо ва маърузаҳои олимону устодони ДИС ДДТТ (соли 2015, ш. Хуҷанд).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба масъалаҳои алоҳидаи мавзуи таҳқиқот аз ҷониби муаллиф 14 мақолаи илмӣ таҳия ва интишор карда шудааст, ки аз онҳо 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақола дар маҷаллаҳои дигар нашр гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** аз мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бармеоянд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо), феҳрасти интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ва замимаҳо иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 214 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ ИНСТИТУТИ ҲИМОЯ ДАР ТАЪРИХИ ДАВЛАТДОРИИ ТОҶИКОН

## 1.1. Пайдоиши институти ҳимоя дар таърихи қадимаи давлатдории тоҷикон

Дар ҷамъияти ибтидоӣ, вақте ки одамони нахустини рӯйи Замин ба асри санг ворид гардиданд, ҳуқуқҳои худ ва ҳуқуқҳои наздикони худро тибқи ғаризаҳои табиӣ ҳимоя мекарданд, бо роҳи худмуҳофизат ва ҷазодиҳии худсарона адолату ҳақиқатро барқарор менамуданд. Шакли аввалини ҳифзи ҳуқуқ худмуҳофизаткунӣ мебошад. Вақте ки инсон мустақилона ҳолати вайрон шудани ҳуқуқаш ва шахсони вайронкунандаи ин ҳуқуқро муайян мекунад, нисбат ба вайронкунандаи он чораҳои таъсиррасониро татбиқ менамояд [209, с. 250-259].

Дар ҷамъияти қабларздавлатӣ, баробари ба вуҷуд омадани ҷомеаҳои падарсолории оилавӣ, вазифаҳои нав, аз ҷумла ёрию ҳимояи ҳамдигарӣ, соҳибият ба амволи умумӣ, дороии умумӣ, назорати ба мерос гирифтани моликият, васоят ва парасторӣ, корҳои ҷамъиятӣ пайдо мешаванд [187, с. 19-20]. Ҳал кардани баҳсу ихтилофҳои дохилиавлодӣ ва байниавлодӣ аз тарафи шахсони сеюм оғоз меёбад. Маҷлиси умумӣ муассисаи асосии судии авлод ва мақоми асосии ҳокимият боқӣ мемонад. Дар суди маҷлиси умумӣ ҳамаи аъзои ҷомеа ва авлод иштирок мекунанд, зеро он ба ҳифзи манфиатҳои умумии аъзои авлод аз таҷовуз, ки ба манфиатҳои умумӣ таҳдид мекунад, равона шудааст. Аҳли авлод бо арзу шикоят ба маҷлиси умумӣ муроҷиат мекунанд. Қарори қатъии ҳалкунандаро дар бораи хиёнат, тарсуӣ, ҷиноятҳои зидди дин, сеҳру ҷодугарӣ, куштор дар дохили авлод ва ғайра, маҷлиси умумӣ қабул мекунад. Барои муайян намудани гуноҳкорӣ ва ё бегуноҳии инсон, ҳалли баҳсҳои байни одамон, ҷазо додани гунаҳкорон усулу тарзҳои махсус, дар намуди санҷишу имтиҳонҳои табиӣ истифода мешаванд, ки расми ордалия аз он ҷумла аст.

В.Л. Василевская комилан дуруст зикр кардааст, ки заминаҳои пайдоиши институти ҳимоя дар шаклҳои ибтидоии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар оғози таърихи инсоният, вақте ки ҳалли ихтилофоти дохилиавлодӣ ва байниавлодӣ ба дӯши тарафи севум, солор, пешво, фиръавн мефароянд, арзи ҳастӣ кардаанд [243, с. 8].

Дар сурати вайрон кардани ҳуқуқҳои худ аъзои авлод ё қабила бо сабабҳои мухталиф на ҳамеша мустақилона метавонистанд, ё мехостанд ҳуқуқу манфиатҳояшонро ҳимоя кунанд, бинобар ин, вазифаи ҳифзи ҳуқуқ аз худи соҳибҳуқуқ ба дигар аъзои ҷомеа мегузашт, ки онҳо манфиатҳои ӯро намояндагӣ карда метавонистанд. Ба ин шахсон хешону наздикон тааллуқ доштанд, ки дар натиҷа тадриҷан институти намояндагии хешутаборӣ ташаккул меёбад. Ба гузашти вақт ин вазифаҳоро шахсони бегона ба уҳдаи худ гирифтанд, ки ё ба манфиати худ ё барои мукофот амалӣ мекарданд [118, с. 156].

Баробари инкишоф ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва роҳҳои савдо фарде, ки дар дигар минтақа ё мамлакати алоҳида қарор дошт, на ҳамеша метавонист масъалаи бамиёномадаро ҳал кунад. Соҳиби мол, ки дар масофаи дур қарор дошт, ҳангоми бастани аҳд шахсан иштирок карда наметавонист, дар мавриди вайрон кардани ҳуқуқ ё фиреб додан бошад, худро ҳимоя карда наметавонист, ки ин боиси пайдо шудани институти намояндагӣ гардид. Механизмҳои ҳуқуқие низ ташаккул ёфтанд, ки имкон медоданд вазифаи ҳифзи ҳуқуқ аз худи соҳибмулк ба шахсони дигар, ки манфиатҳои ӯро намояндагӣ мекарданд, интиқол ёбад. Ғояи намояндагии судӣ бар иваз кардани як шахс бо шахси дигар асос ёфтааст.

Баъди ташаккул ёфтани давлат, аввалин дастурҳо ва меъёрҳое, ки муносибатҳои ҷамъиятиро танзим мекарданд, ба вуҷуд омаданд. Дар мавриди вайронкунии ҳуқуқ барои таъмини ҳифзи манфиатҳо зарурати фаҳмиши муайяни моҳият ва мундариҷаи меъёрҳои ҳуқуқӣ, баҳодиҳии рафтори одамон ва оқибати амалҳои онҳо тақозо карда мешавад.

Бинобар ин, раванди ҳимоя мураккаб гардида, амалӣ шудани намояндагӣ ва ҳимояи манфиатҳои бегона дар сатҳи касбӣ, аз ҷониби одамоне, ки донишу малакаҳои дахлдор доранд, яъне адвокатҳо оғоз ёфт. Ишораҳои аввалинро дар бораи адвокатҳои дунёи қадим дар ҳуҷҷатҳои таърихии Рими Қадим, Юнон ва Миср ёфтан мумкин аст. Дар Русия мафҳуми расмии намояндагӣ дар асрҳои XV-XVI пайдо шудааст [57, с. 32]. Дар Чини Қадим низ институти адвокатураи хешутаборӣ паҳн шуда буд. Дар рафти суд бошад, айбдоршавандаро хешу табор ва дӯстон ҳимоя мекарданд [209, с. 250].

Ҳамин тариқ, заминаҳои пайдоиши институти адвокатура зарурати объективии дар суд ҳимоя кардани манфиати шахсоне буд, ки дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ дониши махсус надоштанд. Институти адвокатура бо ҳуқуқ, ки онро давлат чун низоми меъёрҳо ва қоидаҳои ҳатмии рафтор, ҳамчунин чораҳои масъулияти нисбат ба вайронкунандагон татбиқшаванда муайян мекунад, алоқаи ногусастанӣ дорад.

Таърихи аввалин давлатҳои ҷаҳон – Миср, Бобулистони Қадим, Чин, Ҳиндустон аз он шаҳодат медиҳад, ки дар тартиботи ҳуқуқии онҳо бисёр меъёрҳои ҳуқуқие буданд, ки эҳтиром ва ҳимояи ҳуқуқи инсон ва адолатро ҳифз мекарданд. Ҳар як аз ин тамаддунҳо дар доираи муайян аввалин ҳуқуқҳои инсонро ҳимоя мекарданд [84, с. 25]. Ҳуқуқи Мисри Қадим тавассути Худо Осирис адолати беғаразонаи судиро тасдиқ мекард. Тибқи таълимоти мисриён Осирис ҳамаи корҳои нек ва бади инсонро ба тарозуи адл мегузошт, ҳуқуқи инсонро ба моликият, манзил, ҳаёт, рафтуо, ақида ва ғайра эътироф ва ҳимоя мекард. Ин довари илоҳӣ хайрхоҳону ҳимоятгарони ҳуқуқи инсонро ба биҳишт мефиристод, ҷазои одамони бад дӯзах буд.

Чунин хусусиятҳои судӣ дар ҳамаи давлатҳои Шарқи Қадим ба мушоҳида мерасанд. Худоёни нахустин дар ин давлатҳо ба муқаррар

намудани тартибу адолат дар низоми идоракунии ҷамъияту давлат ёрӣ мерасониданд.

Дар таърихи бостони тоҷикон ҳокимияти олии судӣ дар оғози ҳазорсолаҳои 2 ва 1 Рашан буд, ки дар он офтоб чун рамзи садоқат ба Митра ва мизон бо оташ инъикос ёфта буд. Оташ гунаҳкорӣ ё бегуноҳии инсонро муайян мекард ва тарозу рамзи адолат буд. Яке аз сарчашмаҳои ҳуқуқии зардуштӣ, ки дар давраи ғуруби тамаддуни зардуштӣ ба вуҷуд омадааст, ҳикоя дар бораи инсони муъмин бо номи Виров мебошад, ки ба он дунё сафар кардааст. Виров, ки дар он дунё дар додгоҳи онҷаҳонӣ иштирок карда буд, нақл мекунад, ки чӣ тавр одамоне, ки ҳуқуқи инсонро поймол кардаанд, ҷазо мебинанд ва чӣ тавр онҳое, ки ҳаёти некӯкорона бурдаанд, соҳиби эҳтиром мегарданд. Тибқи ин сарчашма барои дуздӣ, зино, расонидани зарари маънавӣ ҷазои сахт пешбинӣ шудааст. Ҳуқуқ ба моликият, шарафу эътибор, покии оила, тозагии муҳити зист дар ин сарчашма ҳамаҷониба ҳимоя карда мешавад. Ин асар ба ривоёти мисрӣ ва додгоҳи Осирис монанд аст [73, с. 55].

Дар даврони ибтидоӣ одамон ҳуқуқи худро тавассути тасаввуроти динӣ ва фарзу тахминҳои худ, ки аксаран манбаъҳои табиӣ доштанд, ба танзим медароварданд. Одамон адолатро тавассути неруи илоҳӣ, қувваҳои табиӣ ва фариштаҳо барқарор мекарданд. Дар Эрони Бостон тасаввуроти ҳиндуаврупоиён дар бораи имтиҳон бо оташ ё савганд хӯрдан бо оташ васеъ паҳн шуда буд [68, с. 67].

Аз даврони қадим ҳуқуқи судии бисёр халқҳо ба ордалия такя мекард. Ордалия яке аз намудҳо ё унсурҳои аз ҳама паҳншудаи мурофиаи судӣ буд. Дар он судя ба ордалияҳо дар намуди қуръапартоӣ, муҳорибаи судӣ, имтиҳон бо оҳани тафта, оташ, об ва ғайра рӯй меовард. Маънои ордалия ин буд, ки баровардани қарор ё ҳалли кори печ дар печ ба қувваи илоҳӣ супорида мешуд [194]. Ордалия, пеш аз ҳама, чун далели ҳаққоният ё гунаҳкории ин ё он тараф дар суд хизмат мекард ва зимнан

ба ин далел нисбат ба дигар далелҳо ё маълумоти шоҳидон бештар бовар мекарданд [207, с.12].

Дар бораи марҳилаҳои таърихи пайдоиши ҳуқуқи судӣ А.Ғ. Холиқзода дуруст қайд мекунад, ки марҳилаи аввали таърихи ҳуқуқи судӣ аз давроне оғоз меёбад, ки инсон ба ҳифзи манфиатҳои худ чун мавҷуди нимшуур шуруъ мекард. Ҳуқуқ ба моликияти шахсӣ, озуқа, эҳтимоли нуфуз дар ҳудуд, ҳуқуқи ҷуфтшавӣ, ҳуқуқи ҳимояи олоти меҳнат аз тааррузи ва ғайра предмети баҳсҳои ҳуқуқи судии варварҳо буданд. Дар он замон раванди суд аз ҷанги тан ба тан ва ҷазодиҳии худсарона иборат буд. Марҳилаи дувуми таърихи ҳуқуқи судӣ аз даврае оғоз мегардад, ки дар инсон шуури типи ҳозиразамон ташаккул меёбад. Маҳз дар ҳамин марҳила тасаввуроти динӣ ва аввалин динҳои таърихӣ шакл мегиранд. Дар ин марҳила одамон адолатро ба воситаи қувваи илоҳии табиат ва фариштаҳо барқарор мекунанд. Ҳуқуқи судии марҳилаи мазкур дар ҳамаи халқҳо ба ордалия такя мекунад. Асоси маросими ордалияро тасаввуроти динии инсон дар ҷустуҷӯи ҳақиқат, ҷудо кардани ҳақиқат аз дурӯғ ташкил мекунад [250, с. 421].

Ба андешаи В.Л. Василевская, институти ҳимоя дар маҷмуи на онқадар сершумори воситаҳои исбот ҷойи сазоворро ишғол карда, дар аввал ба меъёри ҳуқуқи маъмулӣ (муқаррарӣ) ва сипас, бо пайдоиши давлат ва низоми ҳуқуқии он дар қонунгузорие, ки тафтиши низоъҳо ва мурофиаи судии онҳоро танзим мекунад, ворид гардид [243, с. 251].

Аҷдоди тоҷикон аз давраҳои қадим дар сарзамини Суғд ва Бохтар, Хоразм ва Хуросон маскун шуда, ба ҳаёти сиёсӣ ва ҳуқуқии давлатҳои бостонӣ таъсири сахт расониданд. Халқҳои тоҷику форс тахти таъсири тамаддуни ҳуқуқии зардуштӣ қарор доштанд. Сарчашмаи хаттии нахустин ва муҳимтарини ҳуқуқии тоҷикон «Авесто» ба ҳисоб меравад, ки дар он таҷрибаи беш аз дуҳазорсолаи инкишофи давлатию ҳуқуқии халқҳои Осиёи Миёна ва Эрон нишон дода шудааст. Ба таърихи ҷаҳонӣ Авесто чун сарчашмаи маърифати динӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ,

иқтисодӣ, тиббӣ, табиӣ ва дигар тасаввуроти ҷаҳоншинохтӣ дохил шудааст [127, с. 165]. Аз рӯйи аҳаммият «Авесто» бо чунин меъёрҳои ҳуқуқӣ, аз қабили қонуни Хамураппӣ ё ҳуқуқи Римӣ баробармавқеъ аст [6, с. 33-51]. Мутафаккири бузурги халқи тоҷик, олими мутабаҳҳир Абурайҳони Берунӣ офарида шудани «Авесто»-ро яке аз муваффақиятҳои наҷиби инсоният шуморидааст [72, с.9].

Дар давраи ҳукмронии Ҳахоманишиён меъёру қонунгузориҳои умумидавлатӣ коркард шуданд, ки дар тамоми ҳудуди паҳновари давлат ҷорӣ гардида буданд. Ҳамзамон қонунҳои пештараи халқҳои мухталиф низ эътибори худро нигоҳ доштанд. Эъломияи Куруши Кабир – яке аз бузургтарин шоҳони давлати Ҳахоманишиён, ки соли 539 то мелоди Масеҳ қабул шудааст, дар ҷаҳон аввалин ҳуҷҷат оид ба ҳуқуқи инсон мебошад. Дар эъломия озодии мазҳаб ва ҳуқуқ ба ҳаёт, озодии рафтуо, интихоби манзил ва ҳуқуқи моликият ироа гардидааст. Дар он бори нахуст истилоҳи «ҳуқуқ» арзи ҳастӣ кардааст ва меҳнати маҷбурӣ ва ғуломӣ манъ карда шудааст [237].

Сарчашмаҳои ҳуқуқии «Вандидод», «Бундаҳишн», «Динкард», «Шояаст ва нашояст», «Ардавирафнома», «Минуи хирад», «Пандномаи Анушервон» ва ғайра дастовардҳои ҳуқуқие буданд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсони даврони зардуштияро муқаррар карда буданд [181, с. 60-65]. Дар китоби «Минуи хирад» зикр шудааст, ки боре: «Пурсид доно аз Менуи хирад, ки чӣ гуна метавон хост нигаҳ дорӣ ва осоиши танро ҷудо аз зиёни равон ва раҳоиши равонро ҷудо аз зиёни тан? Минуи хирад посух кард, ки он ки аз ту кеҳтар аст, ӯро ҳамто дор, он ки ҳамтои туст, ӯро меҳтар». Дар андарзи дигар Минуи хирад дар бораи ҳифзи ҳуқуқи моликият мегӯяд: «Аз дороии касон мадузд, то кӯшиши дурусти худат нопайдо шавад». Дар бораи ҳимояи ҳифзи ҳуқуқи кӯдакон ва оила Менуи хирад гуфт: «Фарзандони ноболиғ ва ҳамсарро парасторӣ ва ҳимоя бояд кард» [133, с. 81-103].

Давраи зардуштии инкишофи давлатдорӣ ва ҳуқуқ, марҳилаи ташаккул ва инкишофи шаклҳои мухталифи мурофиаи судӣ (ҳалли баҳс бо роҳи ҷанги тан ба тан, имтиҳон, ордалияҳо) мебошад, ки онҳо то таъсиси мақомоти махсуси адолати судӣ, ҳамчунин ташкил шудани институтҳои гуногуни ёрирасони ҳифзи ҳуқуқ, боқӣ монданд. Ҳуқуқи судии давраи зардуштия низоми ҳуқуқиро бо дин хеле зич пайваст мекунад. Дар Авесто худои адолати ҳуқуқӣ Рашан ва сифати он, тарозуи заррин, мақоми баланд дорад [250, с. 421].

Дар давраи ҳукмронии давлати Ҳахоманишиён (солҳои 550-329 пеш аз мелод) ва сулолаи Сосониён (224-651) меъёрҳои мурофиавию ҳуқуқие инкишоф ёфтанд, ки механизми асосии ҳифзи ҳуқуқ ва озодии инсон ва ҷомеа буданд, зеро дар он давра шаклҳои мухталифи мурофиаи судӣ ва институтҳои ёрирасони адолати судӣ пайдо шуданд [181, с. 60-65]. Дар давраи ҳукмронии Ҳахоманишиён баробари андӯхтани таҷриба оид ба мурофиаи судӣ гурӯҳҳое пайдо шуданд, ки дар сарчашмаҳо онҳо «мунодиёни қонун» номида шудаанд [168, с. 53]. Судяҳо дар рафти тафтишот ва ҳаллу фасли парвандаҳои маданӣ ва ҷиноятӣ бо онҳо тез-тез машваратҳо барпо мекарданд. Институти андарзгар пайдо мешавад, ки вазифаи он тайёр кардани маълумотнома бо зикри меъёри ҳуқуқии манбаи зардуштӣ ба манфиати шахсе буд, ки оид ба парвандаҳои хеле мушкилу мураккаб муроҷиат мекард. Дар ислом ин институтро «муфтӣ» ва маълумотномаи ӯро «фатво» меноманд. И.Б. Буризода дар ин давра пайдо шудани институтҳои «ёрмандон», «мушовирон» ва «вакил»-ро қайд кардааст [74, с. 35]. Айбдоршавандагон дар рафти тафтишот ва судшавандагон ҳангоми мурофиаи судӣ ба ёрии адвокат ҳақ доштанд. Иштироки ин амалдоронро дар мурофиаи судӣ мисоли баррасии судӣ оид ба парвандаи яке аз амалдорони ҳахоманишӣ Тарибозус тасдиқ мекунад, ки ӯро ба муносибати хунукназарона ба иҷрои вазифаҳои худ ва ҳамкорӣ бо душманон алайҳи давлат айбдор карда буданд. Сарчашмаҳо шаҳодат медиҳанд, ки дар рафти мурофиаи судӣ

судшаванда аз ёрии мушовир, яъне аз хизмати адвокат истифода бурда, худро ҳимоя карда, ба бегуноҳ будани худ далелу фарзияҳо оварда метавонист. Баъди баррасии далелҳо ва шунидани шоҳидон, судяҳо дар бораи бегуноҳии судшаванда Тарибозус қарор мебароварданд [171, с. 245].

Дар ин давра фаъолияти пуршиддат оид ба кодификатсия идома меёбад, мураттабсозии манбаъҳо – пойгоҳи ҳуқуқии мурофиаи судӣ ба амал меояд, маҷмуаҳои махсус таҳия мегарданд, ки дар онҳо ҳам меъёрҳои ҳуқуқ ва ҳам масъалаҳои расмиёти амалиётии судӣ инъикос мешаванд. Дар давлати Ҳахоманишиён баъзе меъёрҳое амал мекарданд, ки ба қонуни Хамураппӣ шабоҳат доштанд. Масалан, талофӣ ё ҷуброни сикаратаи зарар ҳини вайрон кардани шартнома ё 100 дарра задани гунаҳкор [68, с. 176].

Сарчашмаҳои давраи сосонӣ дараҷаи баланди инкишофи институтҳои мурофиавӣ ва ҳуқуқи мурофиавиро, ки механизми асосии ҳимояи ҳуқуқӣ, озодӣ ва манфиатҳои инсон ва ҷамъият мебошад, нишон медиҳад. Дар баробари меъёрҳои ҳуқуқ ва қонунгузории позитивӣ меъёрэҷодкунии зерқонунӣ инкишоф ёфта буд, шарҳу эзоҳи расмию ғайрирасмии меъёрҳои мавҷуда вуҷуд дошт.

Дар таҳқиқи таърихи ташаккули адвокатураи тоҷик ва мурофиаи судӣ маҷмуаи қонунҳои сосонӣ ё қонунномаи то замони мо расидаи «Мотикони ҳазарта дадистон»-ро номбар кардан мумкин аст, ки бо номи «Маҷмуаи қонунҳои сосонӣ» ё «Китоби ҳазор қарори судӣ» маъруфият дорад ва мураттибаш довари сосонӣ Фаррахвмарт - писари Баҳром аст ва маводи хеле ғанӣ мебошад [144, с. 276]. Маҷмуаи мазкур компилятсияи шарҳу тавзеҳот мебошад, ки бар амалияи судӣ, меъёрҳои ҳуқуқ, ҳамчунин доктринаи ҳуқуқӣ асос ёфтааст. Манбаи дигари мурофиаи судӣ дастурамалҳои махсус, аз ҷумла дастурамал оид ба тартиби овардани шикоят «Mustabar - namak» - Муштабарнома, «Nipistan» - «Нома», ки дар онҳо дастури амалҳо, ҳамчунин тавсияҳои рата Меҳрасканда дар

бобати савгандхӯрӣ дар муҳокимаҳо», «Эътирози қарз аз меросбарони қарздор» ва ғайра гирд оварда шудаанд [144, с. 277].

Дар ин сарчашмаҳо роҳу тарзҳои ҳалли баҳсҳои (моҷароҳо, нофаҳмиҳо) мураккаб ва қоидаҳои муҳокимавии ҳалли баҳсҳо нишон дода шудаанд, шарҳҳои дорои хусусияти моддӣ-ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ-ҳуқуқӣ пешниҳод гардидаанд, бинобар ин, аз рӯйи дарбаргирии мавзуот ва масоил онҳо баробаранд.

Маҷмуаи қонунҳо дар бораи сохти низоми судӣ ва мурофиаи судии Эрон дар оғози қуруни вусто маълумот медиҳад [234, с. 284-289]. Лозим ба зикр аст, ки як қатор бобҳои маҷмуаи мазкур мустақиман ё ғайримустақим ба масъалаҳои ваколат дар суд ва ҳуқуқи мурофиавӣ бахшида шудаанд. Дар бобҳои алоҳидаи он дар бораи ба суд додани баёноти ихтилофнок, оид ба меъёрҳои ваколат дар мурофиа, меъёрҳо дар бораи даъвогар, баъзе дастурамалҳо оид ба расмиёти суд сухан меравад.

Соли 2016 профессор А.Ғ. Холиқзода дуҷилдаи хрестоматияи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистонро аз чоп баровард. Дар ин маҷмуа тарҷумаи сарчашмаҳои адабиёти иловагӣ, аз ҷумла Қонунномаи Сосониён «Мотикони ҳазор дотистон» нисбатан пурратар оварда шудааст [179, с. 336]. Таҳқиқи сарчашма нишон медиҳад, ки дар давраи Сосониён байни тоҷикон ва эрониён институти вакил дар мурофиаҳои судӣ ва муроҷиатҳо паҳн шуда будааст. Дар фасли Қонунномаи Сосониён «Мотикони ҳазор дотистон» - «Ҳазор амсоли додгоҳӣ» зикр шудааст, ки фард метавонад шахсан бевосита дар мурофиаи судӣ иштирок кунад, ё шахси дигарро ба сифати вакил интихоб намояд. Агар муҷозот дар намуди савганд ё ҷаримаи нақдӣ татбиқ шавад, намоянда метавонист аз иштирок дар мурофиа даст кашад. Тарафҳо бояд вакилро ошкоро интихоб кунанд, онҳо метавонистанд бештар аз як вакил ё мушовири ҳуқуқӣ интихоб кунанд. Вакил ҳақ надорад, нисбат ба мувакилини худ иҷҳоф (тамаъҷӯйӣ) карда, ҳаққулваколаи (музди ваколати) худро изофа бар ҳадди маъмул мутолиба кунад [179, с. 336].

Вакил бояд ваколатҳои қонунӣ дошта бошад ва расман аз ҷониби тарафайн интихоб шавад. Агар вакил дар маҳкама бар хилофи гуфтор ва эътирофи муваккилаш баёнот диҳад, қозӣ набояд онро ба эътибор гирад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи низоми судии зардуштӣ нишон медиҳад, ки дар ҳуқуқи судии оғози асрҳои миёна дар Эрон бештар мундариҷаи мақоми ҳуқуқии иштироккунандагони мурофиаи судӣ, маҳз ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо, ки ба намояндаи судӣ ҳуқуқ доштанд, баррасӣ шудааст. Масъалаҳои намояндагӣ дар суд дар якчанд фасл ё боби Қонунномаи Сосониён мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ғайр аз ин, дар ин давра институтҳои нави ёрирасони адолати судӣ, аз қабили андарзгар (машваратгари ҳуқуқӣ), мушовир (мушовир-адвокат), ёрмандон (нозирон) ва ғайра пайдо мешаванд.

Ба вуҷуд омадани намояндаи судӣ ва дигар институтҳои ёрирасони адолати судӣ реша дар қаъри асрҳо дорад ва ба тақозои заминаҳои объективии иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ арзи ҳастӣ кардаанд. Ғояи намояндаи судӣ бар иваз кардани як шахс ба шахси дигар асос меёбад. Заминаи пайдоиши институти адвокатура бошад, зарурати объективии ҳимояи манфиатҳои шахсоне дар суд мебошад, ки дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ донишҳои махсус надоранд.

Танҳо дар асоси таҳлили ҳаёту вазъияти имрӯза баровардани хулосаҳои муътамад оид ба масоили адвокатура имконнопазир аст. Вазъият ва шароити инкишофи адвокатураи муосирро дар Тоҷикистон танҳо бо роҳи таҳқиқи таърихи пайдоиш, инкишоф ва дигаргуншавии он дар ҳамаи марҳилаҳои рушд, ба ҳисоб гирифтану омӯхтани психология ва ҳувияти халқи тоҷик нисбатан аниқ фаҳмидан мумкин аст. Дар навбати худ, таҳқиқи таърихӣ-ҳуқуқӣ ба муайян кардани якчанд масъалаҳо имконият медиҳад, аз ҷумла вазъият дар гузашта чӣ хел буд, вазъи муосири адвокатура чӣ хел аст, дурнамои инкишофи он дар оянда чӣ гуна сурат мегирад? Дар умум, гузаштаи адвокатура ба равшан сохтани бисёр хусусиятҳои муҳимми вазъи ҳозираи он, дарёфти роҳи

оқилонаи баромадан аз вазъияти муаммоӣ ва пурихтилофи дар соҳаи фаъолияти адвокатӣ бамиёномада, ёрӣ мерасонад.

Ҳини мурочиат ба таърихи давлат ва ҳуқуқи Осиёи Миёна, мо мебинем, ки ташаккули ибтидоӣ ва инкишофи институти ҳимоя чун як қисми низоми судии давлат дар таърихи халқи тоҷик бетағйир боқӣ мемонад. Дар ин бора И.Н. Чорний қайд мекунад, ки дар институти адвокатура идомат ё пайдарпайӣ ба назар мерасад, ки натиҷаи таъсиси институти мурофиаи судӣ дар давраи пайдоиш ва ташаккули давлатдории халқҳои гуногуни олам мебошад. Он низ мисли дигар муассисаҳои ҳуқуқӣ якбора дар шакли муташаккил пайдо шуда наметавонист. Дар иртибот бо ин нуқтаи назар метавон ҳарф зад, ки дар аввал, баъди тақсимоти меҳнат, ҳомигии ҳуқуқӣ ба миён омад, ки инкишоф ва такмили он бояд ба таври мувозӣ бо мураккабшавии сохти ҳуқуқии ҷамъият сурат мегирифт [252, с. 8]. Тамоми институти ҳимоя аз даврони бостон то барқарор гардидани Ҳокимияти шуравӣ, дар навбати аввал, бар ҳомигии подшоҳ, худи судяҳо, дигар амалдорони давлатӣ, ҳамчунин хешу табор ва наздикон асос меёфт. Ин нишон медиҳад, ки ҳомигии ҳуқуқӣ аз ваколати судӣ ҷудо набуд, чӣ тавре ки ҳодисаи мазкур дар Аврупо низ ба мушоҳида мерасад.

Ба ақидаи Н.Д. Мирзозода давлатдории тоҷикон, ки таърихи бисёрҳазорсола дорад ва дар давоми он институтҳои ҳокимият ва идоракунӣ, аз ҷумла институти адолати судӣ пайдо ва инкишоф ёфтанд. Пайдоиши институтҳои ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ давраи нисбатан тӯлонии вақтро дар бар мегирад, ки дар давоми он институтҳои ҳокимияти ҷамъиятӣ тадриҷан ба институтҳои ҳокимияти давлатӣ табдил ёфтанд. Ин раванд аз бисёр ҷиҳат то ҳол ба таври бояду шояд омӯхта нашудааст. Махсусан, масъалаи ба роҳи таҳаввулот ё инқилобӣ сурат гирифтани ташаккулёбии ҳокимият, ки асоси таҳкими тадриҷии сохти давлатӣ гардид, ниёз ба таҳқиқ дорад [135, с. 18].

Роҳи ташаккул ва инкишофи институти ҳимоя дар раванди амалигардонии адолати судӣ дар Тоҷикистон мураккаб буд, зеро худи мақомоти судӣ, раванди мурофиаи судӣ бо дин алоқаи зич доштанд, баҳсҳои ҳуқуқӣ бошанд, дар асоси тасаввуроти динӣ дар бораи адолат ва ҳолати раият ҳаллу фасл мешуданд. Ҷанбаи дигари масъала дар он зоҳир мегардад, ки тамоми мурофиаи судӣ ва таъмини баррасии боадолати парвандаҳо дар судҳо бо шахсият ва обрӯю эътибори подшоҳ алоқамандӣ дорад. Дар ин бобат, катибаи Нақши Рустам шаҳодат медиҳад, ки дар он омадааст: «Ба хости Аҳурамаздо чунон касе ҳастам, ки ростиро дӯст ҳастам, бадиро дӯст нестам. На маро майл (аст), ки шахси заиф аз тарафи тавоно (ба ӯ) бадӣ карда шавад. На он маро майл (аст), ки шахси тавоное аз тарафи заиф (ба ӯ) бадӣ карда шавад. Он чи рост (аст), он майли ман (аст). Марди дурӯғгӯро дӯст нестам. Марде, ки ҳамкорӣ мекунад, ӯро ба ҷойи ҳамкорӣ(аш) ҳамон тавр ӯро подош медиҳам» [183, с. 37, с. 56]. Ба ҳайси механизми асосии ҳимоя ва дар симои подшоҳ дарёфт кардани субъекте, ки манфиатҳои раияташро ҳимоя карда метавонад, аз болои қарори суд шикоят бурдан ба подшоҳ баромад мекард. Тибқи Авесто, шахсони аз қарори суд норозӣ метавонистанд ба Шоҳи шоҳон шикоят кунанд [74, с. 30].

Ба сифати заминаи институти ҳимоя дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ бояд имконияти амалигардонии мурофиаи судӣ дар асоси мубоҳиса қарор мегирифт, ки дар он тарафҳо шоҳидон ва далелҳоро ба ҷонибдории манфиатҳои худ пешниҳод карда метавонистанд. Аз давраҳои қадим дар Шарқ ба ҳайси субъекти асосии ҳимоя худи иштирокчии раванди судӣ, дар мурофиаи судии ҷиноятӣ-айбдоршаванда баромад мекард. Умуман, институти ҳимоя дар Тоҷикистони қаблазшуравӣ чун институти судӣ инкишоф меёфт, қисми таркибии он буд ва аз низоми судии давлат ҷудошаванда ва номустақил буд. Ин нуқта дар он ифода меёфт, ки ҳимоя на танҳо ба уҳдаи худи зерҳимоя, наздикон ва хешу ақрабои ӯ, балки ҳамчунин ба амалдорони давлатӣ,

намояндагони ҳокимият, дар аксар мавридҳо ба худи судя, ки ба шахс барои пешниҳоди далел ва шоҳидон ба ҳимояи худ имконият медод, вогузор мегардид [74, с. 30].

Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда, ташаккулёбии адвокатураи Тоҷикистонро ба марҳилаҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

- марҳилаи аввал, пайдоиши институти ҳимоя аз давраҳои қадимтарин то ба Русияи подшоҳӣ ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ва гузарониданиислоҳоти судии соли 1864 Русияро фаро мегирад;

- ба марҳилаи дувум, баъди Осиёи Миёнаро забт кардани Русия ва ба амал ҷорӣ шудани қонунҳои Федератсияи Русия дар ҳудуди Генерал-губернатории Туркистон дохил мешавад;

- марҳилаи сеюм, инкишофи институти адвокатура дар давраи шуравӣ буда, ин марҳила шомили давраи аввалин давлатҳои шуравии тоҷик (ҶМШС Туркистон, ҶХШБ, ҶШС Тоҷикистон), аз ҷониби давлат эътироф гардидани институти адвокатура чун мақоми мустақил (солҳои 1918-1929) ва давраи ба ҳайси давлати иттифоқӣ ба ҳайати Иттиҳоди ҶШС дохил гардидани давлати тоҷик мебошад.

- марҳилаи чорум, инкишофи адвокатураро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди эълон гардидани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад.

Гуфтан лозим аст, ки ҳар як аз марҳилаҳои инкишофи институти ҳимоя вижагиҳои махсус дорад.

Яке аз аввалин ташкилотҳои давлатии халқи тоҷику форс давлати Ҳахоманишиён мебошад. Дар давлати Ҳахоманишиён ба оштӣ ё мусолиҳа водор сохтан ё таҳрик кардани тарафҳо усули муҳимми ҳалли баҳсҳо дар мурофиа ба ҳисоб мерафт ва он хеле васеъ истифода мешуд. Бо мурури андӯхтани таҷриба оид ба мурофиаи судӣ гурӯҳҳое пайдо шуданд, ки дар сарчашмаҳо онҳоро «мунодиёни қонун» [168, с. 53] меномиданд. Судяҳо дар рафти тафтиш ва ҳалли парвандаҳои маданию ҷиноятӣ бо «мунодиёни қонун» тез-тез машваратҳои якҷоя

мегузаронианд. Айбдоршаванда дар вақти тафтиш ва судшаванда ҳангоми таҳқиқи судӣ ба ёрии адвокат ҳуқуқ дошт. Дар ин давра институти андарзгар пайдо мешавад. Вазифаи ӯ омода сохтани маълумот, бо зикри меъёри ҳуқуқӣ аз манбаи зардуштӣ ба фоидаи мурочиаткунанда, мебошад. Дар давраи исломӣ ин институт «муфтӣ» ва маълумотномаи ӯ «фатво» номида мешавад. Дар адабиёти илмӣ дар ин давра пайдо шудани институтҳои ёрмандон (нозирон), мушовирон (маслиҳатгарон), вакилон (намояндаи тарафҳо) зикр гардидааст. Иштироки амалдорони мазкур дар мурофиаи судӣ дар намунаи баррасии судии парвандаи Тарибозус, яке аз амалдорони Ҳахоманишиён дар Лидия собит мегардад. Тарибозусро ба хунукназарӣ нисбат ба иҷрои уҳдадории худ, ҳамкорӣ бо душманон ва фаъолияти ҷосусии зидди давлат айбдор карданд. Парвандаи ҷиноятии ӯро се судяи ботаҷриба баррасӣ карданд. Ҷолиб аст, ки дар рафти баррасии судӣ судшаванда метавонист аз ёрии адвокат истифода барад, яъне аз ёрии мушовир истифода барад, худро ҳимоя кунад, оид ба бегуноҳии худ факту далелҳо биёрад [240, с. 70].

Зикр намудааст, ки доварӣ фаризае устувор ва суннате аст, ки бояд аз он пайравӣ кард, ҳангоме ки (ду тарафи даъво) назди ту ба муҳосама омаданд, бо диққат қазияро дарёб (то ҳақиқатро ба даст оварӣ) чӣ ба ҳаққу ростӣ сухан гуфтан суде набахшад, ҳангоме ки гӯяндаи он огоҳии комил надошта бошад. Дар назар ва ваҷҳа (сӯи)-и назар ва мутахосимон ва додгарии хеш баробариро пеша гир, то он ки ҳеч забардасте ба ҷонибдории ту нисбат ба хеш тамаъ нabандад ва ҳеҷ нотавоне аз адолати ту навмед нашавад.

Баййина ва далел бар муддаӣ ва савганд бар инкоркунанда аст ва сулҳ кардани мусулмонон бо якдигар дар бораи масоили мавриди низоъ равост, магар сулҳе, ки ҳаромеро ҳалол ва ҳалолеро ҳаром кунад. Ва агар дар амре доварӣ карда бошӣ ва дар он биандешӣ ва фардои он рӯз ҳамон қазияро ба хиради хеш руҷуъ диҳӣ ва ба роҳи рост раҳбарӣ шавӣ, на бояд

доварии нахустин туро аз бозгашт ва ҳаққу адолат боз дорад, зеро ҳақ муқаддам бар ҳар чизест ва бозгашт бад-он аз лаҷоҷат ва исрор дар амри ботил некутар аст.

Барои касе, ки иддао мекунад, муҷиботи исботи ҳақ ё далелаш дар дастраси ӯ нест, муддате муайян кун ва ӯро то поёни он мӯҳлат деҳ, агар асноду далоили хешро дар зарфи он муддат биёварад, бар ҳаққонияти ӯ раъй медиҳӣ, вагарна қазои онро бар вай ҳалол мешуморӣ, зеро ин вазъ шакро беҳтар мезудояд ва ибҳому тирагии қазияро [240, с. 70].

Дар марҳилаи ибтидоии инкишофи таърихӣ дар ҳудуди давлатҳои Осиёи Миёна ва Эрони муосир тафриқаи дақиқи мурофиаҳои судии ҷиноятӣ, маъмурӣ, маданӣ-ҳуқуқӣ вуҷуд надошт. Ин имкон медиҳад, институти ҳимояро аз нуқтаи назари амалӣ гардонидани ҳимоя дар мурофиаи судӣ ба сифати категорияи умумиҳуқуқӣ шарҳ диҳем. Чӣ тавре ки У.А. Азиззода қайд мекунад, ҷиноятҳои мансуб танҳо ба аъзои оила ва аз фазои он набарояндаро метавонистанд худи аъзои оила тафтиш кунанд. Ҳуқуқи ҷиноятии қадимаи халқи тоҷик ба оила арҷи зиёд мегузошт ва ҳимояи беҳбудию некуаҳволии оила аз таҷовузкории ҷиноятӣ дар дӯши солорон буд [242, с. 64]. Мутаносибан, шахси калонсоли оила, ки ҳимояи узви оилаи худро амалӣ мегардонид, дар мурофиаи судӣ вакили асосӣ ба шумор мерафт. Ба аҷдоди тоҷикон покviҷдонӣ, башардӯстӣ ва дигар идеалҳои умумиинсонӣ хос буд. Яке аз хусусиятҳои мурофиаҳои судии он замон дар он мебошад, ки судяҳо дар даврони қадим низ ҳам ҳукм мебароварданд ва ҳам ҳомиёни адолат буданд.

Ҳамин тариқ, маълум мегардад, ки аз давраҳои қадим давлат ба бунёди ҷамъияти ҳуқуқбунёд мекӯшид, ки дар он ҳуқуқу уҳдадориҳои тамоми сокинон риоя мешуданд. Маҳз дар ҳамин давра «Қонунномаи сосонӣ» таҳия гардид, ки мурофиаи судӣ бояд тибқи он сурат мегирифт.

## 1.2. Заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқии ташаккули институти ҳимоятгар дар Тоҷикистони таърихӣ

Мутахассиси маъруфи ҳолландӣ Ван ден Берг асарҳои илмии худро ба фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ дар муҳити ҳуқуқи мусулмонӣ бахшидааст [77, с. 214]. Дар Қуръон ҳимоятгар ба сифати симои мустақил зикр нашудааст. Дар судҳои шариатӣ ин вазифаро олимони ҳуқуқшинос – фақеҳон ва дигар шахсони босалоҳият – муҷтаҳидон иҷро мекарданд. Вазифаи асосии онҳо додани фатво - ҳукм ё хулосаи ҳуқуқӣ бар асоси фиқҳ оид ба ягон масъалаи мушаххас мебошад. Ҳамин тариқ, дар низоми адолати судии мусулмонӣ нақши мурофиавии намояндаи тараф оид ба парванда ва коршинос омехта карда мешавад.

Ба тақвияти нақши муҷтаҳидон набудани прокурор дар ҳуқуқи мусулмонӣ, ҳамчунин «афзалияти иҷмоъ (раъйи якдилонаи фақеҳон) ва ҳалномаи судӣ (собиқа) бар қонун (муқаррароти моддӣ-ҳуқуқӣ ва мурофиавии он), ки П.А. Гусейнов зикр кардааст, низ мусоидат мекунад [199, с. 188-191]. Ба таҳқиқи вазъи ҳуқуқии онҳо асарҳои И.Ю. Козлихин [112, с. 231-258], Ю.Ф. Скакун [163, с. 704], А.Х. Саидов [154, с. 509], Р.Ҷ. Тэррил [176], Эшуортс [67] бахшида шудаанд. Маҳз дар даврони халифат зуҳури адвокатура аз мавқеи институти мустақили ҳуқуқӣ (ба ном институти вакилон) оғоз ёфтааст [130, с. 36].

Ба ақидаи муҳаққиқоне, ки ба мактабҳои ҳуқуқии (фиқҳии) комилан мухталиф мансубанд, хусусияти ғайридавлатӣ доштани ҳуқуқи мусулмонӣ ба фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ таъсири мусбат расонида, «панҷ ҳуқуқи асосии узви уммаро муайян кардааст, ки ҷомеаи мусулмонӣ ба ҳар як фард кафолати давлатии ҳимояро аз маҳдуд сохтани беасос ё вайрон кардани ин ҳуқуқҳо медиҳад: 1) дин; 2) ҳаёт; 3) раъй (ақида); 4) насл; 5) амвол» [198, с. 92-100].

Хусусияти нисбатан бештари мубоҳисавӣ доштани мурофиаи судӣ маҳз дар давраи ҳукмронии Сосониён ба мушоҳида мерасад. Тарафҳо дар мурофиаи судӣ баробар буданд, парванда тибқи шикояти шахсони

хусусӣ оғоз карда мешуд. Дар ташаккули институти ҳимоя дар мурофиаи судӣ дар ин марҳила, махсусан, институти мазолим нақши махсус бозидааст. Р.С. Одинаев менависад, ки мазолим маҳз мақоми баррасии шикоятҳо буд, он чун даъвогари ҷамъиятӣ баромад карда, парвандаро оғоз карда метавонист [249, с. 8].

Институти мазолим дар ҳимоя аз бедодгарию худсариҳои амалдорон, махсусан, аз ҷониби ҳукуматдорон ғайриқонунӣ ғасб кардани замин ва аз ҷониби амалдорон ғайриқонунӣ ситонидани андоз ва бекор кардани қарорҳои ғайриодилонаи рӯҳониён, ки дар давраи инкишофи исломии давлатдории тоҷикон мубрамияти махсусро касб кард, хеле самарабахш буд. Мазолим институти нодири адолати судиро амалӣ гардонидани подшоҳ бар амалдорони давлат буда, баҳсҳо ва даъвоҳоро моҳиятан баррасӣ мекард, ҳамчунин ба ҳайси мақоми аппелятсионӣ, қарорҳои судҳои умумӣ – қозиро баррасӣ мекард, дар мавридҳои зарурӣ метавонист ҳалномаи қозиро бекор кунад. Умуман, институти мазолим чун мақомоти универсалии давлат баромад мекард, ки раияти давлат метавонистанд бевосита ба он муроҷиат кунанд. Мазолим чун мақомоти бисёрвазифа бо амалӣ гардонидани адолати судӣ, назорат, истеҳсоли иҷро ва ғайра машғул мешуд ва институти ҳимояи раияти давлатро аз қарорҳои ғайриодилонаи мақомоти судӣ бунёдгузорӣ ва таъмин мекард. Ин ва дигар ваколатҳо нодирияти мазолимро чун институти адолати судӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон тасдиқ мекунад [249, с. 19]. Агар дар даврони зардуштӣ мазолим бевосита бо баррасии шикоятҳо марбут бошад, дар давраи исломӣ рушди он беш аз пеш хусусиятҳои мақоми судиро касб мекунад.

Қозӣ, муфтӣ, раис ва амалдорони дигари ҳукумат ҳаёт ва фаъолияти худро чун хизматчии динӣ тасвир намуда, адолати судиро иҷро мекарданд. Қозӣ, аълам, муфтӣ, раис ва дигар амалдорон, ки аз ҷониби давлат ваколатдор шуда буданд, адолати судиро амалӣ

мегардониданд, ҳаёту фаъолияти худро бо пардаи динӣ мастур месохтанд, дар асл бошад, бино ба таъкиди зарифонаю дақиқи В.И. Ленин: «Олати хеле нозук ва бешуури саркӯбкунии бераҳмонаи истисморшавандагон буданд, ки манфиати пулдоронро ҳимоя мекарданд» [124, с. 421].

Нақшу мақоми руҳониёни мусулмон сахт тақвият ёфт, онҳо бо такя ба мавқеи худ ба ҳамаи табақаҳои аҳолии шаҳр таъсир мерасониданд. Ба ғайр аз иҷрои вазифаҳои динӣ онҳо ба мурофиаи судӣ низ сарварӣ мекарданд. Маълумоте, ки муаррихон дар соҳаи фаъолияти ҳуқуқӣ гирд овардаанд, имкон медиҳад баъзе тамоюлҳоро дар инкишофи адолати судӣ дар Мовароуннаҳр пешниҳод кунем [180, с. 299]. Дар давраи Сомониён ин рисолатро қозӣ иҷро мекард. Олими ватанӣ Ҷ.З. Маҷидзода менависад, ки дар давлати Сомониён мурофиаи судӣ хусусияти айбдоркунӣ, шифоҳӣ ва ошкоро (аёнӣ) дошт ва дар ин давра прокурору адвокатҳо вуҷуд надоштанд [101, с. 91].

Ба мақсади таъмини истиқлолияти мамлакат ва қатъан мутамарказ сохтани ҳокимият бо роҳи гузаронидани як қатор ислоҳот ва тадбирҳо низоми идоракунии марказӣ ва вилоятӣ ба тартиб оварда шуд. Дастгоҳи давлатӣ таҳти унвони девон таъсис дода шуд, ки он бо номи асосгузори давлати Сомониён – Исмоили Сомонӣ марбут аст. Ҳамагӣ даҳ девон, аз ҷумла девони қозӣ бо қозиюлқуззот вуҷуд дошт. Ин девон корҳои судиро идора мекард, иҷрои адолати судӣ низ дар уҳдаи он буд.

Роҳбари девон қозиюлқуззот буд, ки ба амир тобеъ буд ва амир фаъолияти ӯро таҳти назорати ҷиддӣ қарор медод. Барои аз рӯйи адолат амал кардани қозиён тадбирҳо андешида мешуданд. Адолати судӣ дар он зоҳир мегардид, ки додрасӣ дар маҳалли серодам сурат мегирифт. Ҳарчанд дар раванди мурофиаи судӣ намояндагони тарафҳои баҳс ё ҳимоятгарони онҳо чун намояндагони алоҳидаи суд дар баррасӣ иштирок намекарданд, вале иштироккунандагон ҳуқуқи ҳимояи тарафи худ, шикоят кардан, далелҳои худро пешниҳод намудан ва баён намудан,

ҳолати содир шудани ҳодисаро барои сабук кардани ҷазо ё умуман аз суд озод шудан доштанд.

Ба ҳайси яке аз иштирокдорони калидӣ, ки дар мурофиаи судӣ ҳимояро таъмин карда метавонист, худи қозӣ баромад мекард.

Ҳангоми таъин кардани қозиён аслу насаб ва аҷдоди онҳо ба назар гирифта мешуданд. Дар иртибот бо гуфтаи боло, шаҳодати муаллифи асри XVI Ҳасанхоҷаи Нисорӣ ҷолиби диққат аст. Ӯ дар бораи ҳамзамони худ қозӣ Фатҳулло Хоҷа сухан ронда, зикр мекунад, ки мансаби қозӣ дар Ғиждувон, ки Фатҳулло Хоҷа ишғол мекунад, ба аҷдоди бузурги ӯ низ мансуб буд.

Аз рӯйи маълумоти Мирмуҳаммад Амини Бухорой, подшоҳи аштархонӣ Убайдуллохон унвони фахрии қозикалонро ба амир Шаҳобуддин, писари марҳум қозӣ амир Ҷалол, ки аз табақаи сайидҳо буд дода, ӯро қозии пойтахти худ таъин кардааст [180, с. 200].

Қозӣ дар асоси қонунҳои шариат, ҳамчунин бо такя ба анъанаю одат масъалаҳои мухталифи шаҳрвандонро баррасӣ мекард ва маъмулан, аз хазинаи давлат маош намегирифт. Тибқи маълумот, онҳо аз ҳисоби амволи худӣ, гузаронидани тӯю маъракаю маросимҳои дигар, ба расмияти ҳуқуқӣ даровардани ҳуҷҷатҳо ва дигар сарчашмаҳои даромад ҳаёт ба сар мебурданд.

Қозиён дар шаҳру вилоятҳо мурофиаи судиро амалӣ намоянд ҳам, ба амири мамлакат ва ҳокимони шаҳр, ки фаъолияти онҳоро таҳти назорат мегирифтанд, ҳисоботдиҳанда буданд. Дар баъзе мавридҳо ҳокимони шаҳру вилоятҳо маҷбур мешуданд фикру мулоҳизаҳои қозиёнро ба эътибор гиранд, ба ҳукму нуфузи онҳо тобеъ шаванд. Қозиён на танҳо бо масоили ҳуқуқӣ машғул мешуданд, балки дар мавридҳои ҳузур надоштан ё дар ғоиб будани ҳокимон сарварии шаҳру вилоятҳоро ба зимма мегирифтанд. Дар ин бора дар ҳуҷҷатҳои таърихӣ далелҳои зиёд мавҷуданд.

Фикру ақидаҳои ҳуқуқии доир ба суд, ки дар хонигариҳои Осиёи Миёна паҳн гашта, дар манбаъҳои ҳуқуқи мусулмонӣ, дар маълумотҳои муаррихон, сайёҳон ва амалдорони ҳокимияти подшоҳии Русия инъикосёфтаро баррасӣ намуда, қайд кардан лозим аст, ки онҳо комилан ҷавобгӯи идеологияи феодализм буданд, ки ҳуқуқ ва судро чун муқаррароти динӣ, натиҷаи фаъолияти Аллоҳ – холиқ ва султони коинот мешумориданд [116, с. 20, 25].

Судҳои феодалии қозӣ ва бийҳо, ки дар асоси шариат ва одат амал мекарданд, парвандаҳои ҷиноятӣ ва парвандаҳои маданиро бе иштироки адвокатҳо баррасӣ мекарданд. Қисми зиёди аҳолии маҳаллӣ масъалаҳои ҳуқуқиии шариатро дуруст баҳо дода наметавонистанд ва мустақилона нозукиҳои низоми шариат ва меъёрҳои нонавиштаи одатҳои аксаран пурихтилоф ва аз дақиқию возеҳият орӣ бармеомаданд, сарфаҳм рафта наметавонистанд. Шахсоне, ки дар чунин шароит ба суди қозӣ ё бийҳо кашида шуда, ё муроҷиат карда буданд, чӣ кор мекарданд? Онҳо бо ташаббуси худ маҷбур буданд ба хизмати муфтиҳо, котибон – фақеҳон, ки дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, дар бозорҳо, назди чойхонаҳо, қозихонаҳо ва ғайра бо фаъолияти хусусӣ машғул буданд, рӯй оваранд. Ба ивази мукофотпулии муайян муфтиҳою котибон ба муҳтоҷон оид ба масъалаҳои мавриди назар шарҳу тавзеҳи шифоҳӣ медоданд, чӣ тавр дар суд рафтор карданро маслиҳат медоданд, ҳуҷҷатҳои хаттӣ таҳия мекарданд. Ин ҷо суоле пайдо мешавад, ки чаро онҳо дар суд ба сифати адвокат-ҳимоятгар баромад намекарданд? Вазифаи онҳо аз доираи додани машварати шифоҳӣ ва ё хаттӣ додан берун намерафт. Онҳо дар суд ба сифати адвокат-ҳимоятгар баромад карда наметавонистанд, зеро дар судҳои қозӣ ва бийҳо институти ҳимоятгар вуҷуд надошт. Одамоне, ки оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ё маданӣ ба қозӣ ё бий муроҷиат мекарданд, ё ба суд ҷалб карда мешуданд, бояд ҳуқуқу манфиатҳояшонро худашон ҳимоя мекарданд. Моҳиятан, онҳо дар назди қозиёну бийҳо беҳимоя буданд. Бо вуҷуди ин, ба шахси гунаҳкор имкони амалӣ

гардонидани худҳимоя дода мешуд. Муҳаққиқон қайд мекунанд, ки дар лаҳзаи исботкунӣ ва ё татбиқи ҷазо маҳкумшуда метавонист кирдори содиркардаашро рад кунад ё ҳуқуқ дошт бо тамоми воситаҳои қонунӣ бегуноҳиашро исбот кунад [242, с. 177].

Умуман, дар доктринаи ҳуқуқи мусулмонӣ маҷмуи тадбирҳое оид ба амалӣ гардонидани ҳимояи маҳкумшаванда мавҷуд буд, ки аз маҷмуи томи воситаҳо, яъне аз меъёрҳои пешбиникунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шаҳодати бардурӯғ, баррасии ғаразноки парванда аз ҷониби қозӣ, имкони пешниҳоди далелҳо, баёноти шоҳидон ба ҳимояи худ аз гунохе, маҳкумшударо бахшидани ҷабрдида ва ё хешони наздики ӯ иборат буд.

Дар аморати Бухоро мисли дигар давлатҳои феодалию теократии Осиёи Миёна, нуқтаи назар ба суд ва адолати судӣ, институти химоя ва дигар шаклҳои идеология ба фиқҳ пайваст ва тобеи он буд [190, с. 71].

Шахсоне, ки дар ин давлатҳои феодалӣ адолати судиро татбиқ менамуданд, аз ходимони хурди он сар карда, то ҳукмдорон, ки намояндагии олии судӣ ба онҳо тааллуқ дошт, чун одамони комилан одил тасвир мешуданд, ки на барои ягон манфиати шахсӣ ё шахсони бегона, балки бахри ғояҳои олии маънавӣ амал мекарданд. Ҳокимияти олии судӣ ба худи амир тааллуқ дошт. Ӯ шахсан парвандаҳои ҷиноятиро, ки дар онҳо сухан дар бораи кирдору амалҳои ба мавҷудият ва ҳукмронии аъёни заминдор хавфнок мерафт, баррасӣ мекард. Баъди амир, аз рӯйи аршадият, дар амалӣ гардонидани адолати судӣ қозикалон қарор дошт, ки амир ӯро аз ҷумлаи шахсони ба худ хеле наздик таъин мекард. Қозикалон танҳо ба амир итоат мекард ва дар татбиқи ҳокимияти судӣ дар аморат ёвари асосии амир ба ҳисоб мерафт.

Ҳамаи қозиёни дигар дар маҳалҳо тобеи қозикалон буданд. Ҳуқуқи ба ном «аттестатсия»-и қозиён, яъне ба мансаби ишғолкарда муносиб будани онҳоро қозикалон тасдиқ мекард. Ҳарчанд, моҳиятан, чунин тасдиқи мувофиқат ба мансаби ишғолкарда ба беҳтар намудани татбиқи адолати судӣ мусоидат намекард, вале таъкид кардан зарур аст,

ки, аввалан, он аз дараҷаи садоқати қозӣ ба ҳукумат шаҳодат медод ва сониян, тасаввуротро дар бораи ҳалолкории қозиён дар шуури халқ ташаккул медод [242, с. 178].

Қозикалон он парвандаҳои ҷиноятию маданиро, ки берун аз салоҳияти қозиёни маҳаллӣ буд, аз ҷумла қазияҳои байни сокинони бекигариҳои мухталиф бамиёномада, инчунин баҳсҳоро дар бораи тақсими мерос ва дигар даъвоҳоро, ки дар онҳо манфиатҳои табааи аморати Бухоро ва сокинони маҳаллии кишвари Туркистон ба ҳам бархӯрд мекарданд, баррасӣ менамуд. Ғайр аз ин, ҳамаи парвандаҳои маданӣ ва ҷиноятӣ, ки дар байни сокинони шаҳри Бухоро – раияти амир ба миён меомаданд, дар тобеияти судии қозикалон буд. Ӯ ягона судяи тамоми пойтахт ба ҳисоб мерафт ва ҳуқуқи ба худ таъин кардани ёвар ё вакилро дар татбиқи адолати судӣ дошт.

Дар назди қозикалон дувоздаҳ муфтӣ бо сарварии аълам амал мекарданд, ки вазифаи онҳо тартиб додани ривоят буд.

Амир ба ҳар бекигарии аморат як нафарро қозӣ таъин мекард. Агар теъдоди аҳолӣ хеле зиёд ва шумораи парвандаҳо ҳам бисёр бошад, шумораи қозиён зиёд мешуданд [128, с. 30].

Барои иҷрои адолати судӣ дар байни табақаи низомиён қозии махсус-қозии аскар вуҷуд дошт, ки тобеи қозикалон буд.

Қозиён парвандаҳоро дар асоси шариат баррасӣ мекарданд. Шариат бошад ҳуқуқи имтиёзи синфҳои доро ва беҳуқуқии оммаи ранҷбарро муқаррар мекард. Қозиён шариатро тавре шарҳ медоданд ва ба меъёрҳои он маъноеро мансуб медонистанд, ки ба манфиати истисморгарон мувофиқат мекард. Агар дар суд айбдоршавандагон намояндагони синфҳои истисморгар бошанд, суд ба сабук кардани гуноҳи онҳо кӯшиш мекард, нисбат ба судшавандагон аз ҷумлаи меҳнаткашон ҳалномаҳои устувор мебаровард.

Дар судҳои аморат баррасии коллегиалии парвандаҳо мавҷуд набуд, қозиён парвандаро дар танҳоӣ ҳаллу фасл мекарданд. Ҳамчунин,

марҳилаҳои кассатсионӣ ва аппелятсионӣ низ вуҷуд надоштанд. Тарафҳо ҳалномаи қозиро чун ҳалномаи қатъӣ қабул мекарданд. Танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ, бо салоҳдиди қозикалон ё амир, парванда ба баррасии нав ба қозии дигар супорида мешуд.

Мурофиаи судӣ ҳам ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва ҳам ба парвандаҳои маданӣ шакли ягонаи даъвои хусусӣ дошт, ки ба давлатҳои феодалию теократии Осиё хос аст. Ҳам парвандаҳои маданӣ ва ҳам парвандаҳои ҷиноятӣ танҳо тибқи пешниҳоди даъво оғоз карда мешуданд. Шахси даъвои маданӣ пешниҳодкарда ва ҷабрдидаи парвандаи ҷиноятӣ оғознамуда, якхела - даъвогар, тарафи муқобил - ҷавобгар номида мешуданд [229, с. 49-50].

Аз рӯйи шариат қозӣ бояд парвандаро ошкоро ё оммавӣ баррасӣ мекард, вале қозиҳо бисёр вақт парвандаро дар хонаи худ ва аҳёнан, вақте ки кирдорҳои ҷиноятӣ ошкоро пояи давлат ё динро халалдор мекарданд, ё агар он кирдорҳо густохона ва ошкоро содир шуда бошанд, баррасии парвандаҳо бо мақсади тарсонидани чашми оммаи халқ дар майдони бозорҳо сурат мегирифт.

Мурофиа бо сабаби набудани тафтиши пешакӣ бевосита дар суд оғоз меёфт. Худи ҳамин ҳолат дар бораи он шаҳодат медиҳад, ки қозӣ мурофиаи судиро ба он тарафе, ки ба ӯ нисбатан манфиатовар аст, равона карда метавонист. Ҳарчанд ин раванд гӯё бо баҳси тарафҳо сурат мегирифт, вале, амалан, шахсе сухан меронд, ки бештар донад, ҳарф зада тавонад, тайёрӣ дошта бошад, аз илтифоти қозӣ баҳравар бошад ва ғайра, яъне на шахси меҳнаткаши қашшоқ, балки намояндаи табақаҳои нисбатан сарватманд бошад.

Тибқи қоидаҳои шариат қозӣ, пеш аз моҳиятан баррасӣ кардани парванда, бояд ба тарафҳо пешниҳоди оштӣ мекард ва барои онҳо муҳлати муайянро муқаррар менамуд. Агар тарафҳо пешниҳодро қабул кунанд, қозӣ ба баррасии парванда шуруъ намекард ва мурофиа ба охир мерасид. Агар оштидиҳӣ сурат нагирад, қозӣ ба баррасӣ сар мекард ва он

аз баёни моҳияти парванда шуруъ мегардид. Сипас, эътирози тарафи дигар шунида мешуд. Баъди ин, пурсиши шоҳидон ва аз назар гузаронидани далелҳо, агар онҳо мавҷуд бошанд, сурат мегирифт.

Қайд кардан лозим аст, ки ҷабрдида дар рафти баррасии парванда, то баровардани ҳалнома, аз айбдоркунӣ даст кашида метавонист. Дар ин маврид парвандаи ҷиноятӣ бо оштӣ ба охир мерасид. Ин ҳолат дар мавриде рух медод, ки айбдоршавандаи сарватманд ба ҷабрдида ё айбдоркунанда, ки аз лиҳози моддӣ заифтар буд, ришва медод [230, с. 2].

Далелҳои асосӣ дар суд инҳо буданд: худиқрорӣ, баёноти шоҳидон, қасам.

«Иқрор, - гуфта мешавад дар «Ҳидоя», - далели беҳтарини ҳақиқат аст, махсусан дар мавридҳое, ки ҳолати эътирофшаванда нанговар буда, дардашро ба бор меорад» [178, с. 22].

Дар мавриди иқрори ҷавобгар суд аз уҳдадории санҷиши эътимодбахшӣ ё муътамадии иқрор озод мешуд ва метавонист ҳукм барорад. Ин хусусияти адолати судӣ дар аморати Бухоро аз истифодаи васеи иқрори маҷбурӣ барои гузаронидани таъқиботи сахт нисбат ба ҳамаи онҳое, ки аз ҳукмронии амир ва мутаассибии рӯҳониён норозӣ буданд, шаҳодат медиҳад.

Дар суд танҳо мардони аз лиҳози равонӣ солим ва бабалоғатрасида шаҳодат дода метавонистанд. Дар бораи иштироки фаъолонаи занон дар мурофиаи судӣ умуман ҳарф задан нашояд. Занон ба ҳайси шоҳид дар ҳолатҳои истисноӣ ба мурофиа роҳ дода мешуданд. Нишондоди занро бояд шавҳар ё шахсони наздики ҷинси мард бо қасам тасдиқ мекарданд. Дуюмдараҷа будани нишондоди занон ба манфиати тарафи нисбатан қавӣ истифода шуда метавонист. Вазъи мазлумонаи занон баъзан барои фиреб ва истисмори онҳо истифода мешуд [230, с. 3].

Аз рӯйи парвандаҳои баррасишудаи маданӣ ва ҷиноятӣ қозӣ ҳукм мебаровард, ки он фавран ба иҷро мерасид.

Парвандаҳои каму беш мураккабро судҳои қозӣ дар асоси ривоятҳо – хулосаҳои ҳуқуқии бар ҳукми шариат асосёфта ва муқаррароте, ки тарафҳо ба он манфиатдор буданд, баррасӣ мекарданд. Дар иртибот ба ин маънӣ, дар ба амал баровардани адолати судӣ дар аморати Бухоро муфтиҳо шахсони муҳим ба шумор мерафтанд. Онҳо ҳуқуқи шарҳ додани шариатро доштанд ва фақат онҳо ривоятҳоро таҳия ва баррасӣ карда метавонистанд.

Муфтиёнро амир ё бек аз байни беҳтарин донандагони шариат таъин мекард. Муфтии олӣ унвони «аълам»-ро дошт. Муфтиҳо дорои муҳри хоса буданд, ки ривоятҳои таҳиякардаи худ, ариза, санадҳо ва ҳуҷҷатҳои дигарро бо он тасдиқ мекарданд. Дар аморати Бухоро муфтиҳо ҳудуди муайяни хизматрасонӣ надоштанд. Тарафҳо ба кадом муфтӣ бештар эътимод дошта бошанд, ба ҳамон муфтӣ муроҷиат мекарданд.

Ривояти муфтӣ музднок буд, бинобар ин, дар мурофиа танҳо муштарии аз ҳама сарватманд, ки имконияти дарёфти ривояти барои худ нисбатан мусоидро дошт, ҳақ баромада метавонист.

Ҳангоми баррасии парвандаҳои мураккаб дар суди қозӣ муфтиҳо ҳузур доштанд ва қозӣ доимо ба онҳо муроҷиат карда, фикри онҳоро оид ба ҳама гуна масъалаҳое, ки ҳини баррасии парванда ба миён меомаданд, мепурсид. Баъди ба итмом расонидани баррасии парванда, қозӣ гунаҳкории яке аз тарафҳоро эълон мекард ва аз муфтӣ мепурсид, ки дар чунин мавридҳо дар шариат кадом ҷазо пешбинӣ шудааст.

Ҷолиби диққат аст, ки дар аморати Бухоро дар аксар ҳолатҳо ҷазои алтернативӣ муайян мекарданд: маҳрум сохтан аз озодӣ ё ҷаримаи пулӣ. Бинобар ин, табиист, ки сарватманд бо додани ҷаримаи пулӣ халос мешуд, одами қашшоқ бошад, гирифтори ҳабс мегардид. Ҳамчунин, лозим ба зикр аст, ки маҳрум сохтан аз озодӣ маъмулан бидуни нишон додани мухлат таъин карда мешуд [242, с. 413]. Ҳукми қатл ва ҷазоҳои ҷисмониро ҷаллодони амир, маъмулан, дар рӯзҳои бозор дар майдонҳо

ба иҷро мерасониданд. Ин кор барои тарсонидани халқ ва талқин кардани зарурати бечуну чаро тобеъ будан ба ҳукуматдорон сурат мегирифт.

Ҳокимияти судӣ дар Бухоро ба ғайр аз қозию раисҳо, ҳамчунин ба қушбегӣ ва мансабдорони маъмурияти маҳаллӣ – бекҳо, амлокдорон, ки ҳуқуқи баррасии парвандаҳои мухталифро доштанд, мансуб буд.

Ҳамин тариқ, дар мурофиаи судӣ вазифаи прокурор ва адвокатро қисман қозӣ, муфтӣ, аълам иҷро мекарданд. Қисми дигараш бошад, бар дӯши онҳое вогузор мегардид, ки гунаҳкорро мурофақат мекарданд (хешу табор, дӯстон ва шоҳидони дигар) [230, с. 4].

Шахсоне, ки бо ҳукми қозӣ розӣ набуданд, метавонистанд дар ариза ба номи хон ё ҳокими шаҳр эътироз кунанд. Дар мавридҳои алоҳида вазифаи баррасии парвандаҳои ҷиноятии мураккаб ва баровардани ҳукм ба ҳокими олӣ вогузор мегардид.

Вале, дар вазъиятҳои фавкулода, ин тартиб тағйир меёфт. Бино ба гуфти академик Муҳаммадҷон Шакурӣ [188, с.330], баъди воқеаи Колеюв ва азли қозикалони Бухоро Садри Зиё, қозикалонро дар Қаршӣ ҳабс карданд.

Пас аз чанд рӯзи маҳбусии Садри Зиё дар Қаршӣ ҳукми қатли ӯ расид. Ин ҳукмномаи қатли Садри Зиё бо муҳри Усмонбеки қушбегӣ (вазир) ва Бурҳониддини қозикалон омада буд. Одатан, ҳукми қатлро қозӣ ва қозикалон ба амир пешниҳод мекарданд ва амир ҳукм содир менамуд. Лекин дар айёми террори соли 1918, азбаски ҳукми қатл хеле бисёр содир шуд, лозим донистанд, ки амирро зиёд ташвиш надиҳанд ва ҳукмномаҳоро бидуни муҳри амир Олимхон иҷро намоянд. Иҷрои ҳукми қатл дар уҳдаи қушбегӣ ва ҳокими вилоят буд. Ҳокими вилояти Қаршӣ дид, ки ҳукми қатли Садри Зиё низ бидуни муҳри амир омадааст. Гуфта будем, ки ҳокими Қаршӣ он рӯзҳо ҳукми қатлро бидуни муҳри амир ҳам бисёр иҷро карда буд ва шояд бародарзодаи Садри Зиё Абдулвакил-махдуми ҷавони навдомод чанд рӯз пеш ба ҳукмномаи бидуни муҳри

амир кушта шуда бошад. Вале азбаски ҳокими Қаршӣ Аҳрорқулибек Садри Зиёро бисёр ҳурмат мекардааст, ҳукми қатли ӯро иҷро накард, ба Бухоро баргардонд ва узр гуфт, ки чунин ҳукмномаро бидуни муҳри ҷаноби олӣ наметавонад иҷро бикунад. Пас аз чанд рӯз аз Бухоро фармон омад, ки аз Садри Зиё барои худаш ва бародари ҷадидаш Ғафур-Махдум се миллион сӯми русӣ «бадали хун» ситонида шавад ва баъд онҳоро озод бояд кард» [188, с.308].

Ҳамин тариқ, судҳои феодалӣ парвандаҳои ҷиноятӣ ва маданиро бе иштироки адвокат баррасӣ мекарданд. Адолати судии мусулмонӣ то ҳамроҳ шудан ба Русияи подшоҳӣ дар симои қозиҳо, на танҳо институти адвокатура, балки, умуман, институти ҳимояро сарфи назар мекарданд [137, с. 31].

Дар нимаи дувуми асри XIX, баъди Осиёи Миёнаро забт кардани Русияи подшоҳӣ ва паҳн шудани ҳокимият дар округҳои он, ислоҳоти ҷузъии судӣ гузаронида шуд. Дар он замон қисми зиёди тоҷикон дар Бухорои Шарқӣ (Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ) мезистанд, ба ҳайати Аморати Бухоро, ки аз соли 1868 таҳти протекторати Русияи подшоҳӣ қарор дошт, дохил мешуданд. Қисми дигари халқи тоҷик, ки дар шимоли Тоҷикистон мезистанд ба ҳайати Генерал-губернатори Туркистон дохил мешуд. Дар кишвари Туркистон судро дар байни аҳолии мусулмон шахсони руҳонӣ – қозиҳо амалӣ мегардониданд. Аз соли 1865, баъди ба Русия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна ҳуқуқи таъин кардан ва сабукдӯш намудани қозиён ба ихтиёри намояндаи маъмурияти подшоҳӣ – губернатори ҳарбӣ гузашт.

Аз соли 1867, тибқи «Лоиҳаи Низомнома дар бораи идоракунӣ дар вилояти Ҳафтруд ва Сирдарё», интихобӣ будани судҳо ҷорӣ карда шуд. Дар лоиҳа, ҳамчунин ба ду марҳила ҷудо кардани парвандаҳои судӣ пешбинӣ гардида буд. Дар марҳилаи якум, парвандаҳои даъвогӣ ба маблағи то 100 рубл, дар марҳилаи дувум, ба бештар аз 100 рубл ҳал

мешуд. Дар ин давра «Лоиҳаи Низомнома дар бораи идоракунӣ дар вилоятҳои Ҳафтруд ва Сирдарё» то соли 1886 амал кард [137, с. 31].

Соли 1886 дар Бухоро Агентии сиёсии императории Русия таъсис дода шуд. Дар аввал, он тобеи Вазорати корҳои хориҷӣ буд, баъдтар тобеи Генерал-губернатории Туркистон ва ба воситаи он ба вазири ҳарбӣ тобеъ гардид. Муносибатҳои худро бо давлати Русия ҳукумати аморат танҳо тавассути ҳамин агентӣ амалӣ мегардонид ва ҳамаи масъалаҳои муҳимми сиёсати хориҷӣ ва дохилиро ҳатман бо агентӣ мувофиқа мекард. Ба ибораи хеле рехтаи С.Айнӣ дар аморат «... на танҳо азлу насби мисли қушбегӣ ва қозикалон маъмурони бузург, ҳатто ҳоким ва қозиёни вилоятҳои калони Бухоро ҳам бо савобдид ва тадохули вакили сиёсии Русия таъин меёфт» [101, с.130].

Соли 1886 «Низомнома оид ба идоракунии кишвари Туркистон» қабул шуд, ки тибқи он қозиён номи судяҳои халқиро гирифтанд.

Ду марҳилаи суд ҷорӣ карда шуд: марҳилаи якум – судяи халқӣ, ки ҳамаи парвандаҳои ҷиноятӣ ва маданиро мустақилона баррасӣ мекард; марҳилаи дувум – анҷумани судяҳои халқӣ, ки ба он тарафҳои аз ҳалномаи суди марҳилаи якум норозӣ шикоят оварда метавонистанд. Дар сурати зарурат, анҷуманҳои (съезди) фавқулоддаи судҳои халқӣ даъват карда мешуданд.

Аз ҳамин лаҳза дар баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ бо иштироки раиятҳои империя иштироки адвокатҳо – вакилони касбӣ ва ёварони онҳо оғоз ёфт. Вале онҳо, яъне адвокатҳо ва ёварони онҳо намояндагони синфҳои ҳукмрон буданд ва табиист, ки манфиатҳои аъёни истисморгар, сарватмандон, тартиботи истисмории мустамликавӣ, аркони мутлақиятро ҳимоя мекарданд.

Чӣ қадаре ки адвокат таҷрибадор ва машҳур бошад, теъдоди муштариёни ӯ бештар буд ва ҳаққи кори ӯ баландтар ва хизмати вай ба халқ дастнорастар мегардид.

Инкишофи фаъолияти адвокатӣ аз нимаи дувуми асри XIX дар Тоҷикистон, махсусан, дар қисмати шимолии он, ки ба ҳайати Генерал-губернатории Туркистон дохил мешуд, бевосита бо ташаккул ёфтани институти фаъолияти адвокатӣ дар Русияи подшоҳӣ алоқаманд аст.

Дар бобати Русияи подшоҳӣ зикр кардан лозим аст, ки ҳамаи шоҳон аз Петри 1 то Николайи 1 комилан зидди таъсиси иттиҳодияи адвокатӣ ба шеваи Ғарб дар Русия буданд. Петри 1 адвокатҳоро суханчин, хабаркаш, рафиқони duздону қотилон меҳисобид. Ӯ чунин мешуморид, ки адвокат бо дархостҳои дуру дарози худ судяро ба заҳмат мононда, корро ба ҷойи ҳар чӣ тезтар ҳал кардан, сарбастатар мекунад. Екатеринаи II ва Николайи I адвокатҳоро яке аз гунаҳкорони асосии инқилоби Фаронса ва сарнагун гардидани мутлақият мешумориданд. Аммо мо бо ин ақида розӣ нестем, зеро унсурҳои ибтидоии адвокатура дар шакли ҳимоя баъди ҳуҷумҳо, зуровариҳо ё таҳдиди он, дар ҳоле ки зарурат ба ҳимоя, худмудофиа ба миён омад, пайдо шуданд [56, с. 41].

Дар аввал дар Русия адвокатура чун намояндагии судӣ ба вуҷуд омадааст, ҳарчанд ёдгории ҳуқуқии Руси Қадим – Ҳақиқати Руси (Русская правда) қарнҳои X-XII [172, с. 42] дар бораи намояндагии (ваколати) судӣ ишорае надорад. Дар мурофиаи судӣ принсипи ҳузури шахсии тарафҳо бартарӣ дошт. Аввалин меъёри намояндагии судӣ дар Рус дар Номаи судии Псков (1397-1467) дучор мешавад, ки тибқи он намояндагонро (вакилонро) танҳо занон, кӯдакон, роҳибон, мӯйсафедони барҷомонда ва карҳо даъват карда метавонистанд. Ин ҳолат дар бораи поймол кардани ҳуқуқ ё баръакс, ҳимояи ҳуқуқи гурӯҳҳои аз ҳама заъфпазир-ақаллият шаҳодат медиҳад.

Баъдан, дар ҷамъият тадриҷан ба сифати ҳимоя намояндагии хешутаборӣ ба вуҷуд омад, ки ба пайдоиши вакилони кироя бунёд гузошт. Дар он замон ҳимоятгаронро вакил оид ба парванда, вакили даъво меномиданд. Онҳо баъди дар суди тиҷоратӣ ба ҳайси вакили даъво номнавис шудан, яъне аз қайд гузаштан, ба фаъолият шуруъ карда

метавонистанд. Чунин тартиботро Қонуни Империяи Русия аз 14 майи соли 1832 муқаррар карда буд [259, м. 184, 191]. Ба назари мо, ҳанӯз аз ҳамон вақт сар карда, кушишҳои ба тартиб даровардану низомбандӣ кардани адвокатура оғоз ёфта буд. Ҳарчанд дар он замон қонун номгӯйи ҳуҷҷатҳоеро, ки довталаби мансаб бояд ба суд барои ба сифати вакили даъво аз қайд гузаштан пешниҳод кунад, муқаррар накарда буд. Қонун танҳо аз номзадҳо пешниҳод кардани «аттестатҳо, варақаи хизматҳо ва дигар шаҳодатномаҳоро дар бораи унвонҳо ва рафтор аз рӯйи салоҳдиди худ тақозо менамуд».

Қонун пешбинӣ кард, ки суд теъдоди кофии вакилони даъво дошта бошад, то ки тарафҳои даъво дар интихоби вакил мушкилӣ накашанд. Чунин кафолат то ба имрӯз омада расидааст ва дар қонун мустаҳкам карда шудааст. Аз ҷумла, мувофиқи моддаи 49 Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати дар мурофиа иштирок карда натавонистани як ҳимоятгар ба айбдоршаванда имкон медиҳад, ҳимоятгари дигарро даъват кунад [52, с. 27]. Ба сифати ҳимоятгар адвокатҳо иштирок мекунанд. Чунин тартиб, инчунин дар муқаррароти моддаи 49 Кодекси мурофиаи ҷиноятии ФР, ки тибқи таъинот ё қарори суд, дар баробари адвокат, яке аз хешовандони наздики айбдоршаванда ё шахси дигаре, ки дар бораи иҷозати ӯ айбдоршаванда муроҷиат мекунад, метавонад ҳамчун ҳимоятгар роҳ дода шавад [25].

Ҷамъият ва қонунгузории Русия дар соҳаи намояндагии судӣ бо мурури замон инкишоф меёфт, ба он навовариҳо ворид мешуданд ва аллакай дар миёнаи асри XIX зарурати гузаронидани ислоҳоти судӣ ба миён омад, ки ба таърих чун «Оинномаҳои судӣ» аз 20 ноябри соли 1864, дар доираи ислоҳоти ҳуқуқии император Александр II, дохил шудааст. Омодагӣ ба ислоҳот аз 8-уми сентябри соли 1858, аз замони ба император пешниҳод шудани маъруза «Дар бораи таъсис додани вакилони даъво» аз ҷониби сардори шуъбаи дувуми Дафтари императорӣ

граф Н.Д. Будалов оғоз ёфтааст [117, с. 58]. Граф Н.Д. Будалов комиссия ташкил кард, ки ба туфайли фаъолияти он ҳуҷҷати «Муқаррароти асосии ислоҳоти қисми судӣ дар Русия» арзи ҳастӣ намуд.

Баъди бекор кардани ҳуқуқи крепостной, Александри II «Оинномаҳои судӣ»-ро баррасӣ карда, изҳор дошт, ки он ба хоҳиши вай дар бораи «дар Русия ҷорӣ намудани суди фаврӣ, боадолат, бомарҳамат ва баробар барои ҳамаи раият» пурра мувофиқ аст [97, с. 13] ва 20-уми ноябри соли 1864 он дар шакли қонун қабул шуд. Олими соҳа И.С. Муҳаммадиев менависад, ки: «Ислоҳоти судии соли 1864 дар Русия гузашта, мустақилияти судро аз маъмурият эълон дошт. Судяро ҳукумат таъин мекард, судяро танҳо бо қарори суд аз кор сабукдӯш кардан мумкин буд, муҳокимаи судӣ ошкоро баргузор мегардид, раванди мубоҳисавӣ будани мурофиа ҷорӣ карда шуд: айбдоркуниро прокурор дастгирӣ менамуд, ҳимояро адвокат (вакили даъво)» [137, с. 24]. Ислоҳоти судии соли 1864 ислоҳоти азиме буд, ки манбаъҳои либералиро дар ҳуқуқ ҷорӣ намуд ва бори аввал дар Русия адвокатура - ташкилоти босалоҳият ва худидоракунандаро таъсис дод, ду шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ -вакилони касбӣ (корпоратсия, ки савганди касбии адвокатҳоро ёд мекунад) ва вакилони хусусӣ (ки ба таври инфиродӣ бо амалияи адвокатӣ машғуланд) - ро ҷорӣ кард.

Адвокатура, ки дар рафти ислоҳоти судӣ таъсис ёфт, ба зудӣ дар ҷамъият соҳиби эътибор гардид, шумораи «пирӯзиҳо» дар баррасии парвандаҳо зиёд мешуд ва он ба соҳаи хеле баобрӯ ва сердаромади фаъолият табдил ёфт.

Дар байни адвокатҳо нақши пешбарро вакилони касбӣ, ки аз шумораи донишмандону ашхоси фозили ҷомеа интихоб мегардиданд, бозӣ мекарданд. Иттиҳодияҳои онҳо тибқи маҳалли ҷойгиршавӣ ташкил мешуданд. Мақоми худидоракунӣ Шуро ва маҷлиси умумии вакилони даъво буд. Амалан, ҳамаи корҳои корпоратсия дар ихтиёри Шурои

вакилони касбӣ буд. Назорати фаъолияти онро судҳои минтақавӣ амалӣ мегардониданд.

Ҳуқуқи гирифтани унвони вакилони касбиро шахсоне ба даст меоварданд, ки ба шартҳои муқарраркардаи қонун мувофиқат кунанд: синни 25-солагӣ, доштани маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ, собиқаи панҷсолаи амалияи судӣ ба сифати амалдори идораи суд ё ёвари вакили даъво [75, с. 43].

Бар хилофи вакилони касбӣ, ки ҳуқуқ доштанд дар тамоми судҳои дилхоҳи империяи Русия баромад кунанд, вакилони хусусӣ танҳо дар судҳое баромад карда метавонистанд, ки ба онҳо чунин иҷозатномаро додааст. Иҷозатномаро шахсони маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ надошта гирифта метавонистанд. Қонунгузорие, ки фаъолияти вакилони хусусиро танзим мекард, мақоми қабл азислоҳотии онҳоро нигоҳ дошт. Ҳамаи масъалаҳои марбут ба фаъолияти адвокатҳои хусусӣ, аз ҷумла узвият ва масоили интизомӣ, дар навбати аввал, аз ҷониби судҳо ҳал мешуд. Вазорати адлия назорати нисбатан умумиро амалӣ мегардонид. Кори адвокат аз пешбурди даъво ва баромад кардан дар назди суд, аз таҳияи ҳуҷҷатҳо оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва маданӣ иборат буд.

Муҳаққиқон зикр менамоянд, ки дар кишвари Туркистон адвокатҳое, ки сокинони маҳаллиро зери ҳимоя мегирифтанд ва аз номи онҳо шикоят менавиштанд, зери фишори маъмурият ва амалдорони подшоҳӣ қарор мегирифтанд, ки ин боиси мушкилот дар фаъолияти маслиҳатхонаҳои барои аҳоли кушодашуда мегардид. Масалан А. Каганович зикр намудааст, ки соли 1908 вакили даъвои Самарқанд бо номи Лейбензон аз номи сокинони маҳаллӣ аз болои суди халқӣ ва мақоми болоии он - Съезди судҳои халқӣ шикоят навишта, онҳоро ба порахурӣ айбдор намуд. Маъмурияти кишвар бошад, ба раиси суди округи Самарқанд супориш дод, ки фаъолияти зараровари вакилони даъворо пешгирӣ намояд, дар натиҷа ба вакили даъво Лейбензон танбеҳ эълон карда шуда, ӯро бадарға карданд [293]. Чунин фишороварӣ пештар

низ ҷой дошт. Моҳи январи соли 1877 дар рӯйи яке аз шикоятҳои аз номи сокинони маҳаллӣ барои бекор кардани қарори бийҳо навишташуда, аз тарафи амалдорони маъмурият чунин дастхат гузошта шудааст: «... ба адвокат-муаллифи шикоят фаҳмонида шавад, ки «агар» бо шикоятнависӣ барои сокинони маҳаллӣ машғул шавад, вай чун шахси зарарнок аз кишвар бадарға карда мешавад».

Дар бораи беадолатии фаъолияти амалдорони Бухоро ва беадолатии судҳои қозӣ дар ёддоштҳои С. Айнӣ маълумоти мукаммал оварда шудааст, ки дар он мурофиаи судӣ бо иштироки айбдоркунандаи давлатӣ – Ҷунбул, даъвогар Мухтор-Хоҷа, ки аз болои аробакаш шикоят навишта, ӯро барои суханони ғайришаръӣ айбдор карда буд, шоҳидон Қорӣ Самеъ, Абдураҳмон, Рафтор ва Қиём Махсум ба сифати ҳимоятгар иштирок дошатанд, аз тарафи Қозикалон таъин карда шуда буданд [62, с. 250-251].

Ҳарчанд ки дар кишвар ҷазоҳои ҷисмонӣ бекор шуда буданд, вале «аробакаш» ба ҷазои қатл-сангсор ҳукм карда шуд. Мурофиаи судӣ бо маслиҳати амалдорони Генерал-губернатор ва Агентии сиёсии Россия дар Бухоро аз тарафи Қозикалон гузаронида шуд.

Дар кишвари Туркистон, ки се шакли судҳо: судҳои тибқи қонунгузории империявӣ таъсисёфта, судҳои қозӣ тибқи ҳуқуқи мусулмонӣ ва судҳои ҳуқуқи одат амал мекард. Субектҳои пешбурди мурофиаи судиро шахсони зерин ташкил медоданд: суд шахси мансабдори-амалдоре, ки чун намояндаи ҳокимият адолати судиро ба амал мебаровард; тарафҳо, ки дар парванда ба сифати даъвогар ва ҷавобгар иштирок мекунанд; иштирокчиёни мурофиа, ки дар ба амал баровардани адолати судӣ иштирок мекунанд, аз ҷумла фиқҳ, мушовир, назоратчӣ ва ғ.

Тибқи моддаи 169 Низомнома дар бораи идоракунии кишвари Туркистон соли 1886 доир ба ҷиноятҳое, ки ҷазои маҳрум намудан аз ҳамаи ҳуқуқҳо пешбинӣ шудааст, дар суд айбдоркунӣ аз тарафи

прокурор дастгирӣ карда мешавад, ба судшаванда аз ҳисоби амалдорони дар назди суд буда вакили хусусӣ ё аз ҳисоби шахсони бегона бо супориши Раиси суд таъин карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, давраи зардуштӣ барои танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла мурофиавӣ заминаи воқеӣ гузоштааст, ки ин ҳолатро дар меъёрҳои Авесто, Эъломияи Куруши Кабир ва Қонунномаи Сосониён мушоҳида намудан мумкин аст, ки аввалин сарчашмаи маърифатию таърихӣ-ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳо оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон буда, ба он таҳкурсии асосӣ гузоштааст.

Дар ин давра меъёрҳои мурофиавию ҳуқуқӣ инкишоф ёфтанд ва механизми асосии ҳифзи ҳуқуқ, шаклҳои мухталифи мурофиаи судӣ ва институтҳои ёрирасони адолати судӣ пайдо шуданд (мунодиёни қонун, андарзгар, ёрмандон, мушовирон, намоянда).

Дар ҳуқуқи мусулмонӣ ҳимоятгар ба сифати симои мустақил зикр нашудааст, вале ин вазифаҳоро муҷтаҳидон иҷро менамуданд. Дар давраи хилофат зуҳури адвокатура аз мавқеи институти мустақили ҳуқуқӣ, яъне вакилон оғоз ёфтааст. Дар ташаккули институти ҳимоя дар мурофиаи судии исломӣ маҳз дар ҳамин марҳила нақши махсусро институти мазолим бозидааст. Институти мазолим дар ҳимоя аз тааддии амалдорон, махсусан, вайронкунии ҳуқуқ ҳангоми ғасби ғайриқонунии замин аз ҷониби ҳукуматдорон ва ҷамъоварии ғайриқонунии андозҳо аз ҷониби амалдорони андоз, бекор кардани ҳукми ноодилонаи рӯҳониён, ки он, махсусан, дар давраи инкишофи исломии давлатҳои халқи тоҷик муҳиммият пайдо кард, муассир буд. Мазолим институти нодири амалигардонии адолати судии шоҳ нисбат ба амалдорони давлат буд. Он баҳсҳо ва даъвоҳоро моҳиятан баррасӣ мекард, ҳамчунин ба сифати марҳилаи шикоятӣ ҳалномаи судҳои умумӣ-қозиҳоро баррасӣ мекард ва дар мавридҳои зарурӣ ҳукми қозиро бекор менамуд.

Дар давлатдории Сомониён мурофиаи судӣ хусусияти ҷамъиятӣ-ҳуқуқӣ ва омехта дошт. Қозӣ дар доираи меъёрҳои шариат парвандаҳоро

баррасӣ менамуд. Мавқеи асосиро дар амалӣ намудани адолати судӣ қозиҳо ишғол менамуданд, вале дигар мақомот ва шахсони мансабдор аз қабили девони мазолим, шайх-раис, қушбегӣ судҳои махсус низ ба ин кор машғул буданд.

Дар умум, институти ҳимоя дар Тоҷикистони қабл аз шуравӣ чун институти судӣ инкишоф меёфт ва қисми таркибии он буда, аз низоми судии давлат ҷудонашаванда буд ва мустақил набуд. Ин нукта дар он ифода меёфт, ки ҳимояро дар баробари худи зерҳимоя, хешу табор ва наздикони ӯ амалӣ мекарданд. Ҳамчунин ҳимоя ба амалдорони давлат, намояндагони ҳокимият, дар аксари мавридҳо ба худи қозӣ вогузор мегарданд. Қозӣ ба шахси зерҳимоя пешниҳод мекард, ки ба ҳимояи худ далел ва шоҳидон орад.

Судҳои феодалии қозигӣ ва бийҳо, ки дар асоси шариат ва одат амал мекарданд, ҳам парвандаҳои ҷиноятӣ ва ҳам маданиро умуман бе иштироки адвокат баррасӣ менамуданд. Қисми зиёди аҳолии таҳҷоӣ, ки мустақилона ба нозукиҳои низоми мураккабу печ дар печи шариат ва меъёрҳои нонавиштаи ҳуқуқи одат сарфаҳм намерафт. Дар чунин шароит шахсоне, ки ба суд ҷалб мешуданд, ихтиёран ба хизмати муфтиҳо, котибон - фақеҳон, ки дар ҷойҳои ҷамъиятӣ (бозорҳо, чойхонаҳо, қозихонаҳо ва ғайра) бо амалияи хусусӣ машғул мешуданд, рӯй меоварданд. Бо пардохти ҳаққи муайяни хизмат онҳо ба муроҷиаткунандагон оид ба масъалаҳои мавриди назар шарҳу тавзеҳот медоданд, оид ба рафтор дар суд маслиҳатҳо медоданд, ҳуҷҷатҳои хаттӣ таҳия мекарданд. Вазифаи онҳо аз ҳудуди додани маслиҳатҳои даҳонӣ ё хаттӣ берун намерафт.

### 1.3. Ташкили фаъолият ва хусусиятҳои амалкарди институти адвокатураи тоҷик дар ҳайати ҶШС Туркистон ва дар ҳайати ҶХШ Бухоро

Моҳи октябри соли 1917 дар Русия ҳокимияти сиёсӣ ба дасти болшевикҳо гузашт. Дере нагузашта ҳокимияти шуравӣ дар ҳудуди Генерал-губернатории Туркистон низ барқарор гардид ва ҶМШС Туркистон таъсис ёфт. Баъди ғалабаи инқилоби халқӣ соли 1920 дар аморати Бухоро, Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро ташкил шуд. Бояд зикр намуд, ки ҶМШС Туркистон, ки ҳудудҳои шимолии Тоҷикистони муосир низ ба он дохил мешуданд, дар ҳайати ҶФШСР буд. Бинобар ин, институтҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ дар он ҷо аз рӯйи намуна ва шабеҳ ба давлати Русия ташкил карда мешуданд ва қонунгузории Русия бевосита дар ҳудуди ҶМШС Туркистон амал мекард. Дар ин бора олими ватанӣ, академик Ф.Т. Тоҳиров зикр намудааст, ки дар қисми ба Русияи подшоҳи ҳамроҳшудаи Осиёи Миёна, яъне дар Генерал-губернатории Туркистон ҳуқуқи империяи рус ба системаи ҳуқуқи ҳукмрон табдил ёфта буд ва дар ин кишвар қонунҳои нав таҳия дода мешуданд, ки шароити маҳалро инъикос мекарданд. Дар Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ, ки ба ҳайати Аморати Бухоро (ҳудуди Русияи подшоҳӣ) дохил мешуданд, ҳуқуқи империявӣ қисман интишор ёфта буд [174, с. 6].

Заминаҳои пайдоиш ва рушди адвокатураи тоҷикро таъсис ва инкишофи адвокатураи шуравӣ ва паҳн шудани он дар ҳудуди ҶМШС Туркистон, ки ҳудудҳои шимолии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро ба он дохил мешуданд, ташкил медиҳад. Бинобар он, барои пурратар тасаввур намудани «манзараи» мавзуи мавриди таҳқиқ қарор гирифта, ошкор сохтани хусусиятҳои шабеҳи онҳо дар доираи кори диссертатсионии мазкур, таҳқиқи таърихи инкишофи адвокатураи Русия ва шуравӣ ва паҳн шудани он дар ҳудуди Тоҷикистони муосир ба мақсад мувофиқ аст.

Аз лаҳзаи ба амал омадани Инқилоби Октябр дар Русия соли 1917, ва инқилоби халқӣ дар Бухоро соли 1920, дар мамлакат ва дар таърихи халқи тоҷик тағйироти умда ва дар низоми ҳуқуқии ҷамъият дигаргуниҳои бунёдӣ ба вуқуъ пайвастанд. Аз оғози амалӣ гардонидани

ислоҳот институти адвокатура дар маркази диққати мақомоти ҳизбии шуравӣ қарор дошт. Ин таваҷҷуҳ, пеш аз ҳама, аз нобоварии болшивекон ба институти адвокатура сарчашма мегирад. Азбаски институти адвокатура пештар ҳам, яъне то инқилоб вуҷуд дошт, дар таърихи адвокатураи шуравӣ чунин ақидаҳое ҳукмрон буданд, ки буржуазия баъди ба сари ҳокимият омадан, ҳамаҷониба кӯшиш мекард, то институти ҳимояро дар хидмати манфиатҳои худ гузорад.

Ба ақидаи М. Равич адвокатураи буржуазӣ дар механизми давлати капиталистӣ яке аз қувваҳои асосӣ аст. Ба воситаи ҷамъиятҳои саҳомӣ ва бонкҳо, тавассути машваратгоҳҳои ҳуқуқӣ ва озмунҳо он бо ҳазор ришта бо буржуазия пайванд мебошад, дар судҳо ба он хизмат мекунад, дар парламент онро намояндагӣ мекунад. Вале ҳанӯз дар даврони капиталистӣ дар сафи адвокатураи буржуазӣ гурӯҳи камшумори чапгаро вуҷуд дошт. Дар сафи адвокатура баъзан, ҳарчанд тасодуфӣ ва муваққатӣ бошад ҳам, инқилобиён пайдо мешуданд. Дар солҳои 90-уми асри XIX ба адвокатураи Петербург ба ҳайси ёвари вакили даъво В.И. Ленин ба кор даромад ва то ҳабсу бадарға шудан, дар он ҷо фаъолият бурд [224, с. 20].

Нобоварии худро ба адвокатураи тоинқилобӣ В.И. Ленин дар мактуб ба Е.Д. Стасова бо қатъият ифода кардааст: «Адвокатҳоро маҳкам дар даст доштан ва онҳоро дар муҳосира қарор додан лозим аст… Танҳо адвокатҳои оқилро гирифтан лозим аст, адвокатҳои дигар зарур нестанд.... Лекин, ба ҳар ҳол, аз адвокатҳо ҳарос доштан ва ба онҳо бовар накардан беҳтар аст» [123, с. 60-61]. Бинобар ин, баъди ғалабаи Инқилоби Октябр якҷоя бо муассисаҳои судӣ, прокурорӣ ва дигар мақомоти адлияи кӯҳна адвокатураи касбӣ низ барҳам дода шуд. Дар инкишофи институти адвокатура ҳокимияти шуравӣ ҳам нақши мусбат ва ҳам нақши манфӣ бозидааст. И.Н. Чорний қайд мекунад, ки дар инкишофи худ адвокатураи шуравӣ якчанд марҳилаҳои муҳимро аз сар гузаронидааст, ба вай аввал аҳаммияти конститутсионӣ дода шуд,

вале зимнан кӯшишҳои аз ҷиҳати маъмурӣ дар тобеияти давлат мондани адвокатура ба назар мерасанд, ки онҳо то ба охир пурра амалӣ карда нашуданд» [252, с. 4].

Инқилоби соли 1917 дар баробари аз байн бурдани суду прокуратура, ҳамчунин адвокатураи вакилиро (присяжная адвокатура) низ бекор кард. «… Мо адвокатураи буржуазиро дар Русия, - навишта буд В.И. Ленин, - барҳам додем ва дуруст ҳам кардем, ки барҳам задем …» [122, с. 101]. Барҳам додани ба ном адвокатураи буржуазӣ дар санади қонунгузории аввалини ҳокимияти шуравӣ дар бораи суд – «Декрет дар бораи суд №1» эълон шудааст. Дар солҳои нахустини Русияи шуравӣ, ки то соли 1924 ҳудуди ҳозираи шимолии Тоҷикистон ба он дохил мешуд, ислоҳоти миқёсан калони судӣ пеш гирифта нашуд. Аввалин лоиҳаҳои КХА ҶФШСР - менависад О.И. Филонова, - таъсиси институтҳои нави адвокатура, прокуратура, тақвият бахшидан ба шурои губерниягии судҳои халқиро дар бар мегирифтанд» [238, с. 29].

22-юми ноябри соли 1917 Комитети Иҷроияи Марказии Умумирусиягӣ «Декрет дар бораи суд №1» - ро қабул карда [261, с. 50], адвокатура, прокуратура, мақомоти тафтишоти ҷиноятӣ ва тамоми низоми судиро бекор кард. Декрет дар бораи суд №1 қарор қабул кард: «Ба ҳайси айбдоркунандаҳо ва ҳимоятгарон, ки дар марҳилаи тафтиши пешакӣ, дар парвандаҳои маданӣ бошад ба ҳайси вакилон иштирок мекунанд, ҳамаи шаҳрвандони бадномнашудаи ҳар ду ҷинс, ки аз ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ бархурдоранд, роҳ дода мешаванд». Аз ин рӯ, бисёр адвокатҳои касбӣ дучори таъқибот шуданд, зеро болшивекон чунин мешумориданд, ки ҷамъият ба хидмати онҳо эҳтиёҷ надорад, онҳо боқимондаҳои империализм мебошанд, вазифаҳои онҳоро дилхоҳ шаҳрвандон иҷро карда метавонанд. Бинобар ин, ба шаҳрвандони дорои ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва худро бадном насохта иҷозат дода шуд, ки дар суд манфиатҳои шахсиятро намояндагӣ кунанд. Ин декрет адвокатураро аз рӯйи мақоми ташкилии худ аз нав ба замони пеш аз ислоҳотӣ бурд. Ба

қавли Е.П. Данилов: «Тамоми комёбиҳои дар фалсафа ва ҳуқуқшиносии солҳои пеш бадастомада пурра рад карда шуданд, тамоми принсипҳои демократии мурофиаи судӣ бо «ҳадафмандии инқилобӣ» - мафҳуми номуайяну норавшан ва дар ҳамаи мавридҳои дилхоҳ қобили истифода иваз карда шуданд» [97, с. 18].

Декрети дар бораи суд №1 ба оғози рушди адвокатураи шуравӣ асос гузошт, вале маҷлиси умумии адвокатҳои кӯҳна қарор қабул кард, ки фаъолияти худро дар асоси қонуни кӯҳна, яъне қонунгузории соли 1864 давом диҳад, яъне Декрет аз тарафи ҷамъият эътироф нагардид [89, с. 205].

Вале дар як мақоми судӣ муттаҳид сохтани функсияҳои айбдоркунӣ ва ҳимоя натиҷаи мусбат надод. Мақоми махсус зарур буд, ки ҳимояро амалӣ гардонад. Бинобар ин, «Дастурамал дар бораи суди ягонаи халқӣ», ки 30-юми ноябри соли 1918 қабул карда шуд, коллегияҳои ҳимоятгарон, айбдоркунандагон ва намояндагони тарафҳоро дар мурофиаи маданӣ таъсис дод [92, с. 17].

Бояд зикр намуд, ки ҷомеаи адвокатҳо Инқилоби Октябрро як хел қабул накард, зеро фаъолияти адвокатӣ дар Русияи тоинқилобӣ касби ба қадри кофӣ баобрӯ ва сердаромад буд. Ҷомеаи адвокатӣ аз аҳли зиё ва синфи миёнаи ҷамъият иборат буда, намояндагони синфҳои коргару деҳқонон, ки нерӯи асосии ҳаракатдиҳандаи инқилоби соли 1917 ташкил медод, ба ин ҷомеа дохил набуданд. Аз ин рӯ, ба қавли олимон, як қисми иртиҷоии адвокатураи кӯҳна ҳокимияти шуравиро душманона истиқбол карданд, ба сафи аксулинқилобиёни ошкоро дохил шуданд, қисми дигари адвокатҳо бошанд, мавқеи «интизор шаву бубин»-ро интихоб карданд. Дар натиҷа онҳо комилан аз адвокатура дур шуданд, қисми дигарашон бошанд роҳи мусолиҳа бо сохти шуравиро пеш гирифтанд. Қисми дигари адвокатҳо фавран ба тарафи ҳокимияти шуравӣ гузашта, фаъолона дар мурофиаҳои ҷиноятию маданӣ иштирок мекарданд [156, с. 9].

Ҳукумати нав арзишмандии адвокатура ва мақоми онро дар ҳаёти ҳуқуқии давлат ва расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон идрок мекард. Мафҳум ва моҳияти ёрии ҳуқуқиро ба аҳолӣ В.И. Ленин дар номааш ба профессор В.В. Адоратский чунин ифода кардааст: «Тамоми ёрие, ки Шумо ба мурочиаткунандагон расонида метавонед, бояд аз ёрии «ҳуқуқӣ» ба онҳо иборат бошад, яъне барои ҳуқуқҳои худ мубориза бурданро аз рӯйи ҳамаи қоидаҳои дар ҶФШСР вуҷуддошта, ҷанг баҳри ҳукукро ба онҳо омӯзад ва ба онҳо ёрӣ расонад» [122, с. 149]. Вале адвокатураи шуравӣ аз нав сохта нашудааст. Бисёр намояндагони боистеъдоди адвокатураи вакилии русӣ, ки кайҳо аз байн рафтааст, дар ташаккули адвокатураи шуравӣ иштирок карда, дар шароити мураккаби сиёсӣ ҳуқуқу озодӣ ва шаъну эътибори шахсиятро ҳимоя намуданд [252, с. 4]. Ёрии ҳуқуқӣ, «ҷанг барои ҳуқуқ»-ро бо истифодаи ҳамаи воситаҳо ва тарзҳои қонунии ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон бо роҳи шарҳу тавзеҳ додан, тартиб додани шикоят, ариза, дархости ҳуҷҷатҳо, иҷрои фаъолонаи амалҳои дигар дар мурофиаи судиро ифода мекард.

Қадами нахустин дар роҳи ҷустуҷӯи алтернативаи сотсиалистӣ ба адвокатура 19.12.1917 сол бо нашри Дастурамали Нозироти халқии адлия таҳти унвони «Дар бораи трибунали инқилобӣ» гузошта шуд, ки дар он ҳайати трибунал, корҳое, ки тобеи он ҳастанд, ҷазоҳои татбиқшаванда, тартиби бурдани маҷлисҳо, муайян гардид. Дастурамали мазкур таъсиси коллегияҳои айбдоркунандагон ва ҳимоятгаронро барои кор дар трибуналҳои инқилобӣ, ки дар ҳар губерния ва шаҳрҳои дорои бештар аз 200 ҳазор нафар аҳолӣ ташкил карда мешуданд, пешбинӣ мекард. Вале ин ислоҳоти адвокатура ба ҳаёт мутобиқ нашуд, мақомоти худидоракунии адвокатура ба судҳои шуравӣ бойкот эълон карданд ва ба таври оммавӣ аз кор рафтани адвокатҳо оғоз гардид.

Дар анҷумани аввалини ходимони адлияи шуравӣ дар оғози соли 1918 намояндагони як қатор вилоятҳо тадбирҳои ҳокимияти шуравиро

саботаж кардани адвокатура, фактҳои муносиботи манфӣ ва ҳатто, рӯйирост душманонаи адвокатҳоро зикр карданд [257, с. 6].

Ҳокимияти шуравӣ адвокатураи буржуазиро аз байн бурда, тасмим гирифта буд, ки ҳуқуқи доштани ҳимоятгари манфиатҳои худро дар суд ба ҳар як шаҳрванд таъмин намояд. Тибқи Декрет дар бораи суд №1 минбаъд, то дигаргунисозии тамоми тартиби пешбурди (истеҳсолоти) судӣ ба иҷрои вазифаҳои ҳимоя бо парвандаҳои ҷиноятӣ ва намояндагӣ бо парвандаҳои маданӣ «ҳамаи шаҳрвандони бадномнашудаи ҳар ду ҷинс, ки аз ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ бархурдоранд» роҳ дода мешуданд [257, с.19]. Вале Декрет шакли мушаххаси ташкили ҳимояи судиро муайян накард ва ҷустуҷӯи шаклҳои қобили қабули ҳимоя дар суди нави шуравӣ дар давоми панҷ соли аввали ҳокимияти шуравӣ идома ёфт.

Дар боло зикр шуд, ки 19-уми декабри соли 1917 Коммисариати халқии адлияи Русия дар асоси Декрет дар бораи суд №1 Дастурамали трибуналҳои инқилобиро тасдиқ кард, ки тибқи он дар назди трибуналҳо таъсис додани коллегияҳои ҳомиёни ҳуқуқ пешбинӣ шуда буд. Коллегия метавонист дар мурофиаи судӣ ҳам ба ҳайси айбдоркунанда ва ҳам ба ҳайси ҳимоятгар баромад кунад. Иҷрои вазифаи ҳимоя ба шахсоне низ иҷозат дода мешуд, ки онҳоро худи айбдоршавандагон даъват мекарданд ва ин шаҳрвандон бояд дорои ҳуқуқи сиёсӣ мебуданд [261, с. 170].

Ҳуқуқи даъвати шахси дилхоҳ барои амалӣ гардонидани ҳимоя дар Декрет дар бораи суд №1 эълон гардида, дар Дастурамали Комиссариати халқии адлия мустаҳкамшуда хеле демократӣ буд, вале вазъи ҷамъиятию сиёсӣ боисрор вазифаи танзими бештар дақиқи институти ҳимояро ба миён мегузошт. Бинобар ин, 7-уми марти соли 1918 Коммисариати халқии ҶФШСР Декрет дар бораи суд №2-ро қабул кард, ки он дар назди шуроҳои маҳаллӣ таъсис додани коллегияи ягонаи муташаккили ҳимоятгаронро дар доираи коллегияҳои ҳомиёни ҳуқуқ пешбинӣ намуд. Тибқи декрети мазкур, дар назди шурои депутатҳои

коргарон, солдатҳо, деҳқонон ва казакҳо коллегияҳои шахсоне таъсис дода мешавад, ки он бо ҳимояи ҳуқуқ дар шакли айбдоркунии ҷамъиятӣ ва ҳам дар шакли ҳимояи ҷамъиятӣ машғул мешавад. Зикр шуда буд, ки ба ин коллегияҳо танҳо шахсоне дохил мешаванд, ки дар судҳо музднок баромад мекунанд ва онҳо аз тарафи шурои депутатҳои коргарон, солдатҳо ва деҳқонон интихоб ва бозхонд мешаванд. Айни замон ҳуқуқи ба сифати ҳимоятгар баромад кардани шахсоне низ нигоҳ дошта мешуд, ки ба коллегияи ҳимоятгарони ҳуқуқ дохил намешуданд [224, с. 115].

Чӣ тавре ки маълум аст, кори ҳимоя дар суд зери назорати давлат дар симои шуроҳо мегузашт. Бандҳои мазкурро ба Декрет дар бораи суд №2 худи В.И. Ленин дохил карда буд. Маҳз В.И. Ленин дар Декрети дар бораи суд №2 навишта буд, ки ҳимоя бояд чун коллегияи мунтазам амалкунанда ташкил карда шавад [124, с. 115].

Ба иштироки як ҳимоятгар дар музокирот аз ҳисоби шаҳрвандони дар мурофиа ширкаткунанда иҷозат дода, Декрет дар бораи суд №2 вазифаи асосии ҳимояро ба коллегияҳои ҳомиёни ҳуқуқ вогузор намуд. Ба ин коллегияҳо шахсоне дохил мешаванд, ки онҳоро Шурои депутатҳои коргарон, солдатҳо, деҳқонон ва казакҳо интихоб ва бозхонд мекунанд. Танҳо ҳамин одамон ҳақ доранд дар суд пулакӣ баромад кунанд..» [261, с. 420].

Тибқи Декрет дар бораи суд №2 дохил шудан ба коллегия мисли пештара ягон маҳдудият надошт. Вале шуроҳо, на танҳо ҳуқуқи интихоби аъзои коллегияҳо, балки ҳуқуқи рад кардани онҳоро низ доштанд. Ин ҳуқуқ имкон медод ба ҳимоя шахсоне, ки нисбат ба ҳокимияти шуравӣ муносибати душманона доштанд, роҳ дода нашаванд. Декрет иҷозат дод, ки ғайр аз айбдоркунанда ва ҳимоятгар аз ҳайати аъзои коллегияи ҳомиёни ҳуқуқ як айбдоркунанда ва як ҳимоятгар дар музокироти судӣ аз ҳисоби шаҳрвандони дар маҷлис ҳузурдошта иштирок кунанд.

Мутаассифона, ташкили коллегияҳои ҳомиёни ҳуқуқ дар маҳалҳо бо мушкилӣ мегузашт, зеро намояндагони адвокатураи барҳамдодашуда, бо ҳар роҳ ба ташкили коллегияи нав монеъ мешуданд. Адвокатҳо бошанд, дар суд ба амалӣ гардонидани вазифаи ҳимоя ва намояндагӣ тайёр набуданд. Сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ дар судҳо якбора коҳиш ёфт, ҳимоятгарон ва намояндагон бошанд, мустақилияти худро аз даст дода, аз ҳокимияти маҳаллӣ вобаста гардиданд. Баъзе муҳаққиқон самарабахш набудани чунин коллегияро таъкид намуданд, зеро ки аъзои онро амалан коллегияи айбдоркунанда ташкил медод. Шаҳрвандон вакилони касбии тоинқилобиро афзал меҳисобиданд [233, с. 16].

Баъди қабули Декрети Комитети Иҷроияи Марказии Умумиросиягӣ аз 30.11.1918с., ки Низомномаро «Дар бораи суди ҶФШСР» тасдиқ кард ва коллегияи ҳомиёни ҳуқуқро ба «Коллегияи айбдоркунандагон, ҳимоятгарон ва намояндагони тарафҳо дар мурофиаи шаҳрвандӣ» тағйири ном кард. Низомнома иштироки ҳимоятгаронро дар мурофиаи судии ҷиноятӣ маҳдуд сохт ва акнун иштироки ҳимоятгар дар мурофиаи судӣ на ҳатмӣ, балки интихобӣ гардид.

30-юми ноябри соли 1918 Комиссияи Иҷроияи Маркази Умумиросиягӣ Низомнома «Дар бораи суди ягонаи халқӣ»-ро қабул кард, ки тибқи он дар комитетҳои иҷроияи шуроҳо коллегияҳои айбдоркунандагон ё намояндагони тарафҳо дар мурофиаи маданӣ таъсис дода шуданд. Акнун вазифаи ҳимоя ба яке аз шаклҳои хизмати давлатӣ табдил ёфт. Иштироки ҳимоятгар дар сурати оид ба ҳамин парванда баромад кардани айбдоркунанда ва ҳини баррасии паврандаҳо бо иштироки шаш машваратчии халқӣ ҳатмӣ ҳисобида мешуд. Узви коллегияи ҳимоятгарон, айбдоркунандагон ва намояндагони тарафҳо дар мурофиаи маданӣ, тибқи Низомномаи мазкур, метавонист дар як мурофиа чун ҳимоятгар ва дар мурофиаи дигар чун айбдоркунанда ё намояндаи тарафҳо баромад кунад [124, с. 21].

Вале чунин омехташавии вазифаҳо дар амалия натиҷаи мусбат надод ва собит сохт, ки барои амалӣ гардонидани ҳимоя бояд мақоми махсус ташкил шавад. Бо ин мақсад институти ҳимояи ҷамъиятӣ таъсис дода шуд, ки онро Низомнома дар бораи суди халқии ҶФШСР аз 21-уми октябри соли 1920 ҷорӣ намуд. Он коллегияи ҳомиёни ҳуқукро барҳам дод ва ба сифати ҳимоятгар баромад кардани ҳамаи шаҳрвандонеро, ки вазифаи ҳимояро иҷро карда метавонистанд, ҷоиз донист [261, с. 407]. Дар солҳои аввали инқилоб ташкил кардани кадрҳои доимии адвокатура, интихоб ва ҷобаҷогузорӣ хеле мушкил буд ва сабаби тағйирот дар интихоби шаклҳои ташкил ва ҷустуҷӯи шаклҳои нав ба нави адвокатура маҳз дар ҳамин буд.

Дар Низомнома дар бораи суди халқӣ аз 30-юми ноябри соли 1918, ки Комитети Иҷроияи Марказии Умумирусиягӣ қабул карда буд, чунин омадааст: «Барои мусоидат ба суд дар кори ҳаддалимкон пурра инъикос кардани ҳамаи ҳолатҳои марбут ба айбдоршаванда ва ё манфиатҳои тарафҳое, ки дар мурофиаи маданӣ иштирок мекунанд, дар назди комитетҳои иҷроияи уездии шурои депутатҳои коргарону деҳқонон коллегияҳои ҳимоятгарон, айбдоркунандагон ва намояндагони тарафҳо дар мурофиаи маданӣ таъсис дода мешаванд [261, с.889]. Аъзои коллегияҳоро комитетҳои иҷроия «дар асосҳои умумӣ бо ҳамаи шахсони мансабдори ҷумҳурии шуравӣ» интихоб мекарданд ва онҳо чун шахси мансабдор тибқи сметаи Комиссариати халқии адлия маош мегирифтанд. Музди аз айбдоршаванда ва тарафҳо дар мурофиаи маданӣ ситонидашаванда, ба фоидаи ҷумҳурӣ ворид мегардид. Низомнома ягон хел маҳдудият муқаррар намекард. Як қатор кафолатҳои иловагии ҳуқуқ ба ҳимоя, аз ҷумла иштироки ҳатмии ҳимоятгар, дар ҳалли он иштирок намудани айбдоркунанда ҷорӣ карда шуд. Парвандаҳои нисбатан мураккабро суд бо иштироки шаш машваратчии халқӣ баррасӣ мекард ва дар ин парвандаҳо иштирок кардани ҳимоятгар ҳатмӣ буд. Коллегияҳои ҳимоятгарон,

айбдоркунандагон ва намояндагони тарафҳо дар мурофиаи маданӣ дар самти тақвияти ташаккули институти адвокатура дар мамлакат нақши муайяни мусбат бозиданд.

Чунин ҳолат то соли 1920 амал мекард. Моҳи июни соли 1920 Анҷумани сеюми умумироссиягии ходимони адлияи шуравӣ корпуси адвокатиро аз рӯйи принсипи мансабӣ ташаккул дод. Дар ин Анҷумани умумиросиягӣ дар бораи пароканда кардани коллегияи айбдоркунандагон ва ҳимоятгарон ва ҷорӣ намудани маҷбурияти меҳнатӣ қарор қабул шуд. Ин маънои барҳам додани ташкилоти корпоративии адвокатиро дошт.

Соли 1921 болшевикон сиёсати нави иқтисодиро ҷорӣ намуданд, ки дар натиҷа талабот ба хизматҳои баландихтисоси ҳуқуқӣ афзуд. Ин давраро марҳилаи тавлиди адвокатураи шуравӣ номидан мумкин аст, ки минбаъд бо сабаби қабул шудани қонунҳои мухталиф ба тағйироти сершумор дучор гардида, чандирии худро намоиш дод.

Яке аз ин қонунҳо низомномаҳои нав дар бораи адвокатура дар солҳои 1922 ва 1939 ба ҳисоб меравад, ки амалан асоси танзими ҳуқуқии адвокатураи муосир гардид. Низомномаҳои мазкур дар солҳои 60-уми асри XX бо қонунҳои ҷумҳуриявӣ иваз карда шуданд.

Ғояҳои низомномаи мазкур дар Дастурамали Комиссариати халқии адлияи ҶШФСР аз 23-юми ноябри соли 1920 инкишоф дода шуда, дар он аз ҷумла зикр шуда буд, ки ҳимоя дар мурофиаи ҷиноятӣ барои ҳамаи он шаҳрвандоне, ки аз рӯйи касб, маълумот, собиқаи ҳизбӣ ва ё хизматӣ барои иҷрои вазифаҳои ҳимоятгар дар суд тайёр мебошанд, маҷбурияти ҷамъиятӣ мебошад. Дар сурати дар парванда иштирок кардани айбдоркунанда ё бо илтимоси худи айбдоршаванда, ки дар ҳабс буда, ҳамчунин дар мавриде, ки айбдоршаванда аз рӯйи ҳолати ақлонӣ ё ноошноӣ бо шароити маҳаллӣ, воқеан, ба ҳимоя эҳтиёҷ дорад, таъин кардани ҳимоятгар ҳатмӣ шуморида мешавад [224, с. 21].

Шакли дигари коллегияи ҳимоятгаронро моҳи январи соли 1922 Анҷумани IV умумиросиягии ходимони адлияи шуравӣ пешниҳод кард, ки он самараи ба итмом расидани ҷанги шаҳрвандӣ ва гузаштан ба сохтмони ҳаёти осоишта, зарурати боз ҳам мустаҳкам кардани қонунияти сотсиалистӣ, қабул гардидани кодексҳо, таҳкими суди шуравӣ ба ҳисоб мерафт, ки таъсис додани адвокатураи мустаҳкамро чун яке аз кафолатҳои қонуният ва адолати судӣ талаб мекард [224, с. 22].

Солҳои 1928-1929 ячейкаи ягонаи ташкилии адвокатураи шуравӣ машваратхона ё машваратгоҳҳои ҳуқуқӣ буданд, ки он дастурамалҳо дар бораи сохтори суд ва дар бораи адвокатура (соли 1922) пешбинӣ карда буданд, гардиданд. Ба таҳкими ҷанбаи ташкилии онҳо ва такмили фаъолияти адвокатураи шуравӣ дар заминаҳои дастаҷамъӣ ё коллективӣ Низомнома дар бораи ҷомеаҳои аъзои коллегияи ҳимоятгарон, ки пурра ба фаъолияти утоқҳои инфиродии адвокатҳо хотима бахшид, мусоидат намуд.

Чӣ тавре ки маълум гардид, аз охири соли 1917 то оғози соли 1922 адвокатураи шуравӣ раванди мураккаби ташаккул ва ҷустуҷӯи шаклу усулҳои нави корро, ки бунёдан аз адвокатураи буржуазӣ фарқ мекард, аз сар гузаронидааст. Байни адвокатураи тоинқилобӣ ва адвокатураи давраи шуравӣ умумияту шабоҳатҳои зиёд мавҷуданд. Ҳар ду адвокатура дар сатҳи маҳаллӣ ташкил шуда буданд. Ғайр аз ин, дар байни намояндагони ҳар ду адвокатура оид ба меъёрҳои этикии касб ҳамфикрӣ ва ягонагӣ мавҷуд набуд.

Дар бораи инкишофи адвокатураи тоҷик гуфтан мумкин аст, ки адвокатура натиҷаи Инқилоби Октябр ва барқарор шудани ҳокимияти шуравӣ дар Тоҷикистону ҳудудҳои Осиёи Миёна мебошад. Сарфи назар он ки марҳилаҳои асосии инкишофи адвокатураи шуравӣ, дар умум, хоси адвокатураи Тоҷикистон аст, адвокатураи тоҷик вижагиҳои махсусро дорост, ки шароитҳои мушаххаси инкишофи таърихии онро инъикос мекунанд.

Дар тахриби низоми кӯҳнаи сохтори судӣ, аз ҷумла низоми институти ҳимоя дар ҳудуди ҶМШС Туркистон ва тамоми Осиёи Миёна қабул шудани Декрет аз 20-уми январи (2-юми феврали) соли 1918, ки аз давлат ҷудо шудани серковро қонунӣ гардонида, озодии пурраи виҷдонро барқарор сохт ва имтиёзҳои серковро барҳам зад, нақши махсус бозидааст [87, с. 58]. Ин ҳуҷҷат ба шикасти тадриҷии низоми судии динии кӯҳна, ташаккули шакли тамоман дигари мурофиаи судӣ, махсусан, инкишофи низоми муосири институти адвокатура дар ҳудуди Тоҷикистони муосир мусоидат кард.

26-уми майи соли 1922 Иҷлосияи III Комитети Иҷроияи Марказии Умумиросиягӣ дар бораи адвокатура қарор қабул кард ва ин рӯз, рӯзи тавлиди адвокатураи шуравӣ гардид. 5-уми июли соли 1922 аз ҷониби Комиссариати халқии адлияи ҶШФСР «Низомнома дар бораи адвокатура» тасдиқ карда шуд, ки комёбии азим ба ҳисоб меравад. Таърихи адвокатураи муосири тоҷик низ маҳз аз ҳамин воқеа оғоз меёбад.

12-уми декабри соли 1917 Шурои комиссариатҳои халқии кишвари Туркистон фармони «Дар бораи таҷдиди муассисаҳои судӣ»-ро қабул кард, ки тибқи он муассисаҳои судии мавҷуда, аз ҷумла судҳои округӣ, палатаҳои судӣ ва ҳамаи номгӯйи судҳои ҳарбӣ бекор карда шуданд. Тибқи фармони мазкур институтҳои муфаттишони судӣ, назорати прокурорӣ, адвокатураи вакилӣ ва хусусӣ низ бекор карда шуданд. Акнун ба сифати ҳимоятгарон танҳо шаҳрвандони бадномнашудаи ҳар ду ҷинс, ки аз ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ бархурдор буданд, фаъолият бурда метавонистанд. Ба ҳимоя дар марҳилаи тафтиши пешакӣ роҳ дода мешуданд [182, с. 15-16]. Лозим ба таъкид аст, ки дар фармон тавсифи «шаҳрвандии бадномнашуда» вуҷуд надорад. Вале ин ҷо шахсони аз ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ маҳрумшуда дар назар дошта шудаанд.

Дар ҳудуди ҶМШС Туркистон (солҳои 1918-1924) қонунгузории ҶФШСР амал мекард. Муқаррароти асосии фармони 12-уми декабри соли 1917 қабулшуда, ки онро декрети ШКХ-и кишвари Туркистон низ меноманд, бо Декрет дар бораи суд №1 созгор буданд, аз ҷумла муқаррароти он дар бораи ҳимоя. Тибқи декрети ШКХ ҶМШС Туркистон ҳуқуқи ҳимоя бо иштироки ҳимоятгар, на танҳо дар судҳо, балки дар трибуналҳои инқилобӣ, ки мувофиқи қарори шуроҳои маҳаллӣ таъсис дода мешуданд, таъмин карда мешуданд. Дастурамали онҳоро, аз ҷумла КИМ ҶМШС Туркистон 14-уми сентябр ва 18-уми октябри соли 1918, 2-юми феврали соли 1920 ва ғайра қабул карда буд, таъмин карда мешуд [276, с. 6].

Дастурамали муваққатӣ дар бораи Трибуналҳои инқилобии Ҷумҳурии худмухтори Туркистон аз 2 октябри соли 1918 пешбинӣ мекард, ки дар назди трибунали инқилобӣ «коллегияи шахсоне тасдиқ мешавад, ки худро ба ҳимояи ҳуқуқ дар шакли ҳимояи ҷамъиятӣ мебахшанд» (моддаи 21). Ба қатори чунин шахсон намояндагони ҳимоятгарони ҷамъиятӣ, аъзои иттифоқи касабаи адвокатҳо, инчунин ҳар як шаҳрванди болиғи дар суд ҳузурдошта, ки аз ҳуқуқҳои сиёсӣ маҳрум нашудааст, дохил шуда метавонистанд. Онҳо бояд тавсияномаи шуроҳои дахлдорро мегирифтанд. Тибқи низомнома ҳам даъвати ҳимоятгар ва ҳам таъин карда шудани ӯ пешбинӣ гардида буд [276, с.7].

Тибқи моддаи 12 Низомнома оид ба ташкил ва фаъолияти судҳои халқии округии ҷумҳурии Туркистон ҳимоятгар аз лаҳзаи баровардани қарори комиссияи тафтишотӣ дар бораи ба сифати айбдоршаванда ҷалб кардани шахс ба парванда роҳ дода мешуд. Ба ҳимоятгар ҳуқуқи мулоқоти якка ба якка бо айбдоршавандае, ки дар ҳабс қарор дорад, ҳуқуқи шинос шудан бо парванда ва истеҳсолот, иқтибос гирифтан аз он ва ғайра дода мешавад [277, с. 63]. Дар сурати вуҷуд доштани ихтилофот дар манфиатҳои айбдоршавандагони як парванда ба ҳар яки онҳо ҳимоятгари алоҳида таъин карда мешуд. Ҳимоятгари ҷамъиятӣ ба

доираи шахсоне дохил мешуд, ки вазифадор буданд дар ҷаласаи судӣ иштирок кунанд. Дар ҷаласаи судӣ ӯ метавонист нутқи ҳимоявӣ карда, диққати судро ба он ҳолатҳое ҷалб намояд, ки тавассути онҳо «айбдоркунӣ рад мешавад ё гуноҳи ба айбдоршаванда эълоншуда, сабуктар карда мешавад, ҳамчунин метавонад мулоҳизаи худро дар бораи бандубасти ҷиноят ва меъёри ҷазо баён кунад» [277, с. 63].

Институти ҳимоятгарон тадриҷан ба худ шаклҳои муайяни ташкилӣ мегирифт. Пеш аз ҳама, зикр мекунем, ки иттифоқҳои касбии адвокатҳо мавҷуд буданд, ки ба кори онҳо садоратҳои дар маҷлиси умумӣ бевосита интихобшаванда роҳбарӣ мекарданд. Онҳо дар таъсиси комиссияҳо ва коллегияҳои ҳомиёни ҳуқуқ, ки аъзояшон дар маҷлисҳои трибуналҳои инқилобӣ ба ҳайси ҳимоятгар баромад мекарданд, ширкат меварзиданд. Масалан, 14-уми октябри соли 1918 иттифоқи касабаи адвокатҳо Трибунали олии инқилобии ҶМШС Туркистонро дар бораи таъсис додани комиссияи ҳомиёни ҳуқуқ дар иҷлосияи навбатии трибунал огоҳ кард ва хоҳиш намуд, ки: «... пешакӣ иттилоъ дода шавад, ки ба таъин намудани ҳимоятгар кадоме аз айбдоршавандагон эҳтиёҷ доранд» [278, с. 63].

6-уми майи соли 1919 КИМ Туркистон бо декрети №130 Низомномаро дар бораи Трибунали Олии Инқилобӣ (ТОИ) тасдиқ кард. Дар моддаи 4 Низомнома омадааст: «Барои мусоидат ба Трибунали Олии Инқилобӣ дар кори ҳарчи бештар равшанӣ андохтан ба ҳолатҳои марбут ба айбдоршаванда ва, умуман, додани хулоса оид ба тамоми кор дар назди Трибунал коллегияи махсуси ҳомиёни ҳуқуқ таъсис дода мешавад» [278, с. 65].

Маҷлиси судии Трибунали Олии Инқилобӣ бояд бо иштироки ҳатмии ҳимоятгар мегузашт, ки онро айбдоршаванда танҳо аз байни аъзои коллегияи ҳомиёни ҳуқуқ интихоб карда метавонист. Ин тартиб ҳаргиз маънои онро надошт, ки дар мурофиаи судӣ ба сифати ҳимоятгарон намояндагони иттифоқҳои касаба ва дигар ташкилотҳои

ҷамъиятӣ умуман баромад карда наметавонанд. Дар ин ҷо сухан танҳо дар бораи фаъолияти Трибуналии Олии Инқилобӣ мерафт, ки парвандаҳои аз ҳама муҳимро баррасӣ мекард, бинобар ин, ба иштироки ҳимоятгари боихтисос – адвокат эҳтиёҷ дошт. Барои додани хулоса ҳангоми баррасии шикояту эътирозҳо, - гуфта шудааст, дар банди 21-уми Низомнома, - трибунал «айбдоркунандаю ҳимоятгарро аз ҳисоби коллегияи ҳомиёни ҳуқуқ, ки дар назди трибунал амал мекунад, таъин менамояд, зимнан ба айбдоршаванда ҳуқуқи интихоби ҳимоятгар дода мешавад, вале ӯ бояд танҳо аз ҷумлаи коллегияи ҳомиёни ҳуқуқ бошад» [278, с. 67].

Дар Низомнома дар бораи трибуналҳои инқилобии вилоятӣ ва шуъбаҳои онҳо дар маҳалҳо, ки бо ҳамон декрети КИМ-и Туркистон тасдиқ шудааст, ҳамчунин «зарурати пурра инъикос кардани ҳамаи ҳолатҳои марбут ба айбдоршаванда ва, умуман, барои додани хулоса оид ба ҳамаи парвандаҳо дар назди трибуналҳои вилоятӣ таъсис додани коллегияҳои махсуси ҳомиёни ҳуқуқ» пешбинӣ шудааст [278, с. 68]. Ҳангоми пайдо шудани зарурат, бо иҷозати трибунал ба парванда роҳ додани ҳимоятгарон аз коллегияҳои ҳомиёни ҳуқуқии ҳамаи судҳои ҷумҳурӣ низ иҷозат дода мешуд. Ба баррасии парвандаҳо дар трибунали инқилобии вилоятӣ роҳ додани ҳимоятгар *аз трибунал вобаста аст.*

Низомномаи нав дар бораи трибуналҳои инқилобӣ, ки онро КИМ-и Туркистон моҳи феврали соли 1920 тасдиқ кард, бо салоҳдиди трибунал ба баррасӣ роҳ додани ҳимоятгарро танҳо аз ҷумлаи аъзои коллегияи ҳимоятгарони назди шурои маҳаллӣ иҷозат медод. Чӣ тавре ки аз ҳуҷҷатҳои ин давра бармеояд, дар он замон коллегияҳо мақоми асосӣ ва баъзан ягонае ба ҳисоб мерафтанд, ки ҳимояи айбдоршавандагонро таъмин мекарданд [279, с. 81].

Бо Декрети Комитети Иҷроияи Марказии Умумирусиягӣ аз 18 марти соли 1920 «Низомнома дар бораи трибуналҳои инқилобӣ» тасдиқ карда шуд, ки тибқи он ғайр аз аъзои коллегияи ҳимоятгарон, ҳамчунин

хешу ақрабо ё наздикони судшавандагон ё шахсоне, ки ба онҳо трибунал боварии пурра дорад, ҳимоятгар буда метавонанд. Ҳимоятгарон музди муайян мегирифтанд, ки ҳаҷми онро суд муайян мекард. Он аз айбдоршаванда ситонида мешуд ва тибқи сметаи Комиссариати халқии адлия пардохт мегардид.

Дар самти таъсис ва таҳкими коллегияҳои ҳомиёни ҳуқуқ ва беҳтар намудани фаъолияти онҳо Комиссариати халқии адлияи ҶМШС Туркистон кори зиёдро ба анҷом мерасонд. Комиссариат фармону дастурҳои сершумор нашр кардааст, ки ба такмили фаъолияти коллегияҳо ва баланд бардоштани нақши онҳо дар ҷорӣ намудани адолати судӣ нигаронида шуда буданд [279, с. 82].

Бо қарори Коллегияи ҳомии ҳуқуқи назди Кумитаи инқилобии Хуҷанд аз 15 июни соли 1920 ба вазифаи раиси коллегия Шенин ҷонишини раиси коллегия Қобилов Мирпоччо интихоб карда шуданд. Дар асоси қарори Кумитаи инқилобӣ коллегия дар назди шуъбаи Раёсат «Бюрои шикоятчиён»-ро таъсис дод, ки ба шаҳрвандон оид ба навиштани шикоятҳо ройгон хизмат мерасонид. Бюрои шикоятҳо аз 15 июн ба фаъолияти худ шуруъ намуд ва ҳар рӯз кор мекард. Дар рӯзҳои истироҳат бошад, соати давомнокии рӯзи қабул камтар буд. Ба сифати бақайдгирандаи шикоятҳо шаҳрванд Бобров ба кор даъват гардида буд [137, с. 54].

Тибқи Низомнома дар бораи судҳои халқии ҶФШСР аз соли 1920, ҳимоя дар судҳо чун вазифаи ҷамъиятии шаҳрвандон муқаррар гардид, ки онҳо аз уҳдаи чунин кор мебаромаданд. Онҳо аз ҷойи кори асосии худ бо додани музди меҳнат дар муҳлатҳои муқарраркардаи суд озод карда мешуданд. Рӯйхати ҳимоятгаронро судҳо, шуъбаҳои адлия, ташкилотҳои ҷамъиятӣ таҳия менамуданд ва онро комиҷроияи шуроҳои маҳаллӣ тасдиқ менамуданд.

Тибқи ин фармону сиркулярҳо (дастурҳо) ҳимоятгарон ба муҳокимаи ҳамаи масъалаҳои мурофиаи судӣ ҷалб карда мешуданд.

Тибқи дастурҳои КХА ҶМШС Туркистон №12 аз соли 1920 ва №5 аз соли 1921, судҳои халқӣ уҳдадор буданд, ки ҳар ҳафта маҷлиси умумии судяҳо, муфаттишон ва ҳомиёни ҳуқукро барои муҳокимаи ҳамаи масъалаҳои мурофиаи судӣ доир гардонанд.

Чунин шакли муҳокимаи мунтазам, коллегиалӣ ва мушаххаси масъалаҳои ҳалталаб, ба назари мо, дар шароити муосир низ қобили таваҷҷуҳ аст.

Ҳанӯз дар солҳои аввали ҳокимияти шуравӣ институти таъин кардану ҳатман роҳ додани ҳимоя барои иштирок дар мурофиаҳои судии ҷиноятӣ арзи ҳастӣ мекунад. Аз ҷумла, дар «Низомнома дар бораи трибуналҳои инқилобӣ», ки бо декрети КИМ ҶМШС Туркистон аз 18-уми апрели соли 1921 тасдиқ шуда буд, чунин зикр гардидааст: «Дастрасии ҳимоя барои иштирок дар парванда «комилан аз трибунал вобаста аст», вале агар дар парванда айбдоркунанда иштирок кунад, пас «трибунал» вазифадор аст, ҳимоятгарро роҳ диҳад ё таъин кунад. Асоси роҳ додани ҳомии ҳуқуқ ба парванда ордер мебошад, ки коллегия ба ӯ додааст [279, с. 83].

Мувофиқи қарори иҷлосияи III КИМУ аз 26-уми майи соли 1922 дар бораи адвокатура Комиссариати халқии адлияи ҶФШСР 5-уми июли соли 1922 «Низомнома дар бораи адвокатура»-ро тасдиқ кард [279, с. 83]. Низомномаи мазкур дар назди шуъбаҳои адлияи губерниягӣ таъсис додани коллегияҳои ҳимоятгаронро оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва маданӣ пешбинӣ намуда, ҳайат, вазифа ва фаъолияти ин коллегияҳо, раёсатҳои он, маҷлисҳои умумӣ, тартиби пардохти музди меҳнати ҳимоятгарон, аз чумла имкони таъин кардани ҳимояи ройгон ва ҳимоя аз рӯйи нархнома ва ғайраро танзим мекард. Ба ҳимоя ҳамчунин хешони наздики айбдоршаванда (ё ҷабрдида), намояндагони ваколатдори муассисаю корхонаҳо, иттифоқҳои касаба ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ роҳ дода мешуданд. Аз рӯйи иҷозати махсуси судя, ки ҳамин парвандаро баррасӣ мекунад, ба ҳимоя мумкин аст, ки шахсони дигар

низ роҳ дода шаванд. Ҳамзамон, ба коллегияҳо дар қатори ин, амалияи хусусии адвокатӣ иҷозат дода мешуд [239, с. 88-95].

Ин Низомнома заминаи кори минбаъда оид ба такмили ҷанбаи ташкилӣ, таҳкими кадрҳо, фаъол сохтани кори мақомоти адвокатураи шуравӣ чӣ дар марказ ва чӣ дар маҳалҳо гардид.

Мақомоти ҳизбӣ ва шуравии ҶМШС Туркистон низ ба ин масъалаҳо диққати зиёд медоданд. Масалан, 3-юми декабри соли 1922 Раёсати комиҷроияи вилояти Сирдарё масъаларо дар бораи ташкили ҳайати асосии коллегияи вилоятии ҳимоятгарони ҳуқуқро, тибқи қарори дахлдори КИМ Туркистон аз 20-уми октябри соли 1922 ва пешниҳоди суди вилоят аз 26-уми ноябри соли 1922, муҳокима кард. Раёсат дар бораи аз 50 нафар муқаррар намудани шумораи аъзои коллегия аз аврупоиён ва маҳдуд накардани шумораи ҳимоятгарони ҳуқуқ аз ҳисоби миллатҳои таҳҷоӣ қарор қабул кард. Ҳайати мавҷудаи аъзои коллегияи вилоятии ҳимоятгарони ҳуқуқ бо теъдоди 27 нафар тасдиқ карда шуд. Пешниҳод гардид, ки як қисми онҳо барои кор дар уездҳо, бо мақсади расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба аҳолии деҳот, истифода шавад [281, с. 209].

11-уми декабри соли 1923 Комиссариати халқии адлияи ҶМШС Туркистон дар бораи ба узвияти коллегияи вилоятии ҳимоятгарон ворид сохтани занони миллатҳои таҳҷоӣ супориш дод ва барои ин мақсад дар назди суди вилоятҳо институти таҷрибаомӯзон ташкил карда шуд [281, с. 32]. Ба коллегияи ҳимоятгарон ворид сохтани занон дар баланд бардоштани нақши адвокатураи шуравӣ, умуман, мақомоти адлия, дар кори мубориза баҳри озодии воқеии занони миллатҳои маҳаллӣ аҳаммияти калон дошт.

Дар Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро (ҶХШБ), ки ба он ноҳияҳои ҳозираи марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон дохил мешуданд, соли 1920 дар натиҷаи ғалабаи инқилоби халқии бамиёномада, гуфтан лозим аст, ки дар судҳои қозигӣ ва бийҳо ҳимоятгарон ҳузур надоштанд, чӣ хеле ки ҳимоятгарон дар судҳои қозигию бийҳои муваққатан дар ҳудуди

ҶМШС Туркистон боқимонда низ набуданд. Дар мақомоти судии шуравии ҶХШ Бухоро институти ҳимоятгарон акнун рушд намуда истода буд.

Дар ҳудуди собиқ аморати Бухоро, махсусан, дар қисми шарқии он ҳуқуқи худро бо тариқи судӣ аз худсарӣ ҳимоя кардан, ки тадриҷан асосҳои ҳуқуқии инкишофи институти ҳимоятгаронро бунёдгузорӣ намуд, баъди инқилоби соли 1920 ва ташкил шудани ҶХШ Бухоро ва қабули Конститутсияи ҶХШ Бухоро арзи ҳастӣ кард. Ғалабаи инқилоб ҳанӯз аз пурра ба мадори инкишофи ҳуқуқи сотсиалистӣ ворид шудани ҶХШ Бухоро шаҳодат намедод, зеро он вақт барои ин кор на шароитҳои иқтисодию сиёсӣ ва, махсусан, шароитҳои ҳуқуқӣ вуҷуд надоштанд.

Барҳам хӯрдани ҳуқуқҳои кӯҳна ва ташаккули ҳуқуқи нав дар Тоҷикистони марказию ҷанубӣ – дар ҳудуди Бухорои Шарқӣ ҷиҳатҳои хоси худро доштанд ва дар шароити ниҳоят душвори ҷанги шаҳрвандӣ сурат мегирифтанд [174, с. 97-98].

Дар ҳаёти аҳолӣ институти адвокатура мисли тамоми низоми давлатию ҳуқуқӣ як чизи комилан нав буд. Барои фаъолияти бонизоми он заминаю асосҳои зарурииро ба вуҷуд овардан лозим буд. Дар ин бора В.В. Куйбишев гуфта буд, ки дар Бухоро ба инқилоб коммунистон роҳбарӣ карданд. Зимнан, дар натиҷаи инқилоб, бо сабабҳои комилан объективӣ, сохте барқарор карда шуд, ки онро сотсиалистӣ номидан мумкин нест, зеро барои ин, на шароити иқтисодӣ ва на шароити сиёсӣ пухта нарасида буданд. Ҳизби Коммунистӣ имконияти пурраи ба сиёсати мақоми маркази ҳокимият таъсир расонидан дорад, алалхусус, ки Комитети инқилобӣ аз коммунистон иборат аст ва аксарияти нозирон ба ҳамин ҳизб мутааллиқанд. Вале ба ҳар касе, ки ҳаёти ҳозираи Бухороро бо диққат мушоҳида мекунад, комилан возеҳ аст: агар ҳизби коммунистӣ тамоми таъсири худро ба самти собитқадамона ҷорӣ намудани ҳамаи принсипҳои коммунистӣ истифода барад, ин ба таври сунъӣ паҳн

кардани сохте мешавад, ки ба шароитҳои иқтисодӣ ва психологияи оммаи мардум созгор нест» [182, с. 72].

Моҳи марти соли 1920 Низомномаи нав дар бораи трибуналҳои инқилобӣ қабул гардид, ки он комиссияи махсуси тафтишотиро барҳам дода, вазифаҳои онро ба Комиссияи муваққатии фавқулодда ва шуъбаҳои махсус дод. Инчунин, ба сифати ҳимоятгарон ва айдоркунандаи давлатӣ фақат аъзои штатии коллегияи назди шуроҳо истифода мешуданд.

Декрети ҳукумати ҶХШ Бухоро аз 2 сентябри соли 1920 барҳам додани судҳои қозии тоинқилобиро эълон кард. Судҳои халқии шуравӣ ва судҳои халқии қозӣ дар шаҳри Бухоро барои вилоятҳои ғарбӣ ва дар шаҳри Душанбе барои вилоятҳои шарқӣ таъсис дода шуданд [148, с. 80-81].

Судҳои халқии советӣ дар асоси «Низомнома дар бораи суди халқии советӣ», ки аз тарафи КИМ ҶХШ Бухоро аз 19 декабри соли 1921 қабул шуда буд, фаъолият мекарданд.

Судҳои халқии қозӣ ҳукму қарорҳои худро тибқи меъёрҳои шариат ва меъёрҳои ҳуқуқии инқилобӣ ва қонунҳои ҶХШ Бухоро содир мекарданд. Судҳои халқии қозӣ аз ҷониби кумитаҳои инқилобӣ интихоб гардида, нозироти адлия тасдиқ мекард ва дар вилоятҳо, туману кентҳо таъсис дода мешуданд.

Инчунин, судҳои махсуси Трибунали олии инқилобӣ, ки моҳи октябри соли 1920 таъсис дода шуда буд, барои баррасии ҷиноятҳои зиддиинқилобӣ ва трибунали ҳарбӣ барои баррасии ҷиноятҳои ҳарбию сиёсӣ амал мекарданд [148, с. 80-81].

Тибқи бандҳои 10 ва 11 «Низомнома дар бораи Трибунали олии ҶХШ Бухоро» масъалаи роҳ додани ҳимояро Трибунал дар маҷлиси амрдиҳандаи худ баррасӣ мекард. Ҳимоятгари ҷамъиятӣ ва айбдоркунандаи давлатӣ бо парвандаи мураккаб ва парвандае, ки дар асоси он ба судшаванда ҷазои қатл татбиқ мешуд, даъват карда

мешуданд. Бо ин мақсад дар назди Трибунал коллегияи ҳомиёни ҳуқуқ иборат аз 3 нафар шахсони дорои маълумоти ҳуқуқшиносӣ ва таҷрибаи кофии дар кори судӣ дошта таъсис дода мешуд. Онҳо бо фармони раиси Трибунал, аз ҳисоби кормандони муассисаҳои шуравӣ таъин карда шуда, 50% музди меҳнати ҷойи кори асосии худро мегирифтанд.

Тибқи Декрет дар бораи суд № 2 аз моҳи феврали соли 1918 тобеияти судҳои маҳаллӣ васеъ карда шуд. Коллегияи ҳомиёни ҳуқуқ таъсис дода шуд, ки аъзои он айбдоркуниро дар асоси шуурнокии ҳуқуқии инқилобӣ ва аз мавқеи сиёсӣ роҳбарӣ менамуданд ва ҳамчунин ҳимояи судиро амалӣ мекарданд. Тартиби шикояти аппелятсионӣ бекор карда шуда, тибқи Декрет фақат кассатсия иҷозат дода мешуд, он ҳам дар ҳолати ҷиддӣ будани вайронкуниҳо дар мурофиаи судӣ ва беадолатона будани ҳукм [148, с. 81-82].

Унсурҳои аввалини адвокатура, гирифтани ёрии ҳуқуқӣ ва имкони гирифтани ҳимояи ҳуқуқии воқеӣ дар ҶХШ Бухоро баъди қабули Конститутсияи ҶХШ Бухоро моҳи ноябри соли 1921 ба миён омаданд. Дар Конститутсияи ҶХШ Бухоро (моддаи 10) зикр шудааст, ки бо мақсади ҳифзи боэътимоди озодиҳои шаҳрвандӣ, ки ҳамин конститутсия муқаррар кардааст ва ҳимояи онҳо аз вайронкунии эҳтимолӣ аз ҷониби намояндагони алоҳидаи ҳокимияти давлатӣ, ба ҳамаи шаҳрвандони ҶХШ Бухоро ҳуқуқи дар танҳоӣ ва дастаҷамъона бо тариқи судӣ пешниҳод кардани айбнома ба тамоми мансабдорони ҷумҳурӣ, новобаста аз мансаби ишғолнамудаашон, дар сурати сӯйистифода намудани онҳо аз ҳокимият ва қонунвайронкунӣ дода мешавад [27, с. 2].

Бо назардошти вазъият дар Бухорои Шарқӣ бо қарори якҷояи КИМ Ӯзбекистон, Шурои нозирони халқ ва кумитаи марказии ҳизби коммунистии Бухоро 22 январи соли 1922 комиссияи фавқулоддаи КИМ оид ба корҳои Бухорои шарқӣ қабул шуд. Тибқи «Низомнома дар бораи Бухорои Шарқӣ» аз 22 майи соли 1922 ба комиссия вогузор шуд, ки ҳамчун мақомоти фавқулодда аз номи мақомоти олии ҷумҳурӣ – КИМ

Ӯзбекистон ҶХШ Бухоро амал намояд: комиссияи фавқулодда ваколатҳои ҳуқуқии қонунгузорӣ, иҷроия ва судиро доро буд, ҳуқуқи барҳам додани муассисаҳои ҳабс кардани шахсони мансабдор, бадарға кардан ва таъин намудани ҷазои ҷиноятиро доштанд. Ин комиссия баъди нисбатан муътадил гардидани ваъият моҳи марти соли 1924 барҳам дода шуд [102, с. 29].

Дар бобати фаъолияти ҳимоятгарон дар Бухорои Шарқӣ дар давраи амал намудани комиссияи фавқулодда маълумоти дақиқ ба даст наомад.

Дар минтақаҳое, ки босмачиҳо ишғол карда буданд, ки ба Бухорои Шарқӣ ҳам дохил мешуд, трибунали ҳарбии корпуси ҳарбии 13 амал мекард, ки он тибқи «Дастурамал дар бораи тартиби баррасии парвандаҳо нисбати босмачиҳо» моҳи июли соли 1923 қабул шудааст, парвандаҳои ҷиноятиро баррасӣ мекард.

Розиқов Ш. зикр намудааст, ки дар ин давра дар Бухорои Шарқӣ имконияти ташкил намудани судҳои шуравӣ набуд, бинобар он, судҳои қозӣ амал мекарданд, ки онҳоро шуъбаи адлияи назди комиссияи фавқулодда ба вазифа таъин ва озод мекард [148, с. 88].

Инчунин, дар назди комиссия Трибунали ҳарбии инқилобӣ амал мекард, ки минбаъд ба трибунали ҳарбии Душанбе табдил дода шуда, барои баррасӣ намудани парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати босмачиҳо комиссияҳои шаҳрӣ созмон медод, ки ҳайати он аз намояндагони комиҷроия, як намояндаи ҳарбӣ ва дигарон, бо тавсияи комиҷроия, иборат буд.

Дар пояи муқаррароти Конститутсияи ҶХШ Бухоро бори аввал Низомнома дар бораи сохтори судии ҶХШ Бухоро қабул карда шуд. Тибқи Низомнома дар бораи сохтори судии ҶХШ Бухоро аз 5-уми январи соли 1924 дар назди судҳои округӣ коллегияҳои ҳимоятгарон оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва маданӣ таъсис ёфтанд, ки фаъолияти онҳоро Низомномаи махсус танзим мекард. Роҳбарии умумиро ба коллегияҳо

Нозироти адлия амалӣ мегардонид. Ба фаъолияти ҳаррӯзаи онҳо раёсати коллегия сарварӣ мекард. Аъзои коллегия барои кори худ ҳаққи хизмат мегирифтанд, дар мавриди рафтори ношоям раёсат ба онҳо ҷазои интизомӣ медод [282, с. 113].

1-уми октябри соли 1924 Ҳукумати ҶХШ Бухоро «Низомнома дар бораи коллегияи ҳимоятгарони ҳуқуқӣ дар назди судҳои ҶХШ Бухоро»-ро тасдиқ кард [282, с. 114], ки қабули онро Низомнома дар бораи сохтори судии ҶХШ Бухоро аз 5-уми январи соли 1924 пешбинӣ карда буд. Тибқи Низомнома аз 1-уми октябри соли 1924 барои ҳифзи манфиатҳои айбдоршавандагон, намояндагони тарафҳо ва дигар шахсони дар парвандаҳои ҷиноятӣ ва маданӣ, инчунин барои пешбурди корҳо дар муассисаҳои ҳукуматӣ ва маъмурӣ ва шахсони мансабдор дар назди судҳои ҶХШ Бухоро коллегияи ҳимоятгарони ҳуқуқӣ таъсис дода мешавад. Коллегияи ҳимоятгарони ҳуқуқӣ то ташкил шудани судҳои округӣ дар тобеияти бевоситаи Нозироти адлия буд. Нозироти адлия аъзои коллегияҳои ҳимоятгарони ҳуқуқии даъвати якумро тасдиқ намуд ва қабули довталабони нав минбаъд бо қарори маҷлиси умумӣ ва коллегия сурат мегирифт. Нусхаҳои қарори маҷлис ба Нозироти адлия ирсол мегардид, Прокурори давлатии ҶХШ Бухоро дар ин бора огоҳонида мешуд.

Тибқи банди 10-уми Низомнома шахсони зерин узви коллегияи ҳимоятгарони ҳуқуқӣ шуда метавонистанд: шахсоне, ки дар Нозироти адлия вазифаҳои масъулро ишғол менамоянд, раисон ва аъзои трибунали олӣ ё суди халқии шуравӣ, судяҳои халқӣ, муфаттишони халқӣ, қозиён, агар онҳо шаҳодатномаи гузаштан аз санҷиш оид ба ҳуқуқи ишғоли ду мансаби аввалро дар судҳои ҶШХ Бухоро дошта бошанд; шахсони дорои маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ ё аз санҷишҳои барои қабул ба узвияти коллегияи ҳимоятгарони ҳуқуқ муқарраргардида гузашта. Ҳамчунин, ҳуқуқи аъзои коллегия буданро шахсони мансабҳои интихобии давлатиро ишғолнамуда, профессорону омӯзгорони фанҳои

ҳуқуқшиносӣ, инчунин ҳуқуқшиносони муассисаҳои давлатӣ ва ташкилотҳо доштанд. Шахсони мазкур баъди на кам аз ду сол дар мансаб ва дар идораҳои судӣ кор кардан, узви коллегия шуда метавонистанд [282, с. 124].

Низомнома фаъолияти коллегияи ҳимоятгарони ҳуқуқӣ, маҷлиси умумии он, тартиби пардохти музди меҳнати ҳимоятгарони ҳуқуқӣ, вазъи мурофиавии онро танзим мекард. Чӣ тавре ки мебинем, то таъсиси иттиҳодияҳои миллию давлатии халқҳои Осиёи Миёна (1924), дар ҷумҳуриҳои шуравии Осиёи Миёна (ҶМШС Тоҷикистон, ҶХШ Бухоро) низоми ягонаи мақомоти адвокатураи шуравӣ вуҷуд надошт. Дар давраи мавриди таҳқиқ дар Хоразм коллегияи ҳимоятгарон вуҷуд надошт, дар ҶХШ Бухоро бошад, ташаккули коллегияи ҳимоятгарон танҳо дар марҳилаи охирини мавҷудияти он оғоз ёфт, ки он боиси мушкилиҳои назаррас дар сохтмони низоми ягонаи адвокатура дар давлатҳои миллӣ гардид.

Моҳи октябри соли 1924 Суди округии Бухорои Шарқӣ таъсис дода шуд, ки он яке аз судҳои шакли шуравӣ буд. Суди округӣ аз 13 нафар иборат буда, фақат парвандаҳои ҷиноятиро баррасӣ менамуд ва аз як шуъбаи ҷиноятӣ иборат буд. Дар охири соли 1924 дар шаҳри Душанбе Суди олии ҶШС Бухоро дар ҳайати сессияи сайёр амал мекард ва парвандаҳои мураккаби ҷиноятиро баррасӣ менамуд.

Дар назди Суди округӣ прокуратура дар ҳайати 5 нафар ташкил шуда буд.

Ҳамин тариқ, Суди округи трибунали инқилобӣ фаъолияти худро чун мақомоти инқилобӣ ба муқобили босмачиҳо ва қувваҳои зиддиинқилобӣ ба роҳ монданд [148, с. 92-93].

Таҳқиқоти гузарондашуда нишон дод, ки дар давраи ба ҳайати Аморати Бухоро, Генерал-губернатории Туркистон шомил будани Тоҷикистони таърихӣ, институти адвокатура, ки ҷузъи низоми судиро ташкил медод, то барқарор гардидани ҳокимияти шуравӣ хусусияти

зеринро доро буд: дар ҳудуди шимоли Тоҷикистон, ки Россияи подшоҳӣ баъди забти Осиёи Миёна низоми судии кӯҳна, яъне судҳои қозиро нигоҳ дошта буд ва ҳамзамон судҳои империявӣ таъсис дода шуданд, ки дар назди он вакилони касбӣ низ фаъолият мекарданд. Дар Аморати Бухоро судҳои қозӣ амал мекарданд, ки дар тобеи амир буда, дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ-шариат фаъолият мекарданд. Дар ин ҷо барои мушкил нашудан, ба фаъолияти қозиҳо муфтиҳо-фақеҳон ҷалб карда мешуданд, ки онҳо ба тарафҳо маслиҳатҳои ҳуқуқӣ низ медоданд ва дар мурофиаҳои суди қозӣ иштирок мекарданд.

Инқилоби октябр адвокатураи тоинқилобиро, ки аз вакилони касбӣ иборат буд, барҳам дода, тибқи Декрет дар бораи суд №1 институти ҳимояи шуравиро таъсис дод, ки онро метавонистанд ҳамаи шаҳрвандони бадномнашудаи аз ҳуқуқҳои сиёсӣ бархурдор амалӣ намоянд ва солҳои аввали ҳокимияти шуравӣ ҷустуҷӯи шаклҳои гуногуни ташкилии ин институт давом карда, он аз ҳимояи озод, ки онро ҳар як шаҳрвандони қобили ҳуқуқ метавонист ба амал барорад оғоз гашта, минбаъд коллегияи ҳомиёни ҳуқуқ, ҳимояи давлатӣ ва ҳимоя дар шакли маҷбурияти меҳнатӣ аз ҷониби ҳамаи шахсони маълумоти ҳуқуқшиносӣ дошта ҷорӣ карда шуд [32]. Иваз намудан ва ҷорӣ кардани шаклҳои гуногуни ҳимоя зарурати ногузир дар заминаи ташаккули адолати судии шуравӣ буд, ки принсипҳои нав ва усулу роҳҳои мувофикро барои баамалбарории ҳимоя ҷустуҷӯ менамояд.

А.В. Клевсов ҷиҳатҳои манфии ташаккули адвокатураи солҳои аввали ҳокимияти шуравиро дар он мебинад, ки санадҳои ҳуқуқӣ дар бораи адвокатура дар миқёси мамлакат вуҷуд надоштанд, ки ягонагии низом, принсипҳои ташкилӣ ва фаъолияти адвокатураро таъмин кунад [246].

Дар ҳақиқат, расонидани ёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби намояндагони ҳамаи табақаҳои иҷтимоии аҳолӣ мушкилиҳоро пеш меовард, зеро

аксари онҳо дониши ҳуқуқӣ надоштанд, миқдори ҳимоятгарон нокифоя буд.

Шакли аввали намояндагӣ-намояндагии хешутабориро номбар кардан мумкин аст. Минбаъд, шахсоне пайдо шуданд, ки вазифаҳои намояндагиро иҷро мекарданд ва ба ивази подоши муайян, барои барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшудаи шахс манфиатдор будани ҷомеа ва тараққӣ кардани давлатҳо ба рушди низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ мусоидат намуда, ба ташаккули мазмуну моҳияти институти намояндагӣ таъсир мерасониданд. Сабаби пайдо шудани вакилони касбӣ-адвокатҳо, яъне шахсоне, ки барои фаҳмонида додани ҳуқуқвайронкунӣ, моҳият ва оқибатҳои вайронкунии ҳуқуқ ва тарзҳои муҳофизати он дониши зарурӣ доштанд ва ба ивази подоши муайян ин вазифаро иҷро мекарданд:

-институти адвокатура, ҳамзамон, бо институти судӣ ба вуҷуд омада, марҳилаҳои гуногуни инкишофро гузаштааст ва аз намояндагии хешутаборӣ то ба ҳимоятгарони касбӣ сабзида расидааст. Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки институти адвокатура дар давраҳои гуногун ва дар низоми давлатҳои мухталиф нишонаҳои хоси худро дошт, ки бо рушди низоми ҳуқуқӣ ва меъёрҳои сиёсӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ дар давраҳои гуногун вобаста буд. Бо вуҷуди он, сарфи назар аз марҳилаҳои таърихӣ ва низоми ҳуқуқии давлатӣ, дар ҳама замон хусусияти хоси адвокатура чун иттиҳодияи ҷамъиятӣ ба муҳофизати ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шахсони ба он эҳтиёҷдошта равона гардида буд.

Зимнан, ба хулоса омадан мумкин аст, ки институти адвокатура амалан дар як замон бо пайдоиши суд ба вуҷуд омада, роҳи дуру дарози инкишофро аз сар гузаронидааст, ки аз давраҳои бисёр иборат буда, аз миёнаравии хешутаборӣ ё рафиқона оғоз ёфта, то ба касби алоҳида сабзида расидааст. Адвокатураи Тоҷикистон дар давраҳои гуногуни таърихӣ нишонаҳову хусусиятҳои хоси худро доро буда, айни замон ба таҷрибаи замони шуравӣ такя мекунад. Гуногуншаклии салоҳияти адвокатура ба рушди низоми ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии давлат вобаста

буда, сарфи назар аз давраҳои таърихӣ ва низоми давлатии ҳуқуқ, дар ҳама замонҳо хусусияти хос ва фарқкунандаи адвокатура чун иттиҳодияи касбӣ ба таъмини ҳимояи ҳуқуқҳо, озодиҳо ва манфиатҳои шахсони ба ҳимоя эҳтиёҷманд равона гардида буд. Адвокатураи мустақили касбӣ кафолати ташаккулёбии ҷамъият, яке аз ҳуқуқҳои давлат мебошад.

# БОБИ 2. ТАШАККУЛИ ИНСТИТУТИ АДВОКАТУРА ДАР ҶМШС ТОҶИКИСТОН ВА АСОСҲОИ ТАШКИЛӢ-ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ АДВОКАТУРА ДАР ҶШС ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Ташаккулёбии институти адвокатура дар ҶМШС Тоҷикистон

Марҳилаҳои асосии ташаккулёбӣ ва инкишофи адвокатураи шуравӣ, ки зикрашон дар боло рафт, ба адвокатураи ҶМШС Тоҷикистон низ хос аст. Азбаски Тоҷикистон ба ҳайати ҶШС Ӯзбекистон дохил мешуд, таърихи адвокатураи тоҷик хусусиятҳои худро дорад, ки вижагиҳои шароити мушаххаси рушди таърихии онро дар ҳайати Ҷумҳурии Ӯзбекистон инъикос мекунад [182, с. 68, 184, с. 217-218].

Таъсис ёфтани давлатҳои нав ислоҳоти нави ҳуқуқӣ ва ташаккул додани қонунгузории нав ва институтҳои нави давлатӣ-ҳуқуқиро низ муайян кард. Дар маркази диққати КХА ҶМШС Тоҷикистон масъалаи бо кадрҳои боихтисос мустаҳкам кардани коллегияҳои ҳимоятгарон низ қарор дошт. Тибқи қонунгузорӣ дар бораи сохтори суд ва Низомнома дар бораи коллегияи ҳомиёни ҳуқуқ дар назди суди ҶМШС Тоҷикистон дар назди мақомоти судӣ коллегияҳои ҳимоятгарон ташкил карда шуданд. Аъзои коллегияи ҳимоятгарони ҳайати якумро бо пешниҳоди Комиссариати халқии адлия Комитети инқилобӣ тасдиқ карда буд. Минбаъд, қабул ба узвияти коллегия аз ҷониби раёсати коллегия сурат мегирифт ва иттилоот дар бораи шахсони ба коллегияи адвокатҳо қабулшуда ба Раёсати Комитети инқилобӣ пешниҳод мешуд [266, с. 80].

Дар солҳои аввали таъсис ёфтани ҶМШС Тоҷикистон дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон адвокатура чун институти алоҳидаи ҳимояи ҳуқуқӣ вуҷуд надошт. Чӣ тавре ки дар боби якум зикр шуд, заминаи таъсисёбии адвокатура дар ҶМШС Тоҷикистон адвокатураи ҶФШСР гардид, ки дар он институти адвокатура 26-уми майи соли 1922 дар асоси қарори

иҷлосияи II КИМУ ташкил карда шуда буд ва ин рӯз, рӯзи тавлиди адвокатураи шуравӣ гардид.

Соли 1925 КИМ Шӯрои ҶШС Ӯзбекистон Низомномаро дар бораи Комиссариати халқии адлияи ҷумҳурӣ тасдиқ кард, ки дар он аз ҷумла пешбинӣ шудааст, ки Комиссариати халқии адлияи ҶШС Ӯзбекистон ба фаъолияти коллегияи ҳимоятгарон роҳбарӣ мекунад.

Комиссариати халқии адлия ва шуъбаи сохтори судии он барои ба ҳаёт татбиқ кардани талаботи Низомнома дар бораи сохтори суд дар қисми марбут ба коллегияи ҳимоятгарон тадбирҳо меандешиданд. Тадбирҳои мазкур ба баланд бардоштани масъулияти интизоми коллегияи ҳимоятгарон; афзоиши сифатию миқдории сафи онҳо, махсусан, аз ҳисоби шахсони миллати таҳҷойӣ, такмили нархномаи пардохти меҳнати коллегияи ҳимоятгарон, ба оммаи аҳолии маҳаллӣ, махсусан, камбағалони меҳнаткаш ва занон наздик кардани ёрии ҳуқуқӣ ва ғайра нигаронида шуда буданд [264, с. 11].

Бо ин сабабҳо адвокатура дар Тоҷикистон каме дертар ба вуҷуд омад. Тибқи протоколи №1 аз 1-уми марти соли 1925 ва дар асоси қарори Суди округи Душанбе Бюрои коллегияи ҳимоятгарон дар ҳайати раис Соуслов Василий Петрович, ҷонишини раис рафиқ Зиф ва котиб рафиқ Вагин ташкил карда шуд [267, с. 391].

Дар асоси суратҷаласаи мазкур бар дӯши Раёсати коллегияи ҳимоятгарон уҳдадориҳои зерин гузошта шудаанд:

- мушоҳида ва назорат ба иҷрои уҳдадориҳои гузошташуда;

- ҷазои интизомӣ додан ба аъзои худ бо ҳуқуқи овардани шикоят, аз ҷониби шахсони манфиатдор ва прокурор, аз болои қарорҳои Раёсати коллегия ба комитети инқилобӣ ва суди округ;

- ихтиёрӣ намудан ба маблағҳои пулие, ки ба фонди коллегия ворид мегарданд;

- аз рӯйи навбат таъин кардани ҳимояи ройгони давлатии суд;

- бо супориши суди округӣ ташкили машваратҳо ва ба аҳолӣ расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба камбағалон, коргарон, хизматчиён ва муассисаҳо.

Пардохти музди меҳнати ҳимоятгарон дар асосҳои зерин амалӣ гардонида мешуд:

- шахсоне, ки бо қарори махсуси Судҳои халқӣ камбағал эътироф шудаанд, аз ҳар гуна пардохти музд ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва шаҳрвандӣ озод мешавад;

- коргарони корхонаҳои давлатӣ, хусусӣ ва хизматчиёни муассисаю корхонаҳои шуравӣ, ки маълумотнома дар бораи камбағалӣ пешкаш накардаанд, ҳаққи хизмати ҳимоятгаронро аз рӯйи нархномаи муқарраркардаи Комиссариати адлия мепардозанд [267, с. 392].

Қадамҳои аввалин дар роҳи ташкил кардани адвокатураи ягона дар тамоми ҳудуди ҶШС Ӯзбекистон хеле мушкил буданд. Вазъи кор дар вилоятҳои Самарқанду Тошканд нисбатан беҳтар буда, дар вилояти Фарғона ва ҶМШС Тоҷикистон ниҳоят бад буд. Ин шаҳодати он аст, ки дар вилоятҳои Сирдарё 52 ҳимоятгар, Самарқанд -18, Туркман -13, Ҳафтруд – 14, Фарғона – 9, Ӯротеппа – 5 ҳимоятгар буда, дар шуъбаи Амударё бошад, ягон нафар узви коллегияи ҳимоятгарон мавҷуд набуд. Аз шумораи умумии ҳимоятгарон ҳамагӣ 17 нафар намояндаи миллатҳои маҳаллӣ буданд. Комиссариати халқии адлияи ҶМШС Тоҷикистон ба тайёр кардани ҳимоятгарон аз ҳисоби намояндагони миллатҳои таҳҷоӣ диққати махсус медод. Аз ҷумла, дар оғози соли 1926 дар назди суди округи Ҳисор коллегияи ҳимоятгарон ташкил карда шуд, ки вазифаи он расонидани ёрии ройгони ҳуқуқӣ ба аҳолӣ буд [283, с. 38].

Соли 1926 Комиссариати халқии адлияи ҶШС Ӯзбекистон дар маърузаи худ қайд кардааст, ки дар он сол ҳатто дар аксари ноҳияҳои аморати Бухоро ва хонигарии Хева коллегияи ҳимоятгарон вуҷуд надошт. Ин ҳолат дар таъсиси адвокатураи ягона дар ҶМШС Тоҷикистони навташкил монеаҳои ҷиддӣ эҷод мекард.

20-уми июни соли 1925 Комитети инқилобии ҶМШС Тоҷикистон қарор қабул кард, ки «Барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба аҳолӣ ва ба мақсади иҷрои вазифаҳои ҳимояи судӣ аз 15-уми феврали соли 1926 дар ҳудуди ҶМШС Тоҷикистон низомномаи коллегияи ҳимоятгарон ба амал ҷорӣ карда шавад» [273, с. 17]. Тибқи ин қарор дар назди судҳои округӣ коллегияи ҳимоятгарон оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва маданӣ таъсис дода шуд. Барои танзими фаъолияти коллегияи ҳимоятгарон, тартиби назорат ва ҳисоботдиҳии онҳо, Комиссариати халқии адлия дастурамали махсусро тасдиқ кард. Дар самтҳои дигар предмети танзими дастурамали мазкур ҳамон масъалаҳоеро дар бар мегирифт, ки онҳо бо қонунгузории ИҶШС ва ҷумҳурии иттифоқӣ танзим мешуданд.

Дар оғози соли 1926 коллегияи ҳимоятгарон дар марказҳои вилоятҳо таъсис ёфта буданд. Аз ҷумла, коллегияи ҳимоятгарон 9-уми октябри соли 1928 дар вилояти Ӯротеппа дар ҳайати панҷ нафар дар асоси қарори маҷлиси умумии аъзои коллегияи ҳимоятгарон ташкил карда шуд [273, с. 21].

Мувофиқи маълумоти муҳаққиқон то 1-уми апрели соли 1929 коллегияи ҳимоятгарон дар назди судҳои округии Самарқанд, Бухоро, Хуҷанд, Ӯротеппа, Тошканд, Тирмиз ва дигар судҳои округӣ амал мекарданд [274, с. 4].

Ба меҳнаткашон, махсусан, ба коргарону деҳқонони камбағал расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон хеле васеъ паҳн шуда буд. Масалан, дар оғози соли 1926 коллегияи ҳимоятгарон таъсис ёфт, ки вазифаи он ба аҳолӣ расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон буд. Ба ҳайати коллегияи мазкур ҳафт нафар аҳолии таҳҷоӣ ва ҳашт нафар аврупоиён дохил мешуданд. Дар аввал коллегия ба шаҳри Душанбе хизмат мерасонд ва минбаъд дар маркази вилоятҳо чунин коллегияҳо таъсис дода шуданд. Ба вазифаи онҳо бо қонунгузории шуравӣ шинос кардани оммаи васеи аҳолӣ бо роҳи маърузаҳои шифоҳӣ, суҳбатҳо, ба одамон фаҳмонидани масъалаҳои дар матбуоти даврӣ инъикосшаванда дохил мешуд.

Дар солҳои минбаъда таҷдид ва азнавсозии ташкилии институти ҳимоя дар ҶМШС Тоҷикистон батадриҷ сурат мегирифт. Дар ин шароит Комиссариати халқии адлияи ҶШС Ӯзбекистон, шуъбаи сохтори судии он дар бобати дар ҳамаи вилоятҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар ҶМШС Тоҷикистон дар асосҳои ягона ташкил кардани коллегияҳои ҳимоятгарон тадбирҳо андешид. Аз ҷумла, 9-уми октябри соли 1928 дар асоси қарори маҷлиси умумии аъзои коллегияи ҳимоятгарон дар ҳайати панҷ нафар коллегияи ҳимоятгарон дар вилояти Зарафшон ва вилояти Ӯротеппа аз нав ташкил карда шуд [267, с. 9].

Дар ин бобат дар маърузаи ҳисоботӣ оид ба фаъолияти бюрои Ӯротеппагии коллегияи ҳимоятгарон ва ҷомеаи аъзои коллегияи ҳимоятгарон аз 1-уми октябр то 31-уми декабри соли 1928 гуфта шудааст: «Дар асоси қарори маҷлиси умумии аъзои коллегияи ҳимоятгарони ташкилоти Ӯротеппа аз 9-уми октябри соли 1928-ум бо иштироки Раиси ҷаласаи доимии Суди асосии ҶМШС Тоҷикистон рафиқ Колесников, прокурори вилояти Ӯротеппа рафиқ Холмуҳаммадов ва суди халқии участкаи 14 рафиқ Абитхоҷаев аз 1-уми октябри соли 1928-ум ҷомеаи аъзои коллегияи ҳимоятгарон ташкил карда шуд, ки ба он тамоми ташкилот дохил шуд. Ҳангоми таъсиси ҷомеаи меҳнатӣ раёсат (садорат) дар ҳайати зерин интихоб шуд: ваколатдор рафиқ Макаров, ҷонишини ваколатдор рафиқ Мансуров, котиб-хазинадор рафиқ Гендлин» [263, с. 10].

Дар маъруза, инчунин қайд шудааст, ки: «Ба санаи 1-уми январи соли 1929 дар ҳайати коллегия ва ҷомеаи меҳнатӣ се нафар боқӣ монданд. Раёсат барои ба ҳайати коллегия ва ҷомеаи меҳнатӣ ҷалб кардани нафарони аҳолии маҳаллӣ тамоми тадбирҳоро андешид. Дар натиҷа аз 1-уми январи соли 1929 ба коллегия рафиқ Абдусалом Латипов, собиқ муфаттиши халқӣ дар шаҳри Ӯротеппа ба кор қабул карда шуд» [263, с. 10].

Ба мақсади беғаразона ва пурра бо ёрии ҳуқуқӣ фаро гирифтани аҳолии меҳнатӣ, аз байн бурдани рақобати носолим дар байни аъзои коллегияи ҳимоятгарон, ки обрӯю эътибори ҳимояи шуравиро дар назари аҳолӣ коҳиш медиҳад, баҳри мубориза бо зиёд нашудани музди ҳимоя (гонорари ҳимоя) ва ҷорӣ намудани муҳити нисбатан солим дар байни аъзои коллегияи ҳимоятгарон саривақтӣ ва зарур дониста шуд, ки дар ҷомеаи коллегияи ҳимоятгарон хазинаи ягона таъсис дода шуда, тақсими баробари музди кор дар байни аъзои ҷомеаи меҳнатӣ ба роҳ монда шавад. Тибқи суратҷаласаи №2 маҷлиси умумии ҷомеаи аъзои коллегияи ҳимоятгарон аз 12-уми октябри соли 1928 қарор қабул карда шуд, ки парвандаҳои то 1-уми октябри соли 1928 ба тариқи инфиродӣ қабул кардани ҳар як узви ҷомеа бояд аз ҷониби ҳамон шахсе, ки парвандаро пеш мебарад, ба охир расонида шуда, гонарар пурра дар ихтиёри ӯ гузошта шавад. Парвандаҳои баъди 1-уми октябр қабулгардида, бояд дар рӯйхати ҷомеаи меҳнатӣ қайд карда шуда, гонорари он пурра ба хазинаи ҷомеаи меҳнатӣ ворид гардад [263, с. 10].

Ду маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ оид ба расонидани ёрии ройгони ҳуқуқӣ ба аҳолии меҳнаткаш ташкил карда шуд, ки яктои он ҳар рӯз амал мекард. Бо супориши прокурори вилоят, бо қувваи коллегия, бо милитсионерон ва кормандони ҳабсхона оид ба мавзуъҳои ҳуқуқӣ машғулиятҳо гузаронида мешуданд, аз ҷумла, 13 лексия оид ба масъалаҳои Конститутсияи ИҶШС, Конститутсияи ҶШС Ӯзбекистон, Кодекси қонунҳо дар бораи меҳнат гузаронида шуданд. Ғайр аз ин, коллегия як нафарро барои гузаронидани машғулиятҳои мунтазам бо коромӯзон ҷудо кард, зеро якчанд ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳизбӣ ва касабавӣ бораи аз ҳар ташкилот ду нафарӣ ба сифати коромӯз ҷудо кардан дархост пешниҳод кардаанд [263, с. 10].

Ба мақсади таъмин кардани баробарҳуқуқии занону мардон ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо 7-уми марти соли 1927 КИМ ҶШС Ӯзбекистон қарори махсус «Дар бораи ба занон пешниҳод кардани

имтиёзҳо оид ба муҳофизати онҳо тавассути муассисаҳои судӣ аз зӯроварӣ ва таҳқир ба сабаби фаранҷипартоӣ» қабул кард [46, с. 72]. Қарори мазкур мақомоти таҳқиқи ибтидоӣ, суд ва прокуратураро вазифадор кард, ки имтиёзҳоеро муайян кунанд, ки ба занон имконияти муҳофизат намуданро бо роҳи пешниҳоди даъво барои таҳқир ва зӯроварӣ нисбат ба онҳо фароҳам орад.

ҶМШС Тоҷикистон бо низоми нисбатан инкишофёфтаи адвокатураи шуравӣ фарқ мекард, вале дар он ҷо низ шаклҳои ташкилии он ба қадри кофӣ комил ва устувор набуданд. Қисми назарраси кори амалии аъзои коллегия дар утоқҳои хусусӣ сурат мегирифт. Зидди адвокатураи пинҳонкор муборизаи қатъӣ бурдан рост меомад. Байни аъзои коллегия намояндагони миллатҳои маҳаллӣ хеле кам буданд.

Ёрии ҳуқуқӣ дар намуди машваратҳои хаттию шифоҳӣ, тартиб додани ҳуҷҷатҳои гуногун, аризаю шикоятҳо, асосан дар назди худи коллегияҳои ҳимоятгарон сурат мегирифтанд. Ҳамзамон, дар вилоятҳо барои ташкил кардани навбатдории аъзои коллегия дар назди клубҳои коргарон тадбирҳо андешида мешуданд, сафарҳои хизматӣ ба уезду вилоятҳо амалӣ мегардиданд ва ғайра.

Масалан, дар давраи аз 1-уми октябр то 31-уми декабри соли 1928 коллегияи ҳимоятгарони Ӯротеппа корҳои зеринро иҷро карданд: машваратхонаҳои ҳуқуқӣ 88 хизмати ройгон расониданд, аз ҷумла барои 66 муштарӣ ариза тартиб дода шуд ва 22 нафар муроҷиаткардагон маслиҳатҳо гирифтанд. Аз рӯйи ҳолати иҷтимоӣ ба 78 нафар деҳқон, 8 нафар коргару хизматчиён ва ба 2 нафар бекор ёрии ҳуқуқӣ расонида шуд; ба 9 нафар оид ба масъалаҳои ҷиноятӣ, ба 17 нафар оид ба масъалаҳои маданӣ ва никоҳу талоқ, ба 12 нафар оид ба кодекси меҳнат, ба 7 нафар оид ба истифодаи замин, ба 43 нафар оид ба корҳои ислоҳию меҳнатӣ машваратҳо дода шуданд. Дар ин муддат аъзои коллегияи ҳимоятгарон ба ноҳияҳои зерин (Панҷакент, волости Фалғар, Моғиён - волости Фороб, волости Ғончӣ ва волости Далён) ҳашт маротиба сафари

хизматиро анҷом доданд, ки давомнокиашон 69 рӯз буд. Ҳамаи аъзои коллегия 32 парвандаи пулакӣ, аз ҷумла 15 парвандаи ҷиноятӣ, 14 парвандаи маданӣ, ду парвандаи марбут ба истифодаи замин; 36 парвандаи бепул, аз ҷумла 30 парвандаи ҷиноятӣ, ду парвандаи маданӣ, ду парвандаи меҳнатӣ ва ду парванда оид ба истифодаи заминро қабул карданд [263, с. 9].

Тибқи протоколи №1 маҷлиси умумии аъзои ташкилоти коллегияи ҳимоятгарони Ӯротеппа ҳар рӯз аз соати 10 то 14 ба меҳнаткашон машварати ҳуқуқии доимии бепул расонида мешуд [263, с. 10].

Иҷлосияи V КИМ ҶШС Ӯзбекистон 29-уми сентябри соли 1926 «Низомнома дар бораи сохтори судии ҶШС Ӯзбекистон»-ро тасдиқ кард, ки он аз 15-уми феврали соли 1927 ба қувваи эътибор даромад. Низомнома дар округҳо таъсис додани коллегияҳои ҳимоятгаронро пешбинӣ мекард, ки дар асоси Низомномаи махсус оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба аҳолӣ ва амалӣ гардонидани вазифаҳои ҳимояи судӣ амал менамуданд. Назорати кори шуъбаҳои коллегияҳои округӣ ба институти махсуси ваколатдорони суди округӣ вогузор шуда буд. Ваколатдорони махсуси округ аз ҳисоби судяҳои халқӣ ва шахсоне таъин мешуданд, ки дар мақоми аъзои суди округӣ қарор доштанд [265, с. 8]. 14-уми декабри соли 1927 коллегияи Комиссариати халқии адлияи ҶШС Ӯзбекистон Низомномаи мазкурро дар таҳрири охирин бо тағйироту иловаҳо ба бандҳои алоҳида тасдиқ кард. Дар инкишофи адвокатураи шуравӣ дар ҶМШС Тоҷикистон аз 1-уми июли соли 1926 ба амал ҷорӣ шудани КҶМ ҶШС Ӯзбекистон, ки ҳуқук ба ҳимоя ва дар мавридҳои алоҳида иштироки ҳатмии ҳимоятгарро дар суд ва ғайраро мустаҳкам намуд, марҳилаи муҳим гардид [265, с. 9].

Тибқи дастури Комитети инқилоби ҶМШС Тоҷикистон аз 10-уми апрели соли 1926 ҳамаи фармонҳо ва амрҳои КИМ ва ШКХ ИҶШС ва

ҶШС Ӯзбекистон, аз рӯзи нашр гардиданашон онҳо дар ҳудуди ҶМШС Тоҷикистон ба эътибор медароянд [169, с. 59].

Тибқи Қонун дар бораи сохтори судҳо аз соли 1926 Комиссариати халқии адлияи ҶШС Ӯзбекистон оид ба таҳияи лоиҳаи низомнома дар бораи коллегияи ҳимоятгарон кори зиёдро ба иҷро расонид. Лоиҳа дар маҷлиси коллегияи Комиссариати халқии адлияи ҶШС Ӯзбекистон моҳи декабри соли 1927 тасдиқ карда шуд. Низомнома фаъолияти маҷлиси умумии аъзои коллегия, тартиби интихоби раёсати он, ҳуқуқу уҳдадориҳои он, фаъолият оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба аҳолӣ, ҳуқуқу вазифаҳои ваколатдорони коллегияҳои ҳимоятгарон, мақоми шуъбаҳои коллегияи ҳимоятгарон, фонди онҳо, ҳайати ҳимоятгарон ва қабули аъзои нав, ҳуқуқу вазифаҳои онҳо, ҳамчунин масъулияти интизомиро танзим намуд. Низомномаи мазкурро коллегияи Комиссариати халқии адлияи ҶМШС Тоҷикистон танҳо 20-уми декабри соли 1928 қабул кард [289, с. 7]. Дар ҳудуди ҶМШС Тоҷикистон то ин вақт Низомномаи коллегияи ҳимоятгарон аз 15-уми феврали соли 1926 амал мекард [273, с. 17].

Муайян кардани иерархияи ҳуқуқии низомномаҳои болозикр хеле мушкил аст. Инчунин, муайян кардан мушкил аст, ки ин низомномаҳо санадҳои қонунгузорӣ ҳастанд ё санадҳои зерқонунӣ. Барои таҳқиқоти мо ин масъала хеле муҳим аст, зеро он дар сатҳи танзими меъёрии ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ, муҳиммияти ин муносибатҳоро барои давлат муайян мекунад. А.Р. Нематов менависад, ки мақомоти аввалини шуравӣ дар Тоҷикистон декретҳо, қарорҳо, низомномаҳо ва дигар санадҳо қабул мекарданд ва метавон тахмин кард, ки бисёрии онҳо дар ҳамон давра эътибори қонунӣ доштанд. «Дар ин ҷо - суханашро идома медиҳад муаллиф, - ба ҳалли масъала на аз мавқеи шаклу номи санад наздик шудан лозим аст, балки муамморо дар қувваи ҳуқуқии санадҳо ва мақомоти қабулкунандаи онҳо баррасӣ кардан ба мақсад мувофиқ аст [142, с. 21]. Низомномаҳои мазкурро Комиссариати халқии адлия, яъне

мақомоти иҷроияи ҳокимият қабул кардааст, бинобар ин, онҳо бештар хусусияти зерқонунӣ доранд. Аз ин ҷо возеҳ аст, ки аз рӯзҳои аввал адвокатураи шуравӣ таҳти ҳимояи давлат қарор дошт ва тобеи мақомоти ҳокимияти иҷроия буд. Мавқеи мазкурро ин нуқта низ тақвият мебахшад, ки фаъолияти коллегияи ҳимоятгарон, тартиби назорат ва ҳисоботдиҳӣ тавассути қоидаҳои махсус ва дастурамалҳое танзим мешуданд, ки аз ҷониби Комиссариати халқии адлия тасдиқ шуда буданд.

8-уми феврали соли 1928 Комиссариати халқии адлияи ҶШС Ӯзбекистон ба ҳамаи судҳои округӣ, прокурорҳо ва коллегияҳои ҳимоятгарон дар бораи ба ҳаёт татбиқ кардани Низомнома дар бораи коллегияи ҳимоятгарон сиркуляр (номаи дастурӣ) фиристод. Дар он қайд карда шудааст, ки коллегияи ҳимоятгарон дар баробари дигар мақомоти адлия бояд қонунияти инқилобӣ, ҳимояи ҳуқуқии аҳолӣ ва ба аҳолӣ расонидани ёрии ҳуқуқиро таъмин кунад. Ҷорӣ кардани Низомнома чун воситаи муҳимми азнавташкилкунии коллегияҳои ҳимоятгарон ва беҳтар намудани фаъолияти онҳо баррасӣ мегардид. Дар он вазифаҳои мушаххаси судҳои округӣ, прокурорҳо ва худи коллегияҳои ҳимоятгарон муайян шуда буданд [273, с. 18].

Тибқи Низомномаи мазкур аъзои коллегияи ҳимоятгарон дар муассисаҳои давлатӣ ва корхонаҳо мансабҳоро ишғол карда наметавонистанд, ба истиснои мансабҳои зерин:

- барои шахсоне, ки мансабҳои давлатиро аз рӯйи интихоб ишғол мекунанд;
- барои профессорон ва омӯзгорон;
- барои маслиҳатчиёни ҳуқуқии муассисаю корхонаҳои давлатӣ.

Акнун тамоми корҳо оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба аҳолӣ дар коллегияҳои ҳимоятгарон ва машваратгоҳҳои ҳуқуқӣ тамаркуз меёфтанд, ки ба аъзои он бо амалияи хусусии адвокатӣ машғул шудан қатъиян манъ буд. Барои кирдорҳои гуногуни интизомӣ узви коллегияи ҳимоятгарон

дар назди раёсати коллегия, раисону аъзои раёсат бошанд, дар назди коллегияҳои интизомии судҳои округӣ масъулият доштанд.

Дар маҷлиси коллегияи Комиссариати халқии адлияи ҶШС Ӯзбекистон 1-уми октябри соли 1928 Низомномаи иловагии муваққатӣ дар бораи машваратгоҳҳои ҳуқуқӣ тасдиқ карда шуд, ки ба вазифаҳои онҳо масъалаҳои зерин дохил мешуданд: додани маслиҳатҳои ҳуқуқӣ, тартиб додани арзу шикоятҳо, барои пешбурд қабул кардани парвандаҳо ҳам дар мақомоти судӣ ва ҳам дар мақомоти маъмурӣ ва ғайра [273, с. 19].

Низомнома дар бораи коллегияи ҳимоятгарон, ки коллегияи Комиссариати халқии адлияи ҶМШС Тоҷикистон 20-уми декабри соли 1928 қабул карда буд, санади охирине гардид, ки фаъолияти адвокатҳоро дар Тоҷикистон дар мақоми ҷумҳурии мухтор бевосита танзим мекард [287, с. 11]. Низомномаи мазкур дар муқоиса бо низомномаи пештара масъалаҳоро оид ба маҷлиси умумии аъзои коллегияи ҳимоятгарон, тартиби интихоби раёсат, ҳуқуқу ухдадориҳои он, дар бораи шуъбаҳо, ҳайат ва фондҳои коллегияи ҳимоятгарон, масъулият ва ғайра нисбатан муфассалтар танзим мекард. Низомномаи мазкур, минбаъд дар ҶШС Тоҷикистон, ки чун давлати иттифоқии тоҷикон дар ҳайати ИҶШС буд, амал кардааст. Лозим ба таъкид аст, ки ҳини таҳқиқи мавод дар Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон замимаи лоиҳаи тағйироту иловаҳо ба Низомнома дар бораи коллегияи ҳимоятгарон дарёфт шуд, ки онро комиссияи дар маҷлиси умумии коллегия аз 11-уми марти соли 1929 интихобшуда таҳия кардааст [288, с. 7], вале аз рӯйи ҳуҷҷатҳо муайян кардани қабул шудан ё нашудани тағйиру иловаҳои номбурда мушкил аст.

Конститутсияи якуми Тоҷикистонро 28-уми апрели соли 1929 анҷумани дувуми Шуроҳои ҶМШС Тоҷикистон қабул карда буд. Дар он комёбиҳои халқи тоҷик дар соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, хоҷагӣ ва фарҳангӣ

инъикос ёфтаанд, давраи оғози ташкили давлатдории миллии тоҷикон аз самти ҳуқуқӣ ба расмият дароварда шудаанд.

Ҳамин тариқ, инкишофи минбаъдаи адвокатура дар Тоҷикистони таърихӣ дар манзари ворид шудани он ба ҳайати ҶШС Ӯзбекистон ва низоми меъёрӣ – ҳуқуқии муқарраркардаи он ва низоми шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ташаккули адвокатура дар ин ҷумҳурӣ ҷараён гирифтааст. Асоси ҳуқуқии ташкили адвокатураро дар ин марҳила қонунгузории сезинагӣ, яъне қонунгузории ИҶШС, ҶШС Ӯзбекистон ва ҶМШС Тоҷикистон, ташкил додааст. Дар натиҷа, дар баробари Низомномаи коллегияи ҳимоятгарони ҶШС Ӯзбекистон, дар ҶМШС Тоҷикистон дар мухлати кӯтоҳ якчанд санадҳо, аз ҷумла низомномаҳо дар бораи коллегияи ҳимоятгарон аз 1-уми марти соли 1925, аз 15-уми феврали соли 1926, аз 20-уми декабри соли 1928 (тағйироту иловаҳо ба Низомнома аз 20-уми декабри соли 1928) қабул шуданд, ки самти минбаъдаи ташаккул ва инкишофи шаклҳои муосири адвокатураро дар Тоҷикистон муайян карданд.

Тибқи моддаи 86 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1929 ҳимоятгар, ба истисноии ҳолатҳои иштироки ҳатмӣ, чун қоида бо салоҳдиди суд иҷозат дода мешуд. Суд метавонист, ки дар ҳолатҳои алоҳида ба ҳимоя шахсони ваколатдорро роҳ надиҳад. Дар КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1935 чунин маҳрумиятҳо умуман набуданд. Акнун ҳимоя дар ҳамаи ҳолатҳо новобаста аз хоҳиши суд иҷозат дода мешуд [147, с. 66].

Баъди ҳалли худро ёфтани масъалаи ба ҷумҳурии иттифоқӣ табдил ёфтани ҶМШС Тоҷикистон, ба тасдиқи мақомоти олии ҳокимияти давлатии ҶШС Ӯзбекистон баровардани Конститутсияи ҷумҳурии мухтор мавқуф гузошта шуд.

Дар Конститутсия ба меҳнаткашон як қатор ҳуқуқу озодиҳо, ба монанди озодии виҷдон, озодии иттифоқҳо, маҷлисҳо, ҳуқуқ ба гирифтани маълумот муқаррар шуда буданд, ки асосан барои дастгирии

табақаҳои аҳолии камбағал равона шуда буданд. Дар Конститутсия ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосӣ низоми мустақилро ташкил намедоданд. Шахсони алоҳида аз ҳуқуқҳои сиёсӣ ва гражданӣ дар мавриди хилофи манфиатҳои инқилоб ва ба муқобили ҳокимияти шуравӣ истифода намудан, маҳрум карда мешуданд [102, с. 46-47].

## 2.2. Асосҳои ташкилию ҳуқуқии фаъолияти адвокатура дар ҶШС Тоҷикистон

Баромадани ҶМШС Тоҷикистон аз ҳайати ҶШС Ӯзбекистон ва таъсис ёфтани ҶШС Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди ҶШС ба ташаккули низоми нави институтҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ, дар асоси принсипу ҳуқуқҳои давлати иттифоқӣ, мусоидат намуд. Ин тағйирот ба тамоми низоми мақомоти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла институти адвокатура низ дахл дошт.

Ба муносибати ташкил шудани Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ва аз ҳайати ҶШС Ӯзбекистон баромадани он, КИМ ва ШКХ ҶШС Тоҷикистон моҳи декабри соли 1929 қарор қабул кард, ки тамоми қонунгузории ҶШС Ӯзбекистон, ки қаблан дар ҳудуди ҷумҳурӣ амал мекарданд, муваққатан, то нашр шудани санадҳои қонунгузорӣ дар ҷумҳурии навтаъсис қувваи ҳуқуқии худро нигоҳ медоранд. Лаҳзаи аз ҳайати ҶШС Ӯзбекистон баромадани Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон санаи қабули қарори иҷлосияи Комитети Иҷроияи Марказии ИҶШС дар бораи аз ҳайати ҶШС Ӯзбекистон баромадани ҶШС Тоҷикистон 5-уми декабри соли 1929 ба шумор меравад.

Анҷумани 3-юми фавқулодаи Шуроҳои Тоҷикистон моҳи октябри соли 1929, таъсис ёфтани ҶШС Тоҷикистон ва ихтиёран ба ҳайати Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ ворид шудани онро эълон кард. 24-уми феврали соли 1931 Анҷумани 4-уми Шуроҳо Конститутсияи ҶШС Тоҷикистонро, ки заминаи онро муқаррароти асосии Конститутсияи ИҶШС ташкил медоданд, қабул намуд [170, с. 59-60].

Конститутсияи аввалини ҶШС Тоҷикистон ба ҳолату меъёрҳои Конститутсияи ИҶШС мувофиқ буд. Конститутсия дар моддаи 13 низоми ягонаи муассисаи судиро муайян намуд, ки тибқи он фаъолияти судиро, мустасно, меҳнаткашон амалӣ менамуданд ва интихоби судҳо аз тарафи Шурои вакилони коргарон, деҳқонон ва аскарони сурх сурат мегирад [3, с. 92-93].

Конститутсия озодии изҳори ақида, озодии виҷдон, муттаҳидшавӣ, иштирок дар маҷлисҳо ва гирдиҳамоиҳоро эълон кард, вале дар хусуси онҳо ҷиддӣ сухан рондан ҳанӯз барвақт буд. Таҷрибаи аввалини дар сатҳи баланди ҳуқуқӣ муқаррар кардани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон аҳаммияти калон дошт.

Санади аввалини меъёрии ҶШС Тоҷикистон, ки бевосита фаъолияти адвокатураро танзим намуда, шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии онро муайян кардааст, Низомнома дар бораи коллегияи ҷумҳуриявии ҳимоятгарон аз соли 1935 буд, ки онро Комиссариати халқии ҶШС Тоҷикистон тасдиқ кардааст [263, с. 9]. Низомнома дар бораи коллегияи ҷумҳуриявии ҳимоятгаронро Комиссариати халқии адлияи ҷумҳурӣ ва фаъолият бурдани мақоми идоракунии коллегияи ҷумҳуриявии ҳимоятгарони таҳти роҳбарии бевоситаи Суди Олии ҶШС Тоҷикистон муайян кард, ки тобеияти дутарафа доштани мақомоти коллегияи ҳимоя таҳти назорати дугона будани онро нишон медиҳад.

Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар давраи шуравӣ дар тобеияти давлат будани яке аз институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ин иститутҳо таҳти назорат ва ҳисоботдиҳанда буд. Аз ҷумла, коллегияи ҳимоятгарон ҳар нимсола дар бораи фаъолияти худ ба Суди Олии ҶШС Тоҷикистон ҳисобот медод.

Мақоми олии идоракунии коллегия Анҷумани аъзои коллегияи ҳимоятгарон буд, ки бо иҷозати Комиссариати халқии адлияи ҶШС Тоҷикистон даъват мешуд. Анҷуман раёсат дошт, ки он дар байни иҷлосияҳои анҷуман амал мекард. Раёсат бюроҳои байниноҳиявӣ ва

коллегияи ноҳиявии ҳимоятгаронро таъсис медод. Зимнан, ноҳияҳоро, ки бюроҳо хизмат мерасониданд, Раёсати коллегияи ҳимоятгарон муқаррар намуда, ба Суди олӣ пешниҳод мекард ва онро Комиссариати халқии адлияи ҶШС Тоҷикистон тасдиқ мекард [263, с. 9].

Санади мазкур, ҳамчунин, доираи фаъолияти коллегияи ҷумҳуриявии ҳимоятгарон, тартиби қабул ва хориҷ карданро дар бар мегирифт, ба Низомнома нархномаи пардохти хизмати коллегияи ҳимоятгарон дар назди Суди олии ҶШС Тоҷикистон ва ҳайати шахсии коллегияи ҳимоятгарон замима шуда буд. Зикр кардан лозим аст, ки сол аз сол дар ҷумҳурӣ шумораи адвокатҳо меафзуд. Масалан, соли 1937 ҳайати шахсии коллегияи ҳимоятгарон 22 нафар бошад, соли 1938 он 25 нафар ва соли 1939 41 нафарро ташкил кардааст [263, с. 9].

Ба сифати ҳимоятгар, мувофиқи моддаи 77 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1935, ба маҷлиси судӣ аъзои коллегияи адвокатҳо, хешовандони наздики айбдоршаванда, намояндаҳои ваколатдоршудаи муассисаҳои давлатӣ ва корхонаҳо, ташкилотҳои кооперативӣ ва ҷамъиятӣ роҳ дода мешуданд. С. Раҷабов зикр намудааст, ки ин меъёр амалан татбиқ намегардид, хусусан, иштироки намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба сифати ҳимоятгар дида намешуд. Амалияи судҳои ҶШС Тоҷикистон солҳои 1942 то 1961 шаҳодат медиҳад, ки дар парвандаҳои баррасишуда иштироки намояндагони ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба сифати ҳимоятгар дар судҳо, ба назар намерасад [147, с. 77].

Конститутсияи ИҶШС 5 декабри соли 1936 қабул гардид, ки он «Конститутсияи сотсиализми ғолиб» ном гирифт. Анҷумани шашуми фавқулодаи Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон 1 марти соли 1937 Конститутсияи ҶШС Тоҷикистонро қабул кард, ки он, моҳиятан, шаклан ва мазмунан ба Конститутсияи ИҶШС соли 1936 мувофиқ буд. Дар Конститутсия аввалин бор ба низоми ҳуқуқҳо ва вазифаҳои асосии

шаҳрвандон боби алоҳида бахшида шуда, як қатор ҳуқуқҳо, аз ҷумла дахлнопазирии шахсият ва манзили шаҳрвандон эълон гаштанд.

Мувофиқи моддаи 91 Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон соли 1937 баррасии парвандаҳо дар ҳама судҳо, бо иштироки маслиҳатчиёни халқӣ ба амал бароварда мешавад, ба ғайр аз мавридҳое, ки қонун махсус пешбинӣ кардааст. Моддаи 98 муқаррар намудааст, ки дида баромадани корҳо дар ҳамаи судҳои ҶШС Тоҷикистон, агар қонун истисно пешбинӣ накарда бошад, кушод мебошад ва ба шахси гунаҳкор ҳамчунин ҳимоя таъмин карда мешавад [4, с. 192-192]. Дар Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон аввалин бор дар таҷрибаи конститутсияҳои ҷумҳурӣ ба низом, тартиби ташкил ва имконияти мақомоти суд ва прокуратура боби махсус бахшида шуд. Акнун мурофиаи судӣ дар ҳамаи судҳо, ғайр аз ҳолатҳои махсуси қонун пешбиникарда, бо иштироки машваратчиёни халқӣ сурат мегирифт.

Дар моддаи 111-и Конститутсияи ИҶШС дар соли 1936 зикр шудааст, ки: «... баррасии парвандаҳо дар ҳамаи судҳо ошкоро аст, ба истиснои ҳолатҳои дар қонун пешбинишуда ва бо таъмини ҳуқуқи айбдоршаванда ба ҳимоя...» [28, с. 25].

Тибқи моддаи 111-и Конститутсияи ИҶШС масъалаҳои ҳимоя мубрамияти махсус пайдо карданд. Масалан: «Ба сатҳи сазовор баланд бардоштани ҳимоя маҳсуб меёфт, чун вазифаи оммавии ҳуқуқӣ дар суд чунин буд мақсаде, ки бояд дар назди худ Комиссариати халқии адлия гузорад».

15 июни соли 1939 Низомнома дар бораи Комиссариати халқии адлияи ИҶШС қабул шуд, ки тибқи он дар ҳайати Комиссариати халқии адлия шуъбаи махсуси адвокатура амал мекард ва ба зиммаи он уҳдадориҳои зерин гузошта шуда буданд:

- роҳбарӣ ба фаъолияти адвокатура тавассути Комиссариатҳои халқии адлияи ҷумҳуриҳои иттифоқӣ тибқи Низомнома дар бораи адвокатура;

- коркарди масъалаҳои умумии ташкил ва фаъолияти адвокатура;

- санҷиши мақомоти адвокатура.

Ташкил кардани шуъбаи мазкур амали саривақтӣ буд, зеро Конститутсияи нави ИҶШС ба айбдоршаванда ҳуқуқи ҳимоя дар судро кафолат медод. Аз ҳамин лаҳза, ҳуқуқҳои мазкури инсон на танҳо хусусияту мақоми мурофиавӣ, балки мақоми конститутсионӣ касб намуд.

Комиссариати халқии адлияи ИҶШС ва дар симои он шуъбаи адвокатура дар назди худ вазифа гузошта буд, ки қатъиян коллегияи ҳимоятгаронро аз адвокатҳои пастихтисос, аз одамоне, ки ба онҳо минбари баланд ва пурифтихори судиро ҳаргиз пешниҳод кардан мумкин нест, тоза кунад.

Зарурат ба миён омад, ки минбаъд ба адвокатура одамоне ба кор қабул карда шаванд, ки дорои маълумоти ҳуқуқшиносӣ ё дорои собиқаи тӯлонӣ ва ҷиддии кор дар низоми судӣ ва прокуратура бошанд [224, с. 5].

Дар Комиссариати халқии адлияи ҶШС Тоҷикистон бахшида ба ин масъала маҷлис барпо гардид. Дар он В.В. Василев дар мавзуи «Кори Коллегияи ҳимоятгарони ҷумҳуриявӣ тахти назорати доимии Суди Олӣ ва Комиссариати халқии адлия» баромад кард. Ӯ қайд намуд, ки: «Коллегияи ҳимоятгарони мамлакати мо бо сабаби қафомондагӣ, номуташаккилӣ, аз лиҳози нишондиҳандаҳои сифатии инкишоф яке аз ҷойҳои пасттаринро ишғол мекарданд. Сабабҳои асосии сустии кор инҳоянд: тахассусмандии касбии баъзе аъзои коллегияи ҳимоятгарон; судҷӯйӣ, мастигарӣ ва ғайра [289, с.1]. Ӯ ҳамчунин қайд кард, ки коллегияи ҳимоятгарони ҷумҳуриявӣ корашро бояд тавре бозсозӣ кунад, ки аз суръати сохтмони сотсиалистӣ қафо намонад ва дар кори ёрӣ расонидан ба суди шуравӣ олати чандир ва ҳассос бошад. Ӯ тадбирҳои мушаххаси зерини такмил додани кори коллегияи ҳимоятгаронро тавсия дод:

- гузаронидани санҷиши ҳаматарафаи ҳайати шахсии коллегияи ҳимоятгарон;

- дур кардани ҳамаи унсурҳои ғайрисолим, ки сарбории зиёдатӣ буда, кори муътадили коллегияи ҳимоятгаронро халалдор месозад;

- гузаронидани конференсияи ҷумҳуриявии аъзои коллегияи ҳимоятгарон, ки дар сурати дуруст ташкил кардану гузаронидани он мумкин аст, ба беҳсозии фаъолияти коллегияи ҳимоятгарон манфиати бисёр расонад;

- аз нав интихоб кардани ҳайати раёсати коллегияи ҷумҳуриявии ҳимоятгарон ва ба он ворид сохтани кормандони, воқеан, озмуда ва ботаҷриба;

- чун қоида ҳар нимсола пешниҳод намудани ҳисоботи пурраи коллегияи ҳимоятгарон ба Суди Олӣ, ки набояд ба коғазбозии рӯякӣ табдил ёбад, кори мусоҳилакорона, ки роҳбариро на сабук, баръакс, вазнин мекунад [289, с. 2].

Вазифаҳои наве, ки Конститутсияи ИҶШС дар назди адвокатура гузошт, қатъиян дигаргун сохтани тамоми фаъолияти амалии адвокатура ва тағйир додани сохтори ташкилии онро тақозо намуд. Бо вуҷуди аҳаммияти хеле калони адвокатура дар расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба аҳолӣ то қабули «Низомнома дар бораи адвокатура» аз 16-уми августи соли 1939 низомномаи ягона дар бораи адвокатура мавҷуд набуд, зеро ҳамаи низомномаҳои то ин дам қабулшуда, ба таври бояду шояд он вазифаҳоеро, ки дар назди адвокатҳо гузошта шуда буданд, инъикос намекарданд.

Низомнома дар бораи адвокатура, ки аз ҷониби Шурои Комиссариати халқии ИҶШС тасдиқ ёфт, дар ҳаёт ва фаъолияти адвокатураи шуравӣ марҳилаи нави муҳимтарашро оғоз кард. Пеш аз ҳама, он нуқтаро қайд мекунем, ки акнун институти ҳимоя на коллегияи ҳимоятгарон, балки бевосита адвокатура номида мешуд, ки дар бораи ҷорӣ намудани (либерализатсияи) ин институт дар низоми ҳуқуқии шуравӣ шаҳодат медод. Низомнома масъалаҳои кайҳо пухтарасидаи ташкили дурусти кори адвокатураро ҳал карда, низоми мавзуни ягонаи

сохтори мақомоти адвокатураи ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқиро пешниҳод кард ва шаклҳои ташкилии адвокатураро то ба сатҳи муҳимтарин масоили сиёсӣ, ки дар назди он меистоданд, баланд бардошт. Низомномаи нав дар ҳудуди ҷумҳуриҳои иттифоқӣ бевосита бе ҳуҷҷатҳои иловагӣ амал мекард. Ба ҳар ҳол аз маводи бойгонӣ ҳамин тавр бармеояд. Аз ҷумла, дар протоколи № 6 маҷлиси умумии адвокатҳо дар машваратгоҳи ҳуқуқии Ленинобод (ҳозира Суғд), ки 9-уми октябри соли 1939 барпо гаштааст, Низомнома дар бораи адвокатура баррасӣ шуда, дар бораи фавран ба иҷро қабул кардани Низомнома дар бораи адвокатураи ИҶШС қарор қабул шудааст [264, с. 11]. Низомномаи нав танзими умумииттифоқии фаъолияти адвокатураро муқаррар кард. Дар протоколи мазкури машваратгоҳи ҳуқуқии Ленинобод қайд шудааст, ки рафиқ А.Н. Лишина, ки тибқи низомномаи нав дар бораи адвокатура, ки алҳол дар қаламрави ИҶШС амал мекунад, ба ҳайси мудири машваратгоҳи ҳуқуқии Ленинобод таъин шуда, ба ин ҷо омадааст» [264, с. 13].

Низомномаи нав дар бораи адвокатураи ИҶШС сохтори зерини адвокатураро муқаррар кард, ки аз чаҳор қисм иборат буд:

Қисми якум, муқаррароти умумӣ ном дошта, дар ҳамаи вилоятҳо, кишварҳо, ҷумҳуриҳои худмухтор ва иттифоқӣ, ки тақсимоти вилоятӣ надоранд, коллегияи адвокатҳо ташкил карда мешаванд, ки иттиҳодияҳои ихтиёрии шахсони машғул ба фаъолияти адвокатӣ ҳастанд. Мақоми олии адвокатураи вилоят, кишвар, ҷумҳурӣ маҷлиси умумии адвокатҳо ба шумор меравад. Маҷлиси умумии адвокатҳоро Раёсати коллегияи ҳимоятгарон на кам аз ду маротиба дар як сол даъват мекунад [31, с. 40].

Дар қисми дувум оид ба қабул ва хориҷ кардани аъзои коллегияи адвокатҳо сухан рафта, дақиқан, доираи шахсоне, ки ҳуқуқи узви коллегияи адвокатҳо шудан доранд, қоидаҳои қабули онҳо, асосу тартиби аз узвияти коллегия хориҷ кардани онҳо, ҳамчунин тариқи

овардани шикоят ба қарорҳо оид ба радди қабул ё дар бораи хориҷ кардан аз коллегияи адвокатҳо муайян шуда буд.

Дар моддаи 6 низомнома гуфта шудааст, ки шахсони зерин узви коллегияи адвокатҳо буда метавонанд:

- шахсоне, ки маълумоти олии ҳуқуқӣ доранд.

Дар ҶШС Тоҷикистон кадрҳои адвокатӣ, асосан дар мактабҳои ҳуқуқшиносии Комиссариати халқии адлия тайёр карда мешуданд. Масалан, аз ҳисоби тақсимоти кадрҳо дар соли 1938 ба коллегияи ҳимоятгарон 4 нафар ҷудо шуда буданд, вале ҳамаи онҳоро ба сохтори суд ба кор гирифтанд. Худи ҳамин сол аз Институти ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи тақсимот як нафар ба кор омад. Шумораи таҷрибаомӯзон соли 1937 як нафар, соли 1938 ду нафар буд, ки як нафар ба прокуратура ба кор даромад, нафари дигар бошад ҳимоятгариро интихоб кард.

Дар ин давра довталабони зерин ба сафи кадрҳои адвокатура ба кор қабул карда мешуданд:

- хатмкунандагони мактаби ҳуқуқшиносӣ дар сурати доштани як сол собиқаи кори амалӣ дар мақомоти суд, прокуратура ва дигар мақомоти адлия;

- шахсоне, ки маълумоти ҳуқуқӣ надоранд, вале на кам аз се сол ба ҳайси судя, прокурор, муфаттиш ё машваратчии ҳуқуқӣ кор кардаанд [31, с. 41].

Ин тартиб бесарусомониеро, ки дар масъалаи қабули аъзои коллегияи адвокатҳо мавҷуд буд, аз байн бурд. Ҳолатҳое ҷой доштанд, ки бинобар муайян набудани тартиби қабул раёсатҳои коллегияҳои алоҳида ба хатоҳои дағал роҳ медоданд, дари ба узвияти адвокатура ворид шуданро ба рӯйи мутахассисони ҷавон мебастанд. Одамонеро қабул мекарданд, ки ба талаботи нисмбати адвокати шуравӣ пешниҳодшаванда ҷавобгӯ набуданд. Баъди ҷорӣ шудани низомномаи нав ҳамаи ин хатоҳо бегуфтугӯ рафъ гардиданд.

Шахсонеро, ки мактабҳои ҳуқуқшиносиро хатм карда буданд, вале собиқаи кори амалӣ дар мақомоти суду прокуратура ва дигар муассисаҳои адлия доштанд, ба коллегияи адвокатҳо ба сифати таҷрибаомӯз ба кор мегирифтанд.

Дар моддаи 10-уми низомномаи нав дар бораи адвокатура тартиби хориҷ кардан аз узвияти коллегияи адвокатҳо муқаррар шуда буд, ки тибқи он барои хориҷ кардан аз коллегияи адвокатҳо ҳолатҳои зерин асос мешуданд:

- дағалона вайрон кардани қоидаҳои тартиботи дохилии коллегияи адвокатҳо;

- содир кардани кирдоре, ки адвокати шуравиро бадном мекунад;

- ҳукми суд [263, с. 10].

Аз коллегияи адвокатҳо хориҷ кардан чораи аз ҳама ниҳоӣ буд ва танҳо нисбат ба шахсоне татбиқ мегардид, ки барои узви коллегияи адвокатҳо будан сазовор набуданд.

Тибқи низомномаи нав нисбат ба қарори Раёсати коллегияи адвокатҳо дар бораи аз ҳайати адвокатура хориҷ кардан ба Комиссариати халқии адлияи ҷумҳурии иттифоқӣ ба Комиссариати халқии адлия шикоят овардан мумкин буд. Чунин тартибот барои шикоят овардан нисбат ба қарори Раёсати коллегияи адвокатҳо ҳангоми рад кардан аз қабул ба узвияти коллегия низ пешбинӣ шуда буд. Ин тартиб, бешубҳа, баррасии парвандаҳои интизомии адвокатҳоро беҳтар намуд ва норасоиҳою камбудиҳои ҷиддиро рафъ кард.

Қисми сеюм, ба сохтори коллегияи адвокатҳо бахшида шудааст, ки он вазифаҳои маҷлиси умумии коллегия, тартиби интихоби раёсати он ва комиссияи тафтишот, вазифаҳои онҳо, тартиби таъсиси машваратгоҳҳои ҳуқуқӣ, ухдадориҳои мудирони онҳо ва ғайраро муфассал танзим мекард.

Тибқи Низомнома дар бораи адвокатураи ИҶШС маҷлиси умумии коллегияи адвокатҳо раёсати коллегияи вилоятӣ, кишварӣ,

ҷумҳуриявии адвокатҳо ва комиссияи тафтишотро ба муҳлати ду сол бо овоздиҳии пинҳонӣ интихоб мекард [263, с. 42]. Раёсати коллегияҳои вилоятӣ, кишварӣ, ҷумҳуриявии адвокатҳо ба тамоми фаъолияти амалии коллегияҳо роҳбарӣ мекард. Аз ҷумла, қабул ба узвияти коллегияи адвокатҳо ва хориҷ кардан аз онро амалӣ мегардонд; дар марказҳои ноҳияҳо ва шаҳрҳои вилоят, кишвар, ҷумҳурӣ машваратгоҳҳои ҳуқуқӣ мекушод ва ба фаъолияти онҳо роҳбарӣ мекард; аъзои коллегияи адвокатҳоро ба машваратгоҳҳои ҳуқуқии шаҳру ноҳияҳо ва вилоятҳои ҷумҳурӣ тақсим мекард; оид ба баланд бардоштани сатҳи ғоявию сиёсӣ ва тахассуси ҳуқуқии аъзои коллегия тадбирҳои заруриро таҳия мекард ва амалӣ мегардонд; смета (харҷнома) ва штатҳои машваратгоҳҳои ҳуқуқиро тасдиқ мекард; фаъолияти аъзои коллегияҳои ҳимоятгарон, аз ҷумла иҷрои қоидаҳои тартиботи дохилӣ ва риояи пардохти ёрии ҳуқуқиро, ки адвокатҳо мерасонданд, таҳти назорат мегирифт [263, с. 43].

Дар назди коллегияи адвокатҳо Комиссияи тафтишотии коллегия амал мекард, ки тафтиши мунтазами фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории раёсати коллегия ва машваратгоҳҳои ҳуқуқиро амалӣ менамуд. Ба уҳдаи раёсат ва комиссияи тафтишотии коллегияи адвокатҳо вазифаҳои ҷиддӣ ва калон гузошта шуда буд.

Сохтори поёнии адвокатура машваратгоҳи ҳуқуқӣ буд. Аъзои коллегияи адвокатҳо фаъолияти худро оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба аҳолӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо тавассути машваратгоҳи ҳуқуқӣ амалӣ мекарданд. Ба машваратгоҳи ҳуқуқӣ мудир роҳбарӣ мекард ва тамоми масъулияти кори маслиҳатдиҳӣ дар зиммаи ӯ буд. Мудири машваратгоҳро раёсати коллегияи адвокатҳо таъин мекард. Мудирони машваратгоҳҳои ҳуқуқӣ, ки дар онҳо тақрибан 15 адвокат кор мекард, аз пешбурди парвандаҳои судӣ озод карда мешуданд ва ҳаққи меҳнати онҳоро раёсати коллегияи адвокатҳо мепардохт [263, с. 43].

Қисми чаҳоруми Низомнома (Ҷавобгарии интизомии адвокатҳо) масъалаи татбиқи ҷазои интизомиро ба аъзои коллегияҳо ва овардани

шикоятро нисбати ин ҷазоҳо танзим мекард. Раёсати коллегияи адвокатҳо ба адвокатҳо барои иҷрои хунукназаронаи уҳдадориҳои худ, вайрон кардани нархнома ва дигар рафтори ношоям ҷазои интизомӣ медод. Тибқи моддаи 27-уми Низомнома чораҳои зерини ҷазоҳои интизомӣ татбиқ мешуданд: сарзаниш, танбеҳ, танбеҳи қатъӣ, аз кор дур кардан ба муҳлати то шаш моҳ, хориҷ кардан аз ҳайати коллегияи адвокатҳо. Аз ҷумла, соли 1937 дар ҶШС Тоҷикистон нисбат ба чаҳор нафар парвандаҳои интизомӣ оғоз карда шуда, нисбати ду нафари онҳо парванда қатъ карда шудааст, ба як нафар танбеҳ эълон шудааст ва парвандаи як нафар ба прокуратура фиристода шудааст. Соли 1938 нисбат ба 10 нафар парвандаи интизомӣ оғоз шуда, нисбати се нафар парванда қатъ гардида, ду нафар огоҳонида шудаанд ва 5 нафар хориҷ карда шудаанд [263, с. 44].

## 2.3. Хусусиятҳои хоси адвокатураи Тоҷикистон дар асоси Низомнома дар бораи адвокатураи ИҶШС соли 1939 ва Қонуни ИҶШС дар бораи адвокатураи ИҶШС соли 1979

Адвокатура чун институти ҳуқуқӣ дар ҳама марҳилаҳои таърихии он дар асоси санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунанда фаъолияти худро ба роҳ мемонд. Ҳамчун Ҷумҳурии худмухтор дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон соли 1922 ва ҳамчун ҶШС Тоҷикистон соли 1939 Низомнома дар бораи адвокатураи худро қабул кард.

Низомнома дар бораи адвокатураи ИҶШС аз 16 августи соли 1939 он дигаргуниҳои сифатиеро, ки дар фаъолияти адвокатура дар байни солҳои 1922-1939 ба амал омаданд, инъикос мекард. Масалан, дар моддаи 19 Низомнома зикр шудааст, ки «мукофотпулӣ барои пешбурди парванда тибқи қоидаи умумӣ аз рӯйи ризоияти мутақобилаи шахси манфиатдор ва узви коллегияи адвокатҳо муайян карда мешавад». Дар моддаи 26-ум бошад, пешбинӣ шудааст, ки «аъзои коллегияи

ҳимоятгарон вазифадоранд аз мукофотпулие, ки ба даст меоранд, ба суратҳисоби ҷории раёсат маблағ пардохт кунанд» [263, с. 45].

Дар Низомномаи соли 1939 ин моддаҳо вуҷуд надоштанд, зеро дар ин давра узви коллегияи ҳимоятгарон аз муштарӣ мукофотпулӣ намегирифт, балки маоши тибқи дустуруламал муқарраршударо аз рӯйи воҳидҳои кории устувор мувофиқан ба миқдору сифати меҳнати худ мегирифт, ки он ҷавобгӯйи принсипҳои сотсиалистии пардохти меҳнат буд. Агар тибқи Низомномаи соли 1922 ҳаққи хизмати ҳимоятгар аз созишномаи ихтиёрии ӯ бо муштарӣ вобаста бошад, Низомномаи соли 1939 қатъиян риоя кардани харҷномаи қонунан муқаррар намудаи ёрии ҳуқуқиро тақозо мекард» [263, с. 45].

Низомномаи соли 1939, ҳамчунин дар бораи якбора тағйир ёфтани ҳайъати сифатии кадрҳои адвокатура шаҳодат медод. Тибқи Низомномаи соли 1922 «Шахсони зерин аъзои коллегияи ҳимоятгарон шуда метавонистанд: а) касоне, ки на кам аз ду сол собиқаи кори амалӣ дар мақомоти адлияи шуравӣ доранд; б) шахсоне, ки дар комиссияи махсус аз рӯйи барномаи махсус аз санҷиш гузаштаанд».

Тибқи Низомномаи соли 1939 бошад, шахсони зерин узви коллегияи адвокатҳо шуда метавонанд: а) шахсоне, ки маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ доранд; б) хатмкунандагони мактабҳои ҳуқуқшиносӣ; дар сурати доштани як сол собиқаи кори амалӣ дар мақомоти судӣ, прокурорӣ ва мақомоти дигари адлия дар мансабҳое, ки дар банди «в»-и моддаи 6-уми ҳамин Низомнома нишон дода шудаанд: в) шахсоне, ки маълумоти ҳуқуқшиносӣ надоранд, вале на кам аз се сол ба сифати судя, прокурор, муфаттиш ва машваратчии ҳуқуқӣ кор кардаанд» [262, с. 28].

Ҳамин тариқ, агар дар Низомномаи соли 1922 дар бораи маълумоти олии ҳуқуқшиносии ҳимоятгарон умуман сухан нарафта бошад, пас дар соли 1939 он меъёри аввалин ҳангоми қабул ба коллегияи адвокатҳо шудааст. Дар Низомномаи соли 1922 маълумот дар миқёси мактаби ҳуқуқшиносӣ низ пешбинӣ нашуда буд, Низомномаи соли 1939

бошад, дипломи хатми мактаби ҳуқуқшиносиро нокифоя ҳисобидааст ва, иловатан, камаш як сол собиқаи кор дар мансабҳои судя, прокурор, муфаттиш ё машваратгоҳи ҳуқуқӣ талаб карда мешавад ва ниҳоят, Низомномаи соли 1922 ҳадди ақал собиқаи дусолаи кор дар мансаби масъулиятнок дар мақомоти адлияи шуравиро талаб мекард, дар Низомномаи соли 1939 бошад, ҳадди ақал дар мансабҳои мазкур собиқаи кории сесола доштан талаб карда мешуд.

Ба андешаи мо, ҳолати мазкур бо мақсади ҷоннок кардани талаботи тахассусӣ нисбати довталаби мансаби болозикр роҳандозӣ карда мешуд. Ҳамзамон, ҳолати мазкур метавонист ба сифати расонидани ёрии ҳуқуқӣ ва ҳимоя низ таъсиргузор бошад, ки пурра ба адвокатураи Тоҷикистони шуравӣ низ тааллуқ дорад.

Дар солҳои пешазҷангӣ оид ба масъалаи ҳимояи ҳуқуқи кӯдакон, баланд бардоштани масъулияти волидайн, пурзӯр намудани корҳои тарбиявии мактабҳо якчанд қарору қонунҳо қабул шуданд, ки нақши ҳимоятгаронро дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон - ноболиғон афзуд. Аз ҷумла Фармони Раёсати Шурои олии ИҶШС аз 10 декабри соли 1940 «Дар бораи ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон» барои амал, ки ба садамаи кадрҳо оварда мерасонад қабул гардид ва баррасии судии парвандаҳои ҷиноятиро нисбати ноболиғон дар суд бе иштироки ҳимоятгар манъ карда шуд. И.С. Муҳаммадиев зикр намуданд, ки дар мавриди баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати ноболиғон ба суд ҳатман волидайн ва сарпарасти судшаванда, намояндагони мактабҳо ва муассисаҳои таълимӣ даъват карда шуда, ба ҳолатҳои бе иштироки ҳимоятгар баррасӣ намудани парвандаҳо роҳ дода намешуд. Судяҳо вазифадор шуда буданд, ки ҳимоятчиҳоро таъин кунанд ва дар ҳолати набудани адвокат, намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба сифати ҳимоятгар ҷалб мешуданд [140, с. 78].

Бо фармони Комиссариати халқии адлияи ИҶШС аз 29 июни соли 1941 № 106 «Дар бораи азнавсозии кори мақомоти судӣ ва мақомоти

адлия бо услуби ҳарбӣ» мухлатҳои кӯтоҳ барои баррасии парвандаҳо муайян карда шуданд. Бисёр парвандаҳо бе иштироки адвокат ва айбдоркунандаи давлатӣ баррасӣ мешуданд. А.Г. Горний менависад, ки дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, бинобар набудани адвокатҳо, трибуналҳои ҳарбӣ аксар парвандаҳои ҷиноятиро бе иштироки адвокат барои баррасӣ намудан таъин мекарданд [94, с. 37].

Мақомоти адвокатура дар радифи дигар сохторҳои давлативу ҷамъиятӣ, дар таъмини қонунҳо, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои мардум, корхонаю ташкилотҳо, тарғибу ташвиқи меъёрҳои қонунгузорӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ саҳми бузург дорад.

Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) ба низоми судии дар мамлакат амалкунанда тағйироти ҷиддӣ ворид накардааст. Принсипҳои мурофиавии ошкорбаёнӣ, шифоҳӣ ва бо забони модарии судшаванда баррасӣ намудани парванда, ё таъмин намудани тарҷумон ба баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ ва дигар меъёрҳои мурофиаи судии шуравӣ, ки дар замони осоишта қабул гардида буданд, нигоҳ дошта шуданд.

Бинобар сабаби ба фронт рафтани кормандони адлия, судҳо, прокуратура, адвокатҳо ба кори судӣ, тафтишот ва ҳимояи давлатӣ-ҳизбию шуравӣ ҷалб карда мешуданд, вале онҳо ба таври кофӣ тайёрии касбӣ ва маълумоти ҳуқуқшиносӣ надоштанд, ки ба шароити адолати судӣ ва устувории ҳукму ҳалномаҳо таъсири манфӣ мерасонданд [139, с. 126].

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бисёр адвокатҳо ба ҷанг рафтанд. Тибқи фармоиши КХА ИҶШС №48 аз 14 июни соли 1943 дар замони ҷанг ҳайати коллегияи адвокатҳо 55% коҳиш ёфт. Аъзои коллегияҳо дар ҳамаи чорабиниҳои оид ба мудофиаи Ватан фаъолона иштирок кардаанд. Дар ин солҳо сари вақт расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба хизматчиёни ҳарбӣ, аъзои оилаҳои онҳо ва маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ аҳаммияти махсус касб карда буд. Ғайр аз зиёд кардани номгӯйи ҳолатҳое, ки ба ашхоси мазкур ёрии ҳуқуқии бепул расонида мешуд,

раёсати коллегияҳои адвокатҳо вазифадор шуда буданд, ки барои ин кор адвокатҳои аз ҳама боихтисосро ҷудо кунанд. Коллегияҳои адвокатҳо тавассути матбуоти маҳаллӣ ба таври васеъ дар бораи ҷой, вақт ва тартиби ба хизматчиёни ҳарбӣ, аъзои оилаҳои онҳо ва маъюбони ҷанг расонидани ёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби адвокатҳо хабар медоданд.

Якбора кам шудани шумораи адвокатҳо дар солҳои ҷанг, масъалаи таъҷилан тайёр кардани кадрҳои навро ба миён гузошт. Бо мақсади пур кардани ҳайати адвокатура, КХА ИҶШС дар курсҳои махсуси шашмоҳа 500 таҷрибаомӯзро тайёр кард.

Чунин курсҳои таҷрибаомӯзон дар ҳар як ҷумҳуриҳои иттифоқӣ низ таъсис дода шуданд. Хатмкардагони ин курсҳо бо роҳхати КХА-и ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ба коллегияҳои адвокатҳо ба сифати коромӯзон фиристонда мешуданд.

Дар солҳои баъдиҷангӣ шаклҳои ташкилии кори адвокатура бе тағйир монд. Тағйироти бунёдӣ дар инкишофи адвокатура баъди анҷумани XX ҲКИШ (Ҳизби Коммунистии Иттифоқи Шуравӣ) ва қарорҳои он оид ба таҳкими минбаъдаи қонунияти сотсиалистӣ ба вуқуъ пайваст. Дар ин давра ҳуқуқҳои адвокатура васеъ гардид.

Тағйироти ба қонунгузорӣ дар бораи адвокатура, аз ҷумла ба шаклҳои ташкилии он воридшуда, барои амалӣ гардонидани роҳбарии умумии мақомоти давлатӣ ба адвокатура, бидуни халалдор кардани худидораи адвокатура, шароити иловагиро ба вуҷуд оварданд.

Тибқи моддаи 13 Асосҳои қонунгузорӣ дар бораи сохтори судии ИҶШС ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва худмухтор (1958) муқаррар гашт, ки коллегияи адвокатҳо дар асоси низомномаҳое амал мекунанд, ки онро Шуроҳои Олии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ тасдиқ кардаанд.

Такмил додану беҳтар намудани фаъолияти минбаъдаи адвокатура дар заминаи «Низомнома дар бораи адвокатура» аз соли 1961 ва Қонуни ИҶШС «Дар бораи адвокатура» аз соли 1979 сурат гирифтааст. Тартиби ташкил ва фаъолият, ҳуқуқ ва ухдадориҳои

адвокатҳо ҳангоми иштирок аз рӯйи парвандаҳои маданӣ, ҷиноятӣ ва парвандаҳо оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тавассути қонунгузории ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ танзим мешуданд.

Аъзои коллегияҳои адвокатҳо дар фаъолияти худ қонунҳои ИҶШС ва ҶШС Тоҷикистон, фармонҳои Раёсати Шурои Олии ИҶШС ва Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон, қарору фармоишҳои Шурои Вазирони ИҶШС ва Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон, ҳамчунин дастурамалҳо ва тавсияҳои методии Вазорати адлияи ИҶШС ва Вазорати адлияи ҶШС Тоҷикистон, дигар санадҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти идоракуниро, ки дар доираи салоҳияти онҳо қабул шудааст, ба роҳбарӣ мегиранд. Дар мавридҳои муқарраргардида аъзои коллегияҳои адвокатҳо қонунгузории дигар ҷумҳурияҳои иттифоқиро низ ба роҳбарӣ мегирифтанд.

Дар фаъолияти худ адвокат вазифадор буд, ки талаботи санадҳои қонунгузориро доимо аниқ ва собитқадамона риоя кунад, ҳамаи воситаҳо ва тарзҳои дар қонун пешбинишудаи ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва ташкилотҳоеро, ки ба ӯ барои ёрии ҳуқуқӣ расондан муроҷиат кардаанд, истифода барад.

Солҳои 1960-1962 ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дар бораи адвокатура Низомномаҳои навро қабул карданд.

ҶШС Тоҷикистон Низомномаи нав дар бораи адвокатураи ҶШС Тоҷикистонро 17 августи соли 1961 қабул кард [256, с. 127]. Сохтори низомномаҳои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ қариб пурра якхела буд. Маъмулан, онҳо муқаррароти умумӣ, коллегияҳои адвокатҳо, ҳайат ва мақомоти он, ҳуқуқу ухдадориҳои аъзои коллегияи адвокатҳо, машваратгоҳҳои ҳуқуқӣ, масъалаҳои пардохт, ҳавасмандгардонӣ ва масъулияти адвокатҳо, муносибатҳои мутақобилаи онҳо бо мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятиро дар бар мегирифтанд. Дар муқаррароти баъзе низомномаҳои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ фаслҳои дигар низ мавҷуд буданд. Аз ҷумла, Низомнома дар бораи адвокатураи Белоруссия фасли

«Роҳбарӣ ва назорат ба фаъолияти коллегияи адвокатҳо», Низомнома дар бораи коллегияи адвокатҳои Эстония бошад, фасли «Қабул ба узвияти коллегия ва хориҷ кардан аз коллегия»-ро дар бар мегирифтанд.

Бо вуҷуди шабоҳати усулӣ (принсипиалӣ) низомномаҳо дар бораи адвокатура як қатор фарқиятҳо низ доштанд. Тибқи Низомнома дар бораи адвокатураи ҶФШСР, коллегияҳои адвокатҳо бо мақсади ба амал баровардани ҳимоя дар тафтишоти пешакӣ ва дар суд, намояндагӣ бо парвандаҳои маданӣ дар суд ва арбитраж, инчунин барои расонидани дигар ёрии ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ва колхозҳо ташкил карда мешаванд.

Гуфтан лозим аст, ки танҳо дар низомномаҳои ҶФШСР, Украина, Арманистон ва Эстония дар бораи вазифаи намояндагии адвокатура дар арбитраж сухан меравад. Дар низомномаҳои ҷумҳуриҳои иттифоқии дигар чунин қисми муҳимми таркибӣ, мисли хизматрасонии ҳуқуқии корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо дар шумори вазифаҳои коллегияи адвокатҳо зикр нашудааст, ҳарчанд дар фаъолияти амалии адвокатура намояндагӣ дар арбитраж нақши муҳим мебозид.

Тибқи моддаи 1 Низомнома дар бораи адвокатураи ҶШС Тоҷикистон вазифаи асосии адвокатура расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон ва ташкилотҳо мебошанд. Дар ҶШС Тоҷикистон адвокатура ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва ташкилотҳо, амалигардонии адолати судӣ, риоя ва таҳкими қонуният, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи иҷрои аниқ ва мунтазами қонунҳои шуравӣ, муносибати ғамхорона ба моликияти халқ, риояи интизоми меҳнат, эҳтиром ба ҳуқуқ, шаъну шараф ва эътибори шахсони дигар, эҳтиром ба қоидаҳои ҳаёти сотсиалистӣ мусоидат мекунанд [256, с. 127].

Дар ҳамаи ҷумҳуриҳои шуравӣ принсипи ҳудудии ташкил ва таъсиси сохтори адвокатура қабул шудааст. Дар моддаи 3 Низомнома дар бораи адвокатураи ҶШС Тоҷикистон гуфта шудааст: «Дар ҶШС Тоҷикистон коллегияи ҷумҳуриявии адвокатҳо ва коллегияҳои вилоятии

адвокатҳо ташкил карда мешаванд». Коллегияи адвокатҳо бо аризаи гурӯҳи муассисон, ки аз ашхоси дорои маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ иборат мебошанд ва ё бо ташаббуси мақомоти иҷроия ва амрдиҳандаи Шурои вилоятии намояндагони халқ таъсис меёбад. Пешниҳод дар бораи таъсиси коллегияи адвокатҳо ба Вазорати адлияи ҶШС Тоҷикистон ирсол мегардад, ки дар сурати ба он розӣ будан пешниҳодро ба Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон, Комитети иҷроияи Шурои депутатҳои вилоят барои тасдиқ ва ба қайдгирӣ пешниҳод мекунанд.

30 ноябри соли 1979 Қонуни умумииттифоқӣ «Дар бораи адвокатура дар ИҶШС» қабул карда шуд. Дар қонун ҳуқуқу вазифаҳои аъзои коллегияи адвокатҳо муайян карда шуда буд, намудҳои ёрии ҳуқуқӣ, ки адвокатҳо ба шаҳрвандон ва ташкилотҳо мерасониданд, номбар шуда буданд. Дар қонун меъёрҳои мушаххаси аз ҷониби адвокатҳо дар суд, арбитраж ва дигар мақомоти давлатӣ оид ба парвандаҳои қонунвайронкунии маъмурӣ амалигардонии намояндагӣ, иштироки адвокатҳо дар баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар суд, ҳамчунин дар тафтишоти пешакӣ, инъикос ёфта буданд [256, с. 846].

Мутобиқи Қонуни ИҶШС «Дар бораи адвокатура дар ИҶШС» бо ризоияти Вазорати адлияи ИҶШС дар сурати мавҷуд будани зарурати расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон ва ташкилотҳо мумкин аст, коллегияҳои байниҳудудӣ ва дигар коллегияҳои адвокатҳо ташкил карда шаванд.

Роҳбарии давлатӣ ба адвокатура, на танҳо дар он зоҳир мегардад, ки мақомоти олии ҳокимияти ҷумҳурии иттифоқӣ санадҳои ҳуқуқии асосиро, ки фаъолияти адвокатураро танзим мекарданд [256, с. 127], низомнома дар бораи адвокатураро тасдиқ мекунанд, балки дар он низ зоҳир мешавад, ки мақомоти махсуси ваколатдори ҳокимияти давлатӣ роҳбарии бевосита ва назоратро ба фаъолияти адвокатура амалӣ мегардонанд [53, с. 332].

Роҳбарии умумиро ба коллегияҳои адвокатҳо Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон, Раёсати Шурои Олӣ ва Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон, Шуроҳои депутатҳои халқии вилоятӣ, мақомоти иҷроия ва амрдиҳандаи онҳо тибқи қонунгузорӣ, ки салоҳияти онҳоро муайян мекунад, ҳам бевосита ва ҳам ба воситаи Вазорати адлияи ҶШС Тоҷикистон, шуъбаҳои адлияи комитетҳои иҷроияи Шуроҳои депутатҳои халқии вилоятҳо амалӣ мегардонанд [256, с. 127].

Низомнома роҳбарии давлатиро ба адвокатура ба зиммаи Вазорати адлияи ҷумҳуриҳои иттифоқӣ гузоштааст. Масалан, вазоратҳои адлияи ИҶШС, ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва худмухтор, ки дар сохтори худ шуъбаҳои адвокатура доштанд, роҳбарии умумиро ба коллегияҳои адвокатҳо амалӣ мекарданд. [53, с. 332]. Ҳуқуқу уҳдадориҳои Вазорати адлияи ИҶШС-ро нисбат ба коллегияҳои адвокатҳои ҶШС Тоҷикистон Қонуни ИҶШС «Дар бораи адвокатура дар ИҶШС» ва дигар санадҳои қонунгузории ИҶШС муайян мекунанд. Вазорати адлияи ҶШС Тоҷикистон, шуъбаҳои адлияи комитетҳои иҷроияи Шурои депутатҳои халқии вилоятҳо дар доираи салоҳияти худ аз ҷониби коллегияҳои адвокатҳо риоя шудани талаботи Қонуни ИҶШС «Дар бораи адвокатура дар ИҶШС», Низомнома дар бораи адвокатураи ҶШС Тоҷикистон, дигар санадҳои қонунгузории ИҶШС ва ҶШС Тоҷикистонро, ки фаъолияти адвокатураро танзим мекунад, назорат менамуданд ва тартиби расонидани ёрии ҳуқуқиро, ки адвокатҳо ба шаҳрвандон ва ташкилотҳо мерасонанд, муқаррар мекарданд; бо фароҳам овардани шароит барои аз ҷониби адвокатҳо ҳарчи бештар пурратар истифода бурдани ҳуқуқҳое, ки қонун дар ихтиёри онҳо гузоштааст, мусоидат мекарданд; ба раёсати коллегияҳои адвокатҳо дар амалӣ гардонидани чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи касбии адвокатҳо ёрӣ мерасониданд; таҷрибаи кори коллегияи адвокатҳоро ҷамъбаст мекарданд, таҷрибаи мусбати кори раёсатҳои коллегияҳо паҳн мекарданд, машваратгоҳҳои ҳуқуқӣ ва адвокатураро ташкил мекарданд;

риояи принсипҳои демократии ташкил ва фаъолияти адвокатураро месанҷиданд; шикоятҳоро нисбат ба амали раёсатҳои коллегияҳои адвокатҳо баррасӣ мекарданд; дастурамал ва тавсияҳои методиро оид ба масъалаҳои фаъолияти адвокатура нашр мекарданд; дигар ваколатҳои марбут ба роҳбарии умумии адвокатураро амалӣ мегардониданд» [53, с. 332].

Дар мавридҳое, ки Низомнома дар бораи адвокатура ба қарорҳои маҷлиси умумӣ ё қарорҳои раёсати коллегияи адвокатҳои Вазорати адлияи ИҶШС мувофиқат намекард, Вазорати адлияи ҶШС Тоҷикистон амали онҳоро бозмедошт. Дар ин мавридҳо масъаларо барои баррасии нав, мутаносибан, ба маҷлиси умумӣ ё раёсати коллегияи адвокатҳо мебароварданд.

Коллегияи адвокатҳо ҳангоми амалӣ гардонидани вазифаҳои адвокатура алоқаро бо мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ нигоҳ медошт, ба ҷомеаҳои меҳнатӣ, вакилони халқӣ, шуроҳои нуқтаҳои ҷамъиятии ҳифзи тартибот, дружинаҳои ихтиёрии халқӣ, судҳои рафиқона ва дигар мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ, ки зидди ҳуқуқвайронкуниҳо мубориза мебурданд, ёрии ҳуқуқӣ мерасониданд, дар тарғибу ташвиқоти ҳуқуқӣ ва ба аҳолӣ фаҳмонидани қонунгузорӣ иштирок мекарданд.

Ғайр аз иштирок намудан дар судҳо бо парвандаҳои маданӣ ва ҷиноятӣ адвокатҳо ба шаҳрвандон, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, совхозу колхозҳо ёрии ҳуқуқӣ мерасониданд, ки дар шакли машваратҳо, маслиҳатҳо, шарҳу тавзеҳот ва маълумотҳо оид ба қонугузорӣ, тартиб додани аризаҳо, шикоятҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ зоҳир меёфт.

Корҳои машваратии мазкур яке аз намудҳои фаъолияти адвокатҳо ба ҳисоб мерафтанд. Онҳо доираи васеи аҳолӣ, коргарону хизматчиёнро бо ёрии ҳуқуқӣ таъмин мекарданд, ба таҳкими муносибатҳои ҷамъиятии сотсиалистӣ ёрӣ мерасониданд.

Адвокатҳо кори машваратиро асосан дар машваратгоҳҳои ҳуқуқӣ иҷро мекарданд. Машваратгоҳи ҳуқуқӣ ячейкаи нахустини коллегияи адвокатҳо ба ҳисоб мерафт. Дар машваратгоҳҳо аҳолиро қабул мекарданд, маслиҳатҳо медоданд, ҳуҷҷатҳои заруририро тартиб медоданд. Машваратгоҳ супоришҳоро оид ба пешбурди парвандаҳо ва хизматрасонӣ ба корхонаю ташкилотҳоро қабул мекард. Дар машваратгоҳҳои калон шурои машваратӣ ё шурои методӣ мавҷуд буд, ки ба адвокатҳо дар ҳаллу фасли масъалаҳои мураккаб ё баҳсноки ҳуқуқӣ ёрӣ мерасонд. Дар ҷаласаҳои машваратгоҳҳои ҳуқуқӣ масъалаҳои доғи фаъолияти адвокатҳо муҳокима мешуданд, ҳисоботро дар бораи тафтиши кори адвокатҳои алоҳида мешуниданд. Машваратгоҳи ҳуқуқӣ кори лексионӣ ва машваратии адвокатҳоро дар корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо ташкил мекард [53, с. 332].

Ба ғайр аз машваратгоҳҳои ҳуқуқӣ қабули шаҳрвандон дар ҷои кор ва ё ҷои истиқомати муштарӣ, дар пунктҳои махсус-дар корхонаҳо, дар клубҳо, назди қасрҳои маданият, идораҳои истифодабарии манзил сурат мегирифт.

Барои таъмин кардани сатҳи баланди фаъолияти касбии адвокатҳо дар машваратгоҳҳои ҳуқуқӣ шароитҳои зарурӣ ташкил карда шуданд. Барои баланд бардоштани тахассусмандии ҳуқуқӣ, ҳамчунин барои истифодаи амалӣ адабиёти иттилоотию маълумотдиҳӣ, ҳамчунин сарчашмаҳои меъёрӣ ва методӣ, маводи нашршудаи амалияи судӣ, арбитражӣ, маъмурӣ мавҷуд буданд. Ғайр аз ин, масъалаҳои аз ҳама мушкили дар иртибот бо қабули аҳолӣ бамиёномада дар маҷлисҳои шуроҳои методӣ, ки ба ҳайати онҳо адвокатҳои ботаҷриба ва баландихтисос дохил мешуданд, мавриди муҳокима қарор мегирифтанд [53, с. 332].

Натиҷаҳои кори машваратӣ мунтазам ҷамъбаст карда мешуданд. Ин имконият медод, ки саҳеҳии маслиҳатҳои ҳуқуқӣ назорат ва сифати онҳо арзёбӣ карда шавад.

Ҳамчунин барои паҳн кардани таҷрибаи мусбати кор, бо мақсади ёрӣ расонидан ба адвокатҳо, корҳои зиёд ба сомон расонида мешуданд.

Адвокатҳо оид ба соҳаҳои мухталифи ҳуқуқ маслиҳатҳои ҳуқуқӣ медоданд. Вале амалия нишон медиҳад, ки дар кори машваратдиҳӣ аз ҳама бештар суолҳо оид ба муносибатҳое ба миён меомаданд, ки бо қонунгузории маданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ ва маъмурӣ танзим мешуданд. Дар ин муносибатҳо маслиҳати салоҳиятноки адвокат барои рафъи низоъҳо, барқарор кардани ҳуқуқ ё пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ зарур буд.

Дар масъалаи татбиқи самарабахш ва шарҳи қонун шуури ҳуқуқии адвокат нақши муҳим дорад. Адвокати шуравӣ бояд тамоми ғановати ғояҳои ҳуқуқиро фаро мегирифт, қонунҳоро хуб дониста, муборизи муътақид ва хастанопазир баҳри қонунияти сотсиалистӣ мебурд. Адвокат на танҳо дар маҷлисҳои судӣ, балки дар қабул низ чун мубаллиғи ҳуқуқи шуравӣ баромад мекард. Бинобар ин, муносибати мушфиқонаю дилсӯзона ва ғамхорона ба муштариён, қабули босалоҳиятонаи қарор, маҳорати ба шаҳрванд фаҳмонидани он, фаҳмиши ҷавобии ҳатто маслиҳатҳои аз ҳама мураккаби адвокат ва якҷоя бо он мундариҷаи қонунро таъмин мекард. Ҳамин тавр, дар натиҷаи кори машваратии адвокат афкори ҷамъиятӣ дар бораи пешқадамии қонунгузории шуравӣ, ки ба ҳифзи ҳаматарафаи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсият ва, умуман, ҷамъият нигаронида шудааст, ташаккул меёфт ва мустаҳкам мешуд.

Дар давраи шуравӣ дар байни талаботе, ки аз ҷумла ба адвокатҳо пешниҳод мегардиданд, шуурнокии ҳуқуқӣ ва сифатҳои маънавию ахлоқии адвокат мақоми махсусро ишғол мекард. Дар давраи шуравӣ шахсе, ки ба ҳайси адвокат кор мекард, бояд дониши хуб дошта, аз лиҳози покии ахлоқ ва рафтори бенуқсон намунаи ибрат мебуд ва ҳамзамон, мунтазам дониши худро такмил медод, сатҳи ғоявию сиёсӣ ва касбиашро баланд мебардошт, дар тарғиботи ҳуқуқӣ ва шарҳу тавзеҳ

додани қонунгузорӣ ба аҳолӣ фаъолона иштирок мекард. Меъёрҳои сифати ахлоқии адвокати муосир, ба ақидаи И.Г. Скурту, чунин хислатҳоро дар бар мегиранд: тибқи қонун ва қоидаҳои ахлоқӣ адвокат бояд ба муштарӣ ваъда надиҳад, дар фаъолияташ аз алоқаю муносибатҳои шахсӣ ва шиносҳо истифода набарад, ваъдаи «гапзанон кардан» ва «ягон илоҷи корро ёфтан»-ро надиҳад, дар ришвадиҳӣ ба шахсони мансабдори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судҳо миёнаравӣ накунад» [218, с. 75].

Асосҳои қонунгузорӣ дар бораи сохтори суд ва Низомнома дар бораи адвокатура уҳдадории адвокатҳоро оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ, на танҳо ба шаҳрвандон, балки ба корхонаҳои давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳо, савхозу колхозҳо мустаҳкам намуданд. Дар шароити ислоҳоти нави иқтисодӣ ин кор аҳаммияти махсус пайдо кард.

Хизматрасонии ҳуқуқӣ ба корхонаю ташкилотҳо ва муассисаҳо дар асоси шартномаҳо бо машваратгоҳҳои ҳуқуқӣ, ки дар онҳо уҳдадориҳои асосии тарафҳо пешбинӣ карда мешуданд, амалӣ мегардиданд. Бо супориши мудири машваратгоҳ ба адвокати мушаххас супорида мешуд, ки ӯ минбаъд бо ҳамин кор машғул мешуд ва шахсан ба сифати ин кор масъул буд. Маъмулан, шартнома бо он ташкилоту корхонаҳое баста мешуд, ки дар онҳо штати машваратчии ҳуқуқӣ мавҷуд набуд.

А.Б. Годес якчанд самтҳои асосиро дар фаъолияти адвокатҳо оид ба хизматрасонии ҳуқуқӣ ба корхонаю ташкилотҳо муайян кардааст:

- таъмини қонуният дар роҳбарии самарабахши амалӣ ба ҷомеаҳои меҳнатии истеҳсолӣ аз ҷониби кормандони дастгоҳи маъмурию идоракунӣ;

- коркарди асосҳои ҳуқуқии муносибатҳои шартномавӣ ва фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ;

- намояндагӣ аз номи корхона ва ё ташкилот, тайёрӣ ва иштирок дар баррасии парвандаҳо дар арбитраж, суд, дар мақомоти маъмурӣ ва мақомоти дигар;

- мусоидат ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии меҳнаткашон, аъзои ҷомеаи истеҳсолӣ;

- иштирок дар таҳияи асосҳои ҳуқуқии ташкили илмии меҳнат ва идоракунӣ;

- тарғиби қонунгузории шуравӣ ва иштироки фаъолона дар ошкор сохтани сабабу шароитҳое, ки қонунвайронкуниро ба миён меоранд [93, с. 30 - 31].

Дар раванди роҳбарии амалӣ ба ҷомеаҳои истеҳсолӣ фармону амрҳо, дастурамалҳо, нишондодҳои сершумор чоп мешуданд. Хеле муҳим буд, ки онҳо мутобиқи қонун бошанд. Бинобар ин, чунин санадҳоро бояд ҳуқуқшинос пешакӣ дида, аз назорати ҳуқуқӣ гузаронад. Бо ин роҳ машваратчиёни ҳуқуқӣ корхонаро аз қонунвайронкуниҳои эҳтимолӣ нигоҳ медоштанд [126, с. 23].

Шарҳу тавзеҳи муқаррароти меъёрии дахлдор бо роҳи машваратҳои инфиродӣ, дастурдиҳии гурӯҳӣ ё ташкили семинарҳои дахлдор низ ба вазифаи адвокати машваратгоҳи ҳуқуқӣ дохил мешуданд. Ин тадбирҳо ба пешгирии вайронкуниҳои қонунгузорӣ дар фармонҳою амрҳои шифоҳӣ низ, ки ба ҳуқуқшинос пешакӣ таҳти назорат гирифтани онҳо хеле мушкил аст, мусоидат мекарданд.

Соли 1977 Конститутсияи ИҶШС ва дар заминаи он 30.11.1979 сол бори нахуст Қонун «Дар бораи адвокатура дар ИҶШС» [256, с. 846], соли 1980 бошад, Низомнома дар бораи адвокатура қабул карда шуд, ки то соли 2002, яъне то соли дар Федератсияи Русия ба эътибори қонунӣ даромадани Қонуни федералӣ «Дар бораи фаъолияти адвокатӣ ва адвокатура дар Федератсияи Русия» амал кардааст.

Дар Конститутсияи ИҶШС соли 1977 ба вазъи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд бештар эътибор дода шуда, ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоӣ

иқтисодӣ, сиёсӣ ва шахсии шаҳрвандон муқаррар гардиданд. Тибқи моддаи 57 Конститутсияи ИҶШС эҳтироми шахсият ва муҳофизати ҳуқуқу озодиҳои он вазифаи ҳамаи мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шахсони мансабдор дониста шуд. Конститутсияи (Қонуни асосии) ҶШС Тоҷикистон, ки 14 апрели соли 1978 қабул гардид, моҳиятан, мазмунан ва таркибан бо Конститутсияи ИҶШС соли 1977 умумияти калон дошт.

Дар Конститутсияи нав бори нахуст, дар бораи адвокатура сухан рафтааст. Дар моддаи 161 Конститутсияи ИҶШС зикр шудааст, ки барои ба шаҳрвандон ва ташкилотҳо барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ коллегияи адвокатҳо амал мекунад. Таъсис ва тартиби ҳуқуқии фаъолияти адвокатураро қонунгузории ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ муайян мекарданд [29, с. 43].

Моддаи 158 Конститутсияи ИҶШС ба ҳуқуқи айбдоршаванда ба ҳимоя бахшида шуда буд [29, с. 44]. Ин танҳо ҳуқуқи истифода бурдан аз хизматрасонии ҳимоятгар буд. Инчунин, айбдоршаванда ҳуқуқи худро бо ҳимоя амалӣ намуда метавонист, айбдоркунии ба ӯ эълоншударо шарҳу тавзеҳ дода, дархост пешниҳод мекард. Суд ва дигар иштироккунандагони мурофиаро рад карда, далелҳо пешниҳод ва дар баррасии онҳо иштирок намуда, нисбат ба амалҳои муфаттиш, прокурор ва суд шикоят карда метавонист. Ҳама гуна маҳдудкунии ҳуқуқи айбдоршаванда ба ҳимоя вайронкунии дағалонаи қонуният буда, асос барои бекор кардани ҳукм мегардиданд.

Конститутсияи нав ба шаҳрвандон имкониятҳои васеи гирифтани ёрии адвокатро дод, соҳаи фаъолияти адвокатҳо васеъ гардид. Дар Конститутсияи ИҶШС таҳрири соли 1977 фаъолияти адвокатура ба қадри кофӣ, дақиқ, ҳатто нисбатан муфассал баён шуда буд. Боби 20-уми Конститутсия «Суд ва арбитраж» ном дошта, ба қисми VII он «Адолати судӣ, арбитраж ва назорати прокурорӣ» дохил мешуд [29, с. 44].

Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон соли 1978 фаъолияти адолати судӣ, арбитраж ва назорати прокурориро дар фасли VIII, ки аз ду боб иборат буд, пешбинӣ мекард. Боби 18 «Суд ва арбитраж» номгузорӣ гардида, тибқи моддаи 159 ба айбдоршаванда ҳуқуқи ҳимоя таъмин карда мешавад.

Дар моддаи 100 Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон зикр шудааст, ки мурофиаи судӣ бо забони тоҷикӣ ва ё ба забони аксарияти аҳолии маҳал сурат мегирад. Ба шахсони иштирокчии парванда, ки забони мурофиаи судиро намедонанд, бо ҳуқуқи тавассути тарҷумон пурра шинос шудан бо маводи парванда, иштирок дар амалҳои судӣ ва ҳуқуқи дар суд бо забони модарӣ баромад кардан, таъмин карда мешаванд.

Тибқи муқаррароти моддаи 161 ҳеҷ касро бе ҳукми суд ва бар хилофи қонун ба содир кардани ҷиноят гунаҳкор донистан ва инчунин ҷазои ҷиноятӣ додан мумкин нест. Дар чунин маврид гумонбаршуда ҳуқуқ дошт аз хизмати адвокат истифода барад.

Барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон ва ташкилотҳо коллегияҳои адвокатҳо амал мекунанд. Дар мавридҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба шаҳрвандон ёрии ҳуқуқӣ ройгон расонида мешавад.

Ташкил ва тартиби фаъолияти адвокатураро қонунгузории ИҶШС ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ муайян мекунанд.

Дар мурофиаи судӣ оид ба парвандаҳои маданию ҷиноятӣ, ба иштироки намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҷомеаҳои меҳнатӣ роҳ дода мешавад. Қонун дар бораи адвокатура дар ИҶШС пешбинӣ намудааст, ки адвокатҳо машварату маслиҳат медиҳанд ва оид ба масъалаҳои хусусияти ҳуқуқидошта ҳуҷҷатҳо тартиб медиҳанд, дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ва маданӣ ва оид ба парвандаҳои қонунвайронкунии маъмурӣ иштирок мекунанд, ба шаҳрвандон ва ташкилотҳо ёрии ҳуқуқӣ мерасонанд.

Баробари болоравии фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ шумораи мурочиатҳо ба адвокатҳо мунтазам зиёд мешуд. Ҳамасола адвокатҳои ИҶШС супоришҳои сершумори мухталифи шаҳрвандонро ичро мекарданд. Дар давоми сол адвокатҳо 9 млн. машварат дода, 3 млн. ҳуччатҳои ҳуқуқӣ тартиб медоданд. Иштироки адвокатҳо дар мурофиа оид ба парвандаҳои маъмурӣ ба ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон мусоидат мекард. Ҳар сол судҳо тақрибан 2,5 млн. парвандаҳои маданиро баррасӣ мекарданд [126, с. 23].

Дар мурофиаи судии чиноятӣ ба ёрии ҳуқуқӣ эҳтиёчи махсус ба амал меомад. Дар мамлакат ҳар сол тафтиши садҳо ҳазор парвандаҳои чиноятӣ ба охир мерасид. Адвокатҳо дар ҳар чаҳорум парвандаи аз чониби мақомоти тафтишоти пешакӣ баррасишаванда ширкат меварзиданд, судҳо қариб 80% парвандаҳои чиноятиро бо иштироки адвокатҳо баррасӣ мекарданд. Аз ёрии адвокат маҳрум сохтани айбдоршаванда вайронкунии чиддии қонун ба ҳисоб мерафт, ки ин боиси ба тафтиши иловагӣ баргардонида шудани парванда, бекор кардани ҳукми айбдоркунанда ва қабули дигар қарор мегардид.

Ҳамин тариқ, адвокатураи шуравӣ аз рӯйи принсипҳои ташкил ва фаъолият, аз рӯйи тартиби пардохти аъзоҳаққӣ ташкилоти чамъиятӣ мебошад, ки вазифаи хеле муҳимми давлатиро ичро мекунад.

Ба Конститутсияи ИҶШС дохил кардани моддаи махсус дар бораи коллегияи адвокатҳо ва қабули қонун дар бораи адвокатура дар ИҶШС собит месозад, ки давлати шуравӣ ба фаъолияти адвокатура дар ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва ташкилотҳо, таҳкими қонуният, ҳалли дигар масъалаҳои муҳим диққати махсус медод.

Тибқи Конститутсияи ИҶШС ва Конститутсияи ҶШС Точикистон, Қонуни ИҶШС «Дар бораи адвокатура дар ИҶШС» [39], асосҳои қонунгузории ИҶШС ва чумҳуриҳои иттифоқӣ дар бораи сохтори суд дар ИҶШС [54, с. 545] адвокатура дар ИҶШС ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва ташкилотҳо амалигардонии

адолати судӣ, риоя ва таҳкими қонунияти сотсиалистӣ, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи иҷрои аниқ ва бемайлони қонунҳои шуравӣ, муносибати эҳтиёткорона ба моликияти халқ; риояи интизоми меҳнат, эҳтиромгузорӣ ба ҳуқуқҳо, шараф ва шаъни шахсият, ба қоидаҳои ҳамзистии сотсиалистӣ мусоидат мекард.

Ҳамин тариқ, ба ақидаи мо, Конститутсияи ИҶШС ва Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон (1978) обрӯю эътибори адвокатураро ба сатҳи баланд бардоштанд. Қисми муҳимтарини фаъолияти адвокат иштирок дар тафтиши пешакӣ ва дар суд ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ, ҳимояи айбдоршавандагон, намояндагии манфиати ҷабрдидагон, ҳамчунин иштирок дар баррасии баҳсҳои маданӣ ба сифати намояндаи ҷавобгарон, даъвогарон ва дигар шахсон, бурдани парванда дар арбитраж ба ҳисоб меравад. Кӯшишҳои ба адвокатура роҳбарии умумиро амалӣ гардониданӣ мақомоти давлатӣ, ба ҳеҷ ваҷҳ хусусияти адвокатураро чун ташкилоти ҷамъиятӣ тағйир надодааст.

Қонуни ҶШС Тоҷикистон аз 29-уми майи соли 1981 «Дар бораи тасдиқ намудани Низомнома дар бораи адвокатураи ҶШС Тоҷикистон» қабул карда шуд [7, с. 82-97]. Аз мазмуни сарчашмаҳои ҳуқуқии дар боло зикршуда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки адвокатураи шуравӣ аз лаҳзаи ташкил ёфтан то ҳамчун институти мустақил эътироф шуданаш, роҳи тӯлонӣ ва душвореро тай кардааст. Аммо дар ниҳояти кор, он барои кишварҳои пасошуравӣ дар низоми институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон замина гардид.

# БОБИ 3. ИНКИШОФИ ИНСТИТУТИ АДВОКАТУРА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ

## 3.1. Рушди қонунгузорӣ дар бораи фаъолияти адвокатура дар Тоҷикистон

Мо дар бобҳои гузашта таърихи инкишофи адвокатураи тоҷикро, ки чунин марҳилаҳои фарҳангию тамаддунии рушди ҷамъияти тоҷик, аз қабили давраҳои зардуштӣ, исломӣ, шуравиро дар бар мегирад, мавриди баррасӣ қарор додем. Таҳқиқот нишон дод, то шароитҳои таърихии ташаккул ва инкишофи институти ҳимоя, машваратгоҳи ҳуқуқӣ ва адвокатураро дар Тоҷикистон, ки ба шаклгирии адвокатураи муосир бунёд гузоштанд, ошкор созем. Қисмати мазкури таҳқиқоти диссертатсионӣ ба инкишофи адвокатураи Тоҷикистони пасошуравӣ бахшида шудааст, ки дар тӯли бештар аз сӣ сол роҳи муайяни инкишофро тай намуда, аз як институти пароканда ба шакли мураттабу муназзам, бо мақоми ягонаи ифодакунандаи низоми муайян, ташкилотҳои ҳамкории зичи мутақобиладошта табдил ёфтааст. Дар ин муддат дар худи фаъолияти адвокатура низ тағйироти бунёдӣ рух доданд. Бори нахуст, он дар сатҳи қонунгузорӣ табиати гражданию ҷамъиятӣ мустаҳкам карда шуд.

Ташаккул ва инкишофи қонунгузорӣ дар бораи адвокатура бидуни таҳқиқи худи асосҳои ҳуқуқии фаъолияти адвокатура ва алоқаи он бо қонунгузории соҳавӣ ва сарчашмаҳои байналхалқӣ-ҳуқуқӣ, ки қисми ҷудонашавандаи низоми ҳуқуқии Тоҷикистон мебошанд, ба риштаи таҳқиқ кашидан ғайриимкон аст. Адвокатура чунин институте мебошад, ки фаъолияти он дар баробари санадҳои қонунгузории соҳавӣ, қонунгузории ҷиноятӣ-мурофиавӣ ва маданӣ-мурофиавӣ, инчунин бо санадҳои соҳаҳои дигари қонунгузорӣ танзим мегардад.

Дар солҳои ҳокимияти шуравӣ адвокатура аломати шаклӣ ё зоҳирии низоми судӣ буд. Баъдтар, дар охири солҳои 80-уми қарни XX, Иттифоқи адвокатҳои ИҶШС ташкил карда шуд, ки ҳамагӣ якчанд сол фаъолият кард. Бояд зикр намуд, ки то соли 1995 адвокатура ба ҳайати Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешуд ва аз соли 1995 муаммои мутамарказ сохтани адвокатура ба миён омад.

Дар он замон дар мамлакат ташкилотҳои адвокатии ҳанӯз дар солҳои ҳокимияти шуравӣ таъсисёфта, коллегияи адвокатҳои ҷумҳуриявӣ, коллегияи адвокатҳои вилояти Суғд амал мекарданд. Солҳои 90-ум аз коллегияи адвокатҳои ҷумҳуриявӣ коллегияи адвокатҳои вилояти Хатлон ҷудо шуд, - менависад, профессор З.Ҳ. Искандаров [292]. Ғайр аз ин, 40 адвокат-ҳуқуқшинос ҳуқуқ доштанд, коллегияи адвокатҳоро ташкил кунанд. Ҳамин тариқ, якчанд коллегияҳои мустақили адвокатҳо ба вуҷуд омаданд. Дар мамлакат, ҳамчунин, ширкатҳои байналмилалии ҳуқуқӣ амал мекарданд, ки ёрии ҳуқуқӣ мерасонанд. Вале ягонтои ин ташкилотҳо принсипи ягонаи қабул ба узвият надоштанд, тартиби муайяни муқаррар кардани тахассусмандии адвокатҳо мавҷуд набуд.

Баъди ба даст омадани Истиқлоли давлатӣ ва гузаронидани ислоҳот дар соҳаи адлия ва ба роҳ мондани гузариши расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба пояи иқтисоди бозорӣ, адвокатура, инчунин таҳти таъсири қонунгузории иқтисодӣ, аз ҷумла дар соҳаи иҷозатномадиҳӣ қарор гирифт ва амалӣ гардонидани фаъолияти хусусии соҳибкорӣ низ ба роҳ монда шуд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 6-уми ноябри соли 1994 қабул шуд, аввалин асоси ҳуқуқиест, ки дар он принсипҳои бунёдии ташкили адвокатура ва умуман, расондани ёрии ҳуқуқӣ дар мамлакат мустаҳкам карда шудааст. Моддаҳои 19 ва 92 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки истилоҳҳои «адвокат» ва «адвокатура»-ро муқаррар намудааст, вазифаи онҳоро бо иштироки ихтиёрӣ дар раванди боздошт

ва ҳабси пешакии шахсони дар содир намудани ҷиноят гумонбаршуда, инчунин ёрии ҳуқуқӣ дар тамоми марҳилаҳои тафтишот ва мурофиаи судӣ кафолат дода мешавад [1]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иштироки адвокатро, на танҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ пешбинӣ мекунад, инчунин дар мурофиаи маданӣ, маъмурӣ ва конститутсионӣ низ бо низоми қонунгузорӣ мустаҳкам менамояд. Алҳол адвокатура шакли асосии расонидани ёрии ҳуқуқӣ дар давлат ба ҳисоб меравад, вале он шакли ягонаи расонидани ёрии ҳуқуқӣ нест. Маҳз аз ҳамин ҷо гуногуншаклии санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ, ки, дар умум, низоми асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти адвокатура ва умуман, ташкилотҳое, ки ёрии ҳуқуқӣ мерасонанд, бармеоянд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳар як шаҳрванд ҳуқуқи гирифтани ёрии ҳуқуқиро кафолат медиҳад [1, с. 4]. Мусаллам аст, ки институти асосие, ки ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ расонидани ёрии тахассусноки ҳуқуқиро таъмин мекунад, маҳз адвокатура мебошад. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура» аз 04 ноябри соли 1995 [16], адвокатура иттиҳодияи мустақили касбӣ мебошад, ки тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахсони воқеию ҳуқуқӣ расонидани ёрии ҳуқуқиро таъмин мекунад. Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура» «ёрии ҳуқуқӣ - ёрии тахассусӣ ва касбие мебошад, ки аз ҷониби адвокатҳо, бо истифода аз восита ва тарзҳои қонунӣ барои ҳимояи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ расонида мешавад». Ёрии ҳуқуқӣ навъи кӯмаки иҷтимоӣ аст, ки дар соҳаи ҳуқуқ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ расонида мешавад ва ин кӯмак аз истифодаи ҳар гуна восита ва усулҳои қонунӣ бо мақсади ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ин ашхос иборат аст.

Дар Тоҷикистон дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 04 ноябри соли 1995 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура», №110 қабул шуд. Баъди ворид сохтани тағйиру

иловаҳо он аз қонуни конститутсионӣ ба қонуни маъмулӣ иваз карда шуд. Ин қонун бо вуҷуди мақоми конститутсионӣ доштан, асосҳои ташкилию ҳуқуқӣ, мақоми ҳуқуқӣ, мақомоти идоракунии институти адвокатураро равшану возеҳ муайян накард. Дар моддаи якуми Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура» аз 04 ноябри соли 1995, №110, [16] зикр шуда буд, ки адвокатура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иттиҳодияи мустақили касбӣ буда, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ёрии ҳуқуқиро ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ таъмин мекунад. Ин санади қонунгузорӣ ба масъалаҳое аз қабили ташкили коллегияи адвокатҳо, иҷозат додан ба фаъолияти адвокатӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои адвокатҳо, масъулияти интизомии адвокатҳо дахл мекард. Навоварии қонун дар он аст, ки дар он мафҳуми дар адвокатура нав, мисли сирри адвокатӣ пешбинӣ шуда буд. Пеш аз ин қонун иҷозат додан ба фаъолияти адвокатӣ, асосан, тавассути ба даст овардани узвият ба коллегияи адвокатҳо-иттиҳодияи мустақил ва худтанзимкунандаи адвокатҳо сурат мегирифт.

Лозим ба таъкид аст, ки Тоҷикистон давлати ягона дар ИДМ буд, ки Қонун дар бораи адвокатураро шакли «Қонуни конститутсионӣ» қабул кардааст ва ба қонуни мазкур шакли олии ҳуқуқиро додааст. Дар иртибот бо ин маънӣ гуфтан лозим аст, ки дар таснифи (бандубасти) илмию ҳуқуқии низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қонуни конститутсионӣ ба гурӯҳи сеюм мансуб дониста шудааст, ки нашри он бевосита дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст [18].

3 майи соли 2006 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №161 «Дар бораи дохил кардани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон» «Дар бораи адвокатура» қабул шуд. Дар номи ин қонун ибораи «Қонуни конститутсионӣ» бо калимаи «Қонун» иваз карда шуд. Ин чунин маъно дошт, ки минбаъд адвокатура чун институти ҳуқуқии маъмурӣ ба шаҳрвандон ёрии ҳуқуқӣ мерасонад [18].

Қонун дар бораи адвокатура масъалаи қабули ҳуқуқшиносон ба коллегияи адвокатҳо ва ба ин восита масъалаи ба фаъолияти адвокатӣ роҳ додани онҳоро низ танзим мекунад. Тибқи моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура» аз 4.11.1995 сол хатмкунандагони муассисаҳои олии ҳуқуқшиносӣ, ки ду сол собиқаи корӣ аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ доранд ё ба сифати адвокат ба муддати аз шаш моҳ то як сол коромӯзӣ кардаанд, баъди супоридани имтиҳон ба комиссияи тахассусии коллегияи адвокатҳо метавонистанд узвияти коллегияро ба даст оранд.

Соли 1998, қабули Низомнома дар бораи тартиби додани иҷозатнома ба фаъолият оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба сифати адвокат – вакил аз 18 феврали соли 1998 ба ҳуқуқшиносон имконият дод, ки ишғоли вазифаи адвокат бештар гардад. Имконияти якум, тавассути аъзо шудан ба узвияти коллегия ба он шаҳрвандони Тоҷикистон дода мешуд, ки маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ дошта, имтиҳони тахассусиро, ки коллегияи адвокатҳо ташкил мекунад, супорида бошанд ва ё ду сол собиқаи кор аз рӯйи тахассуси ҳуқуқшиносӣ дошта бошанд, ё таҳти назорат дар тӯли аз шаш моҳ то як сол ба сифати адвокат коромӯзӣ карда бошанд. Инро оғози ба таври тиҷорат расонидани ёрии ҳуқуқӣ ва ба фаъолияти соҳибкорӣ мансуб донистани фаъолияти адвокатӣ шумоshould мумкин аст. Ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти адвокатӣ бо гирифтани иҷозатнома тибқи тартиби «Барои фаъолияти соҳибкорӣ» муайян гардида, ки Вазорати адлия ба шаҳрвандони Тоҷикистон, ки дорои маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ ва собиқаи кори дусола мебошанд, аз рӯйи ихтисос имтиҳони тахассусиро супоридан, ба даст меомад.

Ҷорӣ карда шудани фаъолияти хусусии адвокатӣ ва ба ин фаъолият иҷозатномаи ҳатмӣ додани давлат барои ворид сохтани танзими фаъолияти адвокатӣ ба қонунгузории соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ва, дар навбати аввал, иҷозатномадиҳӣ шароит муҳайё сохт.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба намудҳои алоҳидаи фаъолият» соли 2004 тақрибан 140 намуди фаъолият ва касбҳо, аз ҷумла расонидани хизмати пулакии ҳуқуқиро ба соҳаи иҷозатномадиҳии ҳатмӣ ва ихтиёрӣ қарор дод. Дар натиҷа, ҳамаи адвокатҳо ва ҳуқуқшиносони дигар, ки хизматҳои пулакии ҳуқуқшиносӣ пешниҳод мекарданд, минбаъд бояд барои амалӣ гардонидани чунин фаъолият ба сифати субъекти фаъолияти соҳибкорӣ дар мақомоти андоз сабти ном карда, дар Вазорати адлия иҷозатнома мегирифтанд [19].

Дар лоиҳаи Низомнома таъсиси Комиссияи тахассусӣ дар назди Вазорати адлия бо мақсади гузаронидани имтиҳон (ё мусоҳиба агар адвокат дар ширкати адвокатӣ кор кунад) пешбинӣ шуда буд. Ҳамчунин, дар лоиҳа ваколатҳои Вазорати адлия оид ба интишори Низомнома дар бораи Комиссияи тахассусӣ ва тартиби гузаронидани имтиҳон, ҳамчунин номгӯйи фанҳое, ки аз рӯйи онҳо имтиҳонҳо гузаронида мешаванд, пешбинӣ шуда буд. Вале аз таҳрири ниҳоии Низомнома ишораю истинодҳо ба Комиссияи тахассусӣ хориҷ шуданд.

Масъалаи мазкурро Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18-уми марти соли 2015 №1182 ҳал кард. Дар моддаи 13-уми Қонун зикр шудааст, ки ба комиссияи тахассусии дар назди Вазорати адлия таъсисёфта, ду намояндаи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, як намоянда аз Шурои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, панҷ намоянда аз Иттиҳоди адвокатҳо, ки Анҷумани адвокатҳо интихоб мекунад, як намояндаи дорои дараҷаи илмӣ дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ аз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил мешаванд [17].

Дар ҷараёни гузариш ба тартиби нави иҷозатномадиҳӣ баъзе адвокатҳои хусусии иҷозатномадошта, имкони ба фаъолияти адвокатӣ машғул шуданро аз даст доданд. Мутаассифона, дар Қонун дар бораи иҷозатномадиҳӣ механизми тамдиди иҷозатномаҳои амалкунанда, ки

мухлати онҳо пеш аз нашри низомномаи нав ба охир расидааст, пешбинӣ нашуда буд.

Таҳияи матни ягонаи Низомнома барои ҳамаи намудҳои фаъолият, ки дар қонун зикр шуда буд, кори хеле меҳнатталаб буда, баъзе адвокатҳои хусусии иҷозатномадор, ки мухлати амали иҷозатномаашон гузашта буд, аз имкони машғул шудан ба амалияи ҳуқуқӣ дар давоми сол тамоман маҳрум гардиданд.

Тибқи моддаҳои 8 ва 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба намудҳои алоҳидаи фаъолият» иҷозатнома «ба мухлати камаш панҷ сол дода мешавад» [19]. Мутаассифона, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба намудҳои алоҳидаи фаъолият» механизми тамдиди иҷозатномаҳои амаликунанда, ки мухлати амали онҳо то нашри низомномаи нав ба итмом мерасид, пешбинӣ нашуда буд. Аз ин ҷо мақомоти ҳокимияти иҷроия метавонист баъди ба итмом расидани мухлати иҷозатнома, аз додани иҷозатномаи такрорӣ ё тамдиди иҷозатномаи категорияҳои алоҳидаи адвокатҳои «номақбул» худдорӣ кунад.

Масъалаи дигари баҳснок, ки ба тартиби нави иҷозатномадиҳӣ ба фаъолияти адвокатӣ марбут буд, пардохти дар ҳаҷми чаҳоркаратаи музди меҳнати ҳадди ақал буд, ки «барои баррасии ариза бо додани иҷозатнома аз ҷониби мақоми иҷозатномадиҳанда» ситонида мешуд ва ба довталаб баргардонида намешуд. Аксари адвокатҳои нави ба фаъолият шуруъкунанда аз уҳдаи иҷрои ин талабот намебаромаданд.

Дар он зикр шудааст, ки сатҳи пасти касбии бисёр аъзои коллегияи адвокатҳо, ба воситаи ришваситонӣ табдил ёфтани адвокатҳо, аз боварию эътимоди зерҳимоягон сӯиистифода кардани адвокатҳо, аз зерҳимоягон пинҳон кардани ҳуқуқҳои мурофиавӣ, беасос зиёд кардани ҳаққи хизмат ва ғайра, аз ҷумлаи масъалаҳое буданд, ки зарурати ислоҳоти минбаъдаи низоми адвокатураро ба миён оварданд [202, с. 79]. Тағйироти бунёдӣ дар низоми қонунгузории адвокатура дар Тоҷикистон

баъди қабули Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» 18-уми марти соли 2015, №1182 ба мушоҳида мерасад. Метавон, ҳатто, зикр намуд, ки ин қонун асосҳои ҳуқуқии гузаронидани ислоҳоти амиқ дар соҳаи на танҳо адвокатура, балки ба шаҳрвандон расонидани ёрии ҳуқуқиро бунёд гузошт [17]. Дар қонуни мазкур таъкид шудааст, ки адвокатура на иттиҳодияи адвокатҳои пароканда, балки иттиҳодияи ягонаи касбии адвокатҳо мебошад, ки ёрии ҳуқуқӣ мерасонанд.

Қонуни нав дар муқоиса ба қонуни пешина, ба он далолат мекунад, ки фаъолияти адвокатӣ фаъолияти соҳибкорӣ нест. Бо қабули қонун ислоҳоти воқеӣ дар соҳаи адвокатура оғоз ёфт, ки ба ташаккули адвокатура чун институти махсуси ҷомеаи шаҳрвандӣ, баланд бардоштани самарабахшии ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳо, расонидани ёрии ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани обрӯю эътибори адвокат дар низоми умумии касбҳои ҳуқуқӣ дар мамлакат мусоидат мекунад.

Қонуни нав доираи ёрии ҳуқуқиро, ки адвокат расонида метавонист, нисбатан васеъ намуд. Бори аввал, принсипҳои амалӣ гардонидани фаъолияти адвокатӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои адвокат, тартиби гирифтани мақоми адвокат дар Тоҷикистон, ки вижагии инкишофи фаъолияти адвокатиро дар мамлакат инъикос мекунад, пешбурди реестри ягона ва махсуси адвокатҳо, мақомоти ягонаи идоракунӣ мустаҳкам карда шуд. Фаслҳои қонуни нави қабулшуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки ба институти адвокатура ислоҳоти амиқ ва бунёдӣ ворид карда шудааст.

Бояд зикр намуд, ки соли 1999 Маҷлиси умумии Коллегияи ҷумҳуриявии адвокатҳо Қоидаҳои одоби касбии адвокатҳоро қабул кард ва қоидаҳои мазкур чун «меъёрҳои ахлоқии умумӣ, ки аз принсипҳо ва доираи вазифаҳои касбии адвокатҳо нисбат ба расонидани хизматҳои ҳуқуқӣ бармеоянд», тавсиф мешаванд. Пешбинӣ шуда буд, ки амали санади мазкур на танҳо ба адвокатҳое, ки аъзои коллегия будаанд, балки

ба адвокатҳои хусусӣ, ки аз рӯйи иҷозатнома фаъолият мебаранд, дахл дорад. Қоидаҳои одоби касбии Коллегияи адвокатҳои ҷумҳуриявӣ ба масъалаҳои ҷалби муштариён (қоидаи 11), муҳокимаронии касбии мустақилона (қоидаҳои 2 ва 10), махфият (ифшонопазирӣ), (қоидаҳои 7 ва 10), ихтилофи манфиатҳо (қоидаи 11), ваколатдории босалоҳият (қоидаҳои 3 ва 9), мустақилияти муштарӣ (қоидаҳои 6 ва 10), тақсими ҳаққи хизмат байни адвокатҳо (қоидаи 21) ва масъалаи пардохти ба машварат фиристодан (қоидаи 22) дахл мекунанд. Дар қоидаҳо ҳамчунин масъалаи муносибати адвокат бо тарафи муқобил, масъулияти адвокат дар назди суд ва дигар иштирокчиёни мурофиаи судӣ (қоидаҳои 12-14), ҳамраъйии адвокатҳо (қоидаи 15), уҳдадории гузориш додан дар бораи аз ҷониби дигар адвокатҳо ба таври бояду шояд иҷро нашудани вазифаҳои касбӣ (қоидаи 20) баррасӣ шудаанд.

Баъди қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» соли 2015, Қоидаҳои одоби касбии Коллегияи адвокатҳои ҷумҳуриявӣ эътибори худро гум кард. Тибқи моддаи 36 Қонуни мазкур муқаррар гашт, ки Анҷумани Иттифоқи адвокатҳо Кодекси нави одоби касбии адвокатҳоро қабул мекунад. Аз ҷониби анҷумани адвокатҳо қабул шудани санаде, ки асосҳои ахлоқии фаъолияти адвокатҳоро дар шакли кодекс пешбинӣ мекунад, баҳснок мебошад. Сабаб дар он аст, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ» истилоҳи «кодекс» ба маънои қонун муқаррар карда шудааст ва қонунро танҳо парламенти мамлакат қабул карда метавонад.

Ин масъаларо ҳанӯз А.Р. Нематов ба миён гузошта буд. Муаллиф менависад, ки дар Тоҷикистон тамоюли риоя накардани шаклҳои санадҳои меъёри ҳуқуқӣ ба мушоҳида мерасад, ки он ба низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии мамлакат то андозае бесарусомонӣ ворид месозад. Дар Тоҷикистон қабул кардани санадҳои ҳуқуқӣ ва ба онҳо додани номи «кодекс», ки муносибатҳои дохилиидоравӣ (масалан, Кодекси одоби

таъсисдиҳандагони бозори байнибонкии асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси одоби касбии аудиторҳо, Кодекси одоби хизматчии давлатӣ ва ғайра)-ро танзим мекунанд, хусусияти оммавӣ гирифтааст. Ташвишовар аст, ки чунин ҳуқуқэҷодкунии дохилиидоравӣ дар ин самт коҳиш наёфта, балки афзуда истодааст. Санадҳои мазкур санадҳои дохилиидоравӣ буда, ба танзими муносибатҳои дохилиидоравӣ нигаронида шудаанд. Доираи онҳо нисбатан танг ва тағйирёбанда аст. Санадҳои меъёрии мазкур то ҷое барои мутантанӣ кодекс номида шудаанд. Вале, суханашро идома медиҳад муаллиф, эътибору нуфузи санади меъёри ҳуқуқӣ на аз садо додани номи он ё чӣ гуна номгузорӣ шудани он, балки аз сифати он, қувваю моҳияти ҳуқуқӣ, сатҳи амалӣ гардонидани муқаррароти ҳуқуқии он вобаста аст [143, с. 282]. Бинобар ин, суоли зерин ба миён меояд: Қоидаҳои одоби касбии адвокатро ба Кодекси одоби касбии адвокат тағйири ном кардан то чӣ андоза қобили қабул аст ва он ба қонунгузории амакунанда дар кадом таносуб қарор дорад? Дар ин бобат, мо мавқеи зеринро ишғол мекунем: дилхоҳ фаъолият дар давлати ҳуқуқбунёд бояд аз қонуни амалкунанда бароянд ва ба он мутобиқ бошад. Олими хориҷӣ А.Г. Кучерена дар бобати кодекси ахлоқи адвокатӣ дар таълифоти худ қайд мекунад, ки давлат бояд фаъолияти адвокатураро танҳо дар доираи он танзим кунад, ки тартиби кори адвокатураро муқаррар мекунад, қисми боқимондаи фаъолияти адвокатураро бояд «қоидаҳо ва стандартҳои дохилии корпоративӣ – кодекси ахлоқи адвокатӣ» муайян кунад [119, с. 149]

Бо таъсиси давлати соҳибистиқлоли тоҷикон дар соли 1991, мамлакат узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ гардида, санадҳои асосии байналхалқиро тасвиб намуд ва онҳоро қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ эълон дошт. Дар заминаи эътирофи санадҳои асосии универсалӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон дар соли 1993 ба қонунгузории ҷиноятӣ-мурофиавӣ тағйирот дохил карда шуд, ки тибқи он ҳимоятгар аз лаҳзаи эълон намудани айбнома ё эълони протокол дар бораи дастгиркунӣ роҳ

дода мешавад. Ин нуқта аз тамоюли давлат барои бунёди ҷомеаи демократӣ, ки дар он ҳифзи ҳуқуқи инсонро қонун кафолат додааст, шаҳодат медиҳад, зеро то он даме, ки шахси боздоштгардида бе ҳимоя мемонад, ба вайрокуниҳои сершумори ҳуқуқу озодиҳои инсон роҳ дода мешавад. Вайрокуниҳо, пеш аз ҳама, дар истифодаи усулҳои ноҷоизи бозпурсӣ, рӯбарӯкунӣ ва дигар амалҳои мурофиавӣ, ки хилофи талаботи меъёри қонун гузаронида мешаванд, зоҳир меёбад.

Тибқи моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ қисми таркибии низоми ҳуқуқии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд ва агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд [1, с. 2]. Тибқи Қонун дар бораи шартномаҳои байналмилалӣ, Тоҷикистон принсипҳои асосиеро, ки ба нақши ҳуқуқшиносони СММ дахл дорад, эътироф мекунад. Дар моддаи 16 қонуни мазкур, аз ҷумла пешбинӣ шудааст, ки: «Ҳукуматҳо вазифадоранд, ки аз ҷониби ҳуқуқшиносон иҷро шудани ухдадориҳои касбиашонро дар шароити озод будан аз таҳдидҳо, монеаҳо, тарсонидан ва дахолати беасос таъмин намоянд...». Пеш аз он ки ба баррасии сарчашмаҳои байналхалқӣ-ҳуқуқие, ки асоси ҳуқуқии фаъолияти адвокатиро ташкил мекунанд, оғоз намоем, зарур аст, ки муҳтавои мафҳуми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналхалқӣ муайян карда шавад.

Дар ин масъала мо ҷонибдории андешаҳои И.И. Камолов мебошем, ки дар ин бора ӯ нуктаи зеринро таъкид кардааст: «Коркарди мафҳуми универсалии «санади байналхалқӣ-ҳуқуқӣ» кори хеле мураккаб ва мушкил аст ва сабабаш дар сершуморию гуногунҷинсии сарчашмаҳо ё манбаъҳои ҳуқуқи байналхалқӣ ниҳон мебошад». Мавқеи муаллиф, ки истифодаи чунин категорияҳои маъруф, аз кабили «принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ байналмилалӣ» ва «шартномаи байналмилалӣ» бештар ба мақсад мувофиқ аст, шоистаи дастгирӣ аст. [245, с. 238]

Ҳуқуқ ба ҳимоя дар бисёр санадҳои ҳуқуқии байналхалқӣ, ки ҳам хусусияти умумӣ ва ҳам хусусияти махсуси соҳавӣ доранд, зикр шудааст. Дар байни онҳо Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, ки Ассамблеяи генералии СММ 10 декабри соли 1948 қабул намудааст ва Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ (16 декабри соли 1966) ҳамчун санадҳои муҳим ба ҳисоб меравand. Дар ин санадҳо нуқтаҳои принсипиалии таъмини ҳимоя, расонидани ёрии ҳуқуқӣ, ҳамчунин иштироки ҳимоятгар дар равандҳои судӣ муқаррар карда шудааст [5, 6 с. 8-11].

Дар байни манбаъҳои соҳавии байналхалқӣ бисёр меъёру принсипҳое ҳастанд, ки ба таври бавосита ё бевосита ба фаъолияти адвокатҳо оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон дахл доранд. Яке аз ин манбаъҳо Принсипҳои асосии марбут ба нақши ҳуқуқшиносон ба ҳисоб меравад, ки дар Конгресси ҳаштуми СММ оид ба пешгирии ҷиноятkорӣ ва муносибат бо вайронкунандагони ҳуқуқ (Гавана, 27 август-7 сентябри соли 1990) қабул шудааст. Принсипи мазкур дастрасиро ба ҳуқуқшиносон ва хизматҳои ҳуқуқӣ, кафолатҳои махсусро дар масъалаҳои адолати судии ҷиноятӣ, тахассусмандӣ ва омодасозии кадрҳо, кафолатҳоро нисбат ба иҷрои уҳдадориҳо аз ҷониби ҳуқуқшиносон, вазифаҳо ва уҳдадориҳои ассотсиатсияҳои касбии ҳуқуқшиносон, чораҳои ҷавобгарии интизомӣ ва ғайраро пешбинӣ мекунад [296, с. 37-42].

Манбаи дигари байналхалқӣ - Маҷмуаи принсипҳои ҳимояи ҳамаи шахсоне, ки дар ягон шакл боздошт ё ҳабсшаванда мебошад, ки бо қатъномаи 43/173 Ассамблеяи Генералии СММ аз 9 декабри соли 1988 тасдиқ шудааст. Дар принсипҳои 11, 17, 25, 32 ва ғайра мабдаи иштироки адвокат дар чунин марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ чун оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ ва тафтишоти пешакӣ муқаррар карда шудааст [13, с. 74-84]. Дар байни санадҳои махсуси байналмилалӣ, ки фаъолияти адвокатиро баррасӣ мекунанд, ҳамчунин стандарти минималии қоидаҳои

ҳадди ақали нигоҳдории маҳбусон, Стандартҳои мустақили касби ҳуқуқӣ, ки Ассотсиатсияи байналхалқии ҳуқуқшиносон моҳи сентябри соли 1990 дар Ню-Йорк қабул кардааст ва ғайраро номбар кардан мумкин аст. Доир ба ҳуҷҷатҳои байналхалқие, ки иштироки адвокатҳоро дар ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдак пешбинӣ мекунанд, Қоидаҳои СММ, ки ба ҳимояи ноболиғони аз озодӣ маҳрумгардида дахл доранд, номбар кардан мумкин аст, ин қоидаҳо ҳангоми баррасии парванда нисбати ноболиғон ҳатман бо адвокат таъмин кардани онҳоро пешбинӣ мекунад [44, с. 79-95].

Ҳамаи санадҳои мазкур иштироки адвокатро ба сифати ҳимоятгари айбдоршаванда, гумонбар ва судшаванда зарур мешуморанд. Ҳуқуқҳое, ки ба адвокат барои иҷрои уҳдадориҳояш дода мешаванд, чун қисми таркибӣ ба мундариҷаи ҳуқуқ ба ҳимоя дохил мегарданд.

Ҳамин тариқ, асосҳои ҳуқуқии фаъолияти адвокат ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба маҷмуи қонунгузориҳо, ки ба онҳо қонунгузорӣ дар бораи адвокатура ва қонунгузориҳои соҳавӣ, ба монанди қонунгузории амалкунандаи мурофиавӣ-ҷиноятӣ, маданӣ, маъмурӣ, ҳамчунин ба меъёрҳою принсипҳои ҳуқуқии байналхалқӣ такя мекунанд. Бояд зикр намуд, ки то қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» унсури таркибии низоми қонунгузории фаъолияти адвокатиро бевосита танзимкунанда қонунгузории соҳибкорӣ ва, пеш аз ҳама, қонунгузорӣ дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба намудҳои алоҳидаи фаъолият ташкил менамуд.

## 3.2. Шаклҳои ташкилию ҳуқуқии фаъолияти адвокатура дар Тоҷикистон

Бо вуҷуди он ки дар диссертатсияи мазкур диққати асосӣ ба адвокатҳо дода мешавад, дар Тоҷикистон боз бисёр касбҳои ҳуқуқӣ мавҷуданд. Хатмкардагони факултетҳои ҳуқуқшиносии муассисаҳои

олии касбӣ ихтисоси «ҳуқуқшинос»-ро соҳиб мешавад, ки истилоҳи мазкур нисбат ба ҳамаи мутахассисон дар соҳаи ҳуқуқ истифода мешаванд. Тибқи маълумотҳо, дар факултетҳои ҳуқуқшиносӣ тақрибан 12 000 донишҷӯёни таълими рӯзона ва ғоибона (фосилавӣ) таълим мегиранд, вале шумораи хатмкунандагон аз манбаи ҷойҳои корӣ барои мутахассисони соҳаи ҳуқуқ хеле зиёдтар аст.

Дар Тоҷикистон ба ҳолати 27.09.2025 сол ба 1119 нафар адвокат барои фаъолият иҷозат дода шуда, аз ин шумора фаъолияти 257 нафари онҳо бо сабабҳои гуногун қатъ ва боздошта шуда, теъдоди умумии ҳуқуқшиносон номаълум аст [42]. Дар натиҷа аксарияти хатмкунандагон аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ кор ёфта наметавонанд. Онҳое, ки аз рӯйи ихтисос ба ҷои кор таъмин мешаванд, пеш аз ҳама, самтҳои зерини корро дар соҳаи ҳуқуқ интихоб мекунанд: прокурор, муфаттиш, судя, нотариус, адвокат, ҳуқуқшиносе, ки ба аҳолӣ машваратҳои ҳуқуқӣ медиҳанд (кормандони ташкилотҳои байналхалқӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва намояндагони ваколатдор оид ба ҳуқуқҳои инсон) ва манфиатҳои муштариёнро дар парвандаҳои маданӣ дар асоси доимӣ ва мустақил намояндагӣ мекунанд ва дар корхонаҳои тиҷоратӣ, вазоратҳо ва ё ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ кор карда метавонанд.

Омӯзиши таърихи адвокатура шаҳодат медиҳад, ки дар ҳамаи давру замонҳо механизми асосии ҳимояи инсон аз худсарӣ буда, таъсисёбии шаклҳои самарабахши он кафили ҳифзи ҳуқуқҳои мазкур мебошад. Таҳқиқи рушди шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии адвокатура дар Тоҷикистони пасошуравӣ барои фаҳмиши рафти ислоҳот оид ба таҷдиди фаъолияти адвокатӣ дар мамлакат кумак мерасонад.

Дар Тоҷикистони пасошуравӣ давоми бештар аз 20 сол, фаъолияти адвокатӣ дар шаклҳои мухталифи ташкилӣ сурат мегирифт. Дар мамлакат муддати муайян дар соҳаи фаъолияти адвокатӣ низ амали қонунҳои шуравӣ идома меёфт. Бинобар ин, то миёнаи солҳои 90-уми асри гузашта дар фаъолияти адвокатура шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии

модели шуравӣ нигоҳ дошта шуданд. Модели шуравии ташкили адвокатура шакли фаъолияти дастаҷамъона дошт. Бинобар ин, ташкили коллегияи адвокатҳо чун иттиҳодия, чун шакли таърихан ташаккулёфтаи он муаррифӣ гардид. Шакли дастаҷамъии фаъолияти адвокатҳо бошад, шакли аз ҳама мувофиқ ва демократии ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти адвокатҳо маҳсуб меёбад.

Коллегияи адвокатҳо иттиҳодияи ихтиёрии шахсоне мебошанд, ки бо фаъолияти адвокатӣ машғул буданд. Фаъолияти адвокатиро фақат мутахассиси дорои маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ амалӣ карда метавонист. Бояд қайд намуд, ки коллегияи адвокатҳо аз рӯйи аризаи гурӯҳи муассисон-шахсони маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ дошта ё бо ташаббуси мақомоти иҷроия ташкил мешуд. Пешниҳод дар бораи таъсиси коллегияи адвокатҳо ба Вазорати адлияи ҷумҳурӣ ирсол мегардид ва дар ҳолати розӣ будан, Вазорати адлия пешниҳодро ба Шурои Вазирони ҷумҳурӣ пешкаш мекард. Қайд кардан зарур аст, ки дар Тоҷикистон то қабули қонуни нав дар баробари коллегияи адвокатҳои ҷумҳуриявӣ дар вилояти Суғд низ коллегияи адвокатҳо таъсис дода шуда буд.

Машваратдиҳӣ яке аз самти масъулиятноки кори адвокат ба шумор мерафт ва бештар шарҳу тавзеҳи қонунгузории амалкунандаи маданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, маъмурӣ ва ҷиноятиро дар бар мегирифт.

Самти дигари муҳимми фаъолияти адвокатҳо хизматрасонии ҳуқуқӣ ба корхонаҳо ва муассисаҳою ташкилотҳое буд, ки машваратчии ҳуқуқӣ надоштанд. Он дар асоси шартнома бо машваратгоҳҳои ҳуқуқӣ сурат мегирифт. Дар шартнома уҳдадориҳои тарафҳо пешбинӣ карда мешуд. Адвокате, ки ба муассиса, корхона, ташкилот хизмат мерасонд, қонунияти фармонҳоро тафтиш мекард, дар кори бастани шартномаҳо иштирок мекард, корҳои даъвогариро иҷро мекард, дар арбитраж ва суд парвандаҳоро пеш мебурд, ба кормандони маъмурию идоракунӣ,

коргарону хизматчиёни корхонаю муассисаҳо оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ маслиҳат медод.

Фаъолияти адвокатҳо оид ба намояндагии манфиатҳои корхонаю муассисаҳо, ташкилотҳо дар суд ва арбитраж, ба онҳо расонидани ёрӣ дар ташкили хизмати ҳуқуқӣ рушд меёфт. Коллегияи адвокатҳо оид ба тарғиботи ҳуқуқ ва тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ корҳои назаррасро анҷом медод. Ҳамин тариқ, адвокатура дар давраи гузариш вазифаҳои ниҳоят масъулиятнокро, ки мустақиман ё бавосита бо ҳалли вазифаи умумии демократикунонии минбаъдаи ҳаёти давлатӣ ва ба ҷамъиятӣ алоқаманд буд амалӣ карда, ҳамчун қисми таркибии соҳаи ҳуқуқии давлат баромад мекард.

Марҳилаи нави инкишофи асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти адвокатӣ дар Тоҷикистон аз қабули Қонуни конситутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура» аз 4 ноябри соли 1995 оғоз меёбад. Тибқи моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура» ду шакли асосии ташкилӣ-ҳуқуқии адвокатура мавҷуд буд:

-дар намуди коллегияи адвокатҳо;

-дар намуди адвокати ваколатдор.

Чунин шакли ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти адвокатӣ ба адвокат имкон медод, ки ба фаъолияти адвокатӣ дар алоҳидагӣ ё бо дигар ҳуқуқшиносоне, ки адвокат нестанд, муттаҳид шуда, машғул шавад. Адвокатҳое, ки узви коллегия буданд, маъмулан, дар яке аз марказҳои машваратгоҳҳои ҳуқуқии коллегияи худ кор мекарданд. Адвокатҳои хусусии иҷозатномадор метавонистанд дар ширкатҳои ҳуқуқӣ ё ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ бо таҷрибаи ҳуқуқӣ машғул шаванд [206, с. 151].

Озодии муттаҳидшавӣ ҳуқуқест, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат дода, ба шаҳрвандон имконияти мустақилони муттаҳидшавиро фароҳам овардааст. Маъмулан, адвокатҳо дар машваратгоҳҳои ҳуқуқии назди коллегияҳои адвокатҳо ё ба сифати

соҳибмулкон ва ё кормандони шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ бо амалияи ҳуқуқӣ машғул шуда, аз ин ҳуқуқ истифода мекунанд.

Амалан ҳамаи адвокатҳое, ки аъзои коллегияҳои адвокатҳо буданд, (тақрибан аз панҷ чор қисми намояндагони ин касб) дар яке аз машваратгоҳҳои ҳуқуқии коллегияи худ фаъолият мебурданд. Коллегияи ҷумҳуриявии адвокатҳо чор машваратгоҳи ҳуқуқӣ дар шаҳри Душанбе, яктогӣ қариб дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, инчунин яктогӣ машваратгоҳҳои ҳуқуқӣ дар шаҳрҳои Хуҷанд ва Хоруғ доштанд. Дар ҳайати коллегияи адвокатҳои вилояти Суғд 19 машваратгоҳи ҳуқуқӣ вуҷуд дошт, ки дар ҳудуди вилояти Суғд фаъолият мебурданд. Раёсати ҳар як коллегияи адвокатҳо ваколати таъсис додан ва бастани марказҳои машваратгоҳҳои ҳуқуқӣ, муайян кардани маҳалли ҷойгиршавӣ ва шумораи адвокатҳои он, таъин кардани сардори марказҳо, таҳияи регламент ва бурдани назоратро ба фаъолияти чунин марказҳо дошт.

Адвокатҳои хусусии иҷозатномадор метавонистанд фаъолияти амалии худро мустақилона ё ба сифати корманд ё соҳибмулки шахси ҳуқуқӣ пеш баранд. Ҳуқуқшиносон дар ташкилотҳои гуногун, аз ҷумла ширкат, ширкати дорои масъулияти маҳдуд ё ҷамъияти саҳҳомӣ кор карда метавонистанд. Ҳуқуқшиносӣ адвокат набуда, метавонистанд ба ҳайси кормандони чунин шахсони ҳуқуқӣ фаъолият баранд. Дар нимаи соли 2005 дар мамлакат 30 ширкати ҳуқуқшиносии шакли моликияташон мухталиф (асосан, ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ва ҷамъиятҳои саҳомӣ) амал мекард. Аксарияти онҳо ширкатҳои на он қадар калон буданд, ки дар онҳо ду-се ҳуқуқшинос кор мекарданд ва асосан бо масъалаҳои ҳуқуқи тиҷоратӣ ва маданӣ машғул ва баъзан парвандаҳои ҷиноятӣ низ машғул мешуданд. Омилҳои ба кушодани ширкати ҳуқуқӣ монеъшаванда набудани сармояи ибтидоӣ барои рӯйпӯш кардани

хароҷоти аввалия ва нарасидани биноҳо барои ҷойгир кардани идораи ширкатҳо буд.

Адвокатҳои ваколатдори иҷозатномадошта, ба иттилооти ҳуқуқӣ ва дигар манбаъҳо дастрасии бештар доштанд ва бо бино ва воситаҳои техникӣ, аз қабили компютер, принтер, мошини нусхабардорӣ ва телефон таъмин буданд. Қонунгузорӣ дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият ва низомнома шаклҳои шахси ҳуқуқиро, ки ҳангоми таъсис додан ширкати ҳуқуқӣ истифода мешуд, маҳдуд намекард.

Ҳамин тариқ, фаъолияти хусусии адвокатӣ дар намуди адвокати ваколатдор, таъсиси ширкати ҳуқуқӣ дар намуди ҷамъиятҳо бевосита ба тиҷоратӣ гардидани фаъолияти адвокатӣ шаҳодат медиҳад. Фаъолияти адвокатӣ дар намуди адвокати ваколатдор бошад, машғул шудан ба фаъолияти соҳибкории инфиродӣ мебошад. Таъсис додани ширкатҳои ҳуқуқӣ дар намуди ҷамъиятҳо бошад, ташкили фаъолияти соҳибкорӣ тавассути таъсиси шахси ҳуқуқӣ мебошад.

Адвокатҳо ва ҳуқуқшиносони дигар метавонистанд чун корманди ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ бо фаъолияти ҳуқуқӣ машғул шаванд. Вале чунин шакли ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти адвокатӣ ва адвокатура, на танҳо бесамар ва дар баъзе мавридҳо ҳатто зараровар будани худро нишон дод. Аз ҷумла, М.С. Ғозиев дар бобати адвокатҳои ваколатдор зикр кардааст, ки қонун нисбат ба онҳо ягон талаботи тахассусӣ, касбӣ ва ахлоқӣ пешбинӣ намекард, ки ба сифати расонидани ёрии ҳуқуқӣ таъсири манфӣ дошт. Тибқи қонунгузорӣ теъдоди таъсис додани коллегияҳои адвокатҳо маҳдуд набуд (агар 40 адвокат бо ташаббуси таъсис додани коллегияи нав баромад кунанд). Таъсис ва фаъолияти коллегияҳои параллелӣ (мувозӣ), мумкин буд бо демпинги (пастравии) касбӣ ва ахлоқӣ сурат гирад. Ин ҷо зикр намудан бамаврид аст, ки ҳамаи ташкилотҳои адвокатӣ метавонистанд фаъолияти худро дар алоҳидагӣ, новобаста аз ҳамдигар гузаронанд. Моҳиятан, мақоме вуҷуд надошт, ки

ба ташкилотҳои парокандаи адвокатӣ роҳбарии ягонаро амалӣ намояд [202, с. 79, 81].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18 марти соли 2015 низоми шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти адвокатураро комилан тағйир дод. Акнун тибқи қисми 1, моддаи 25 Қонуни мазкур шаклҳои зерини ташкилии фаъолияти адвокатура муқаррар карда шуданд: кабинети адвокатӣ, маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ, коллегияи адвокатҳо, бюрои адвокатӣ. Дар муқоиса бо қонуни пештара дар қонуни соли 2015 ба шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти адвокатӣ на як модда, балки боби махсус бахшида шуд. Дар он шаклҳои алоҳидаи ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти адвокатӣ дар Тоҷикистон муфассал баррасӣ шуда буданд. Агар қаблан чунин шаклҳои ташкили фаъолияти адвокатӣ, ба мисли маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ ва коллегияи адвокатҳо маълум бошанд, аз соли 2015 таъсиси ду шакли мустақили комилан нави ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти адвокатӣ дар намуди иттиҳоди адвокатӣ ва бюрои адвокатӣ оғоз ёфт [17].

Дар раванди ислоҳоти институти адвокатура дар соли 2015 таъсиси мақоми ягонаи муттаҳидсозандаи адвокатҳо-Иттифоқи адвокатҳо оғоз мешавад. Он чун ташкилоти ягона, мустақил, ғайридавлатӣ ва ғайритиҷоратии касбӣ, ки ба узвияти ҳатмии адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон асос меёбад, таъсис ёфт ва мақоми шахси ҳуқуқиро гирифт. Иттиҳоди адвокатҳо бо мақсади таъмини расонидани ёрии тахассусноки касбӣ, дастрас будани он ба аҳолии тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкили ёрии ройгони ҳуқуқӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагӣ ва ҳимояи манфиатҳои адвокатҳо дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳалҳо ва деҳот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои дигар, новобаста аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва шаклҳои моликият, назорат бурдан ба омодасозии касбии адвокатҳо, баланд бардоштани тахассуси

онҳо ва аз ҷониби адвокатҳо риоя гардидани Кодекси этикаи касбии адвокат таъсис дода мешуданд.

Адвокате, ки дар бораи амалӣ гардонидани фаъолияти адвокатӣ ба таври инфиродӣ қарор қабул кардааст, фаъолияташро ташкил карда, кабинети адвокатӣ таъсис медиҳад. Ба яқин метавон гуфт, ки кабинети адвокатӣ ҷои чунин шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ - адвокати ваколатдорро, ки қонуни пештара пешбинӣ шуда буд, гирифтааст. Муқоиса кардани адвокати ваколатдор бо кабинети адвокатӣ амалан имконнопазир аст. Фарқи асосӣ дар он аст, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура» аз соли 1995 адвокати ваколатдор чун соҳибкоре муаррифӣ мегардид, ки ёрии ҳуқуқӣ мерасонад. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» табиати соҳибкории фаъолияти кабинети адвокатӣ муқаррар нашудааст. Вале аз муқаррароти моддаи 4 ин қонун бармеояд, ки фаъолияти адвокатӣ, ки ҳамчунин дар шакли кабинети адвокатӣ ташкил мешавад, фаъолияти соҳибкорӣ нест. Дар ин ҷо фаҳмо нест, ки мақсади таъсиси кабинети инфиродии адвокатӣ дар чист ва он фактро чӣ тавр шарҳ додан мумкин аст, ки асосан муносибатҳо, аз ҷумла уҳдадориҳоро байни адвокат ва ваколатдиҳанда шартномаи байни онҳо басташуда танзим менамояд [17].

Шаклҳои нисбатан паҳншудаю маъмули ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти адвокатӣ дар Тоҷикистон аз қабили маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ ва коллегияҳои адвокатҳо дар қонуни нав боқӣ монданд, вале мақоми ҳуқуқии онҳо нисбатан васеъ шудааст. Фарқи маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ аз коллегияи адвокатҳо танҳо дар ҳайати миқдории ин ташкилотҳо аст: маслиҳатхонаи ҳуқуқиро ду ва зиёда адвокатҳо ташкил медиҳанд, коллегияи адвокатҳоро бошад, панҷ ва бештар адвокатҳо таъсис медиҳанд. Ҳол он ки тибқи қонуни пештара барои таъсиси коллегияи адвокатҳо камаш 40 адвокат лозим буд, ки ба таъсиси ин шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ дар минтақаҳои алоҳидаи мамлакат мамониат мекард. Чӣ тавре ки зикраш рафт, то ба қарибӣ дар баробари коллегияи

адвокатҳои ҷумҳуриявӣ дар сатҳи маҳаллӣ танҳо дар вилояти Суғд коллегияи адвокатҳо низ амал мекард.

Шакли комилан нави ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон бюрои адвокатӣ ба ҳисоб меравад. Тартиби ташкил кардани бюрои адвокатӣ ҷолиби диққат буда, ба ҳайси ташаббускори он на шахрвандону адвокатҳо, балки танҳо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва Иттифоқи адвокатҳо баромад карда метавонанд. Шарти асосӣ барои таъсиси бюрои адвокатӣ вуҷуд надоштани кабинети адвокатӣ, маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ ва коллегияи адвокатҳо, дар воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ (шаҳр ва ноҳия) аст. Чунин ба назар мерасад, ки ҳатто мавҷудияти як кабинети адвокатӣ таъсиси бюрои адвокатиро ғайриимкон мегардонид. Аз лиҳози мақоми ҳуқуқӣ бюрои адвокатӣ ба коллегияи адвокатҳо баробар дониста мешавад.

Мақоми олии тамоми шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти адвокатӣ ва тамоми ҷомеаи адвокатҳо Анҷумани адвокатҳо ба шумор меравад. Анҷумани адвокатҳо дар пояи Иттифоқи адвокатҳо як маротиба дар ду сол даъват карда шуда, ваколатҳои нисбатан васеъ дорад. Мақоми доимоамалкунандаи байни анҷуманҳо Раёсати Иттифоқи адвокатҳо мебошад.

Бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» дар соли 2015 шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои адвокатӣ ба таври ҷиддӣ тағйир ёфт.

Адвокатура институти ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, дар амалӣ намудани адолати судӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ нақши муҳиммро мебозад. Муносибатҳои мутақобилаи адвокатура ва давлат ҷанбаи муҳимми ташаккули унсурҳои асосии давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд мебошад. Бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» ташкили Феҳристи ягонаи бақайдгирии адвокатҳо дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкили Феҳристи ягонаи бақайдгирии адвокатҳои давлатҳои хориҷӣ,

гузаронидани маҷлисҳои комиссияи тахассусӣ ва масъалаҳои дигари ташкили фаъолияти адвокатҳо пешбинӣ шудааст. Барои амалӣ гардонидани ин муқаррарот Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 августи соли 2015, №549 «Дар бораи тартиби пешбурди феҳристи ягонаи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Тартиби пешбурди феҳристи махсуси адвокатҳои давлатҳои хориҷӣ», ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти адвокатиро амалӣ менамоянд ва Тартиби пешбурди феҳристи ягонаи ташкилотҳои адвокатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст [42].

Ба назари мо, дар муқоиса бо қонуни пештара дахолати мақомоти давлатӣ ба фаъолияти адвокатӣ ба ҳадди ақал кам шуд, таъмини мустақилияти адвокатҳо бошад, воқеияти бештар дорад. Қонун мустақилияти адвокатро кафолат медиҳад ва ин принсип бояд бечунучаро аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва шахсонии мансабдори он риоя шавад. Вале, мутаассифона, дар байни аз лиҳози қонунгузорӣ пешниҳод кардани кафолатҳои мустақилият ба адвокатҳо ва татбиқи онҳо дар амал фосилаи хеле калон мавҷуд аст. Дар айни ҳол лаҳзаҳое мушоҳида мешаванд, ки агар адвокат манфиатҳои муштарии «номақбул»-ро намояндагӣ кунад, ӯ ба муштариаш ҳаммонанд ё баробар шуморида мешавад. Аз нуқтаи назари одоби ҳуқуқӣ ҳуқуқшиносон набояд бо муштариёни онҳо ё парвандаҳои муштариёни онҳо баробар дониста шаванд.

Муносибатҳои мутақобилаи адвокатура ва давлат бо мақсади мусоидат ба фаъолияти адвокатӣ ва таъмини дастрасии ёрии ҳуқуқӣ ба аҳолӣ тибқи қонунгузории нав ҳамчунин дар таъмини кафолати мустақилияти адвокатура, маблағгузорӣ намудани фаъолияти адвокатҳое, ки дар мавридҳои пешбиникардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахсони воқеӣ ёрии ҳуқуқии ройгон мерасонанд, инчунин ҳини зарурат ба ташкилотҳои адвокатӣ ҷудо кардани биноҳои хизматӣ, таҷҳизот ва воситаҳои алоқа ифода меёбад.

Ба ақидаи И.С. Долгошеев мустақилияти адвокатура аз давлат маънои онро надорад, ки аз дӯши мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидораи маҳаллӣ уҳдадории мусоидат ба инкишофи ин институти муҳимми ҷомеаи шаҳрвандӣ пурра гирифта мешавад. Мақомоти зикршаванда бояд масъулияти фароҳам овардани шароити муътадили фаъолияти адвокатураро ба уҳда гирад [244, с. 10].

Сарфи назар аз он ки Қонун мустақилияти адвокатҳоро кафолат медиҳад ва дахолат ба фаъолияти амалии онҳо мамнуъ аст, тибқи маълумотҳои мавҷуда, кушиши ба фаъолияти адвокатҳо таъсир расонидани мақомоти давлатӣ ҷой дорад, ҳарчанд онро аксаран муқаррар намудан мушкил аст. Қонунгузорӣ мустақилияти фаъолияти адвокатиро муқаррар менамояд ва ба он расонидани таъсири беасосро манъ мекунад. Дар ин кор як ҷиҳати мусбатро низ қайд кардан ба мақсад мувофиқ аст. Гап дар сари он аст, ки тибқи қонугузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои риоя накардани кафолатҳои мустақилияти адвокат, норавоии мамониат ба фаъолияти он ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, ки таҳдиди куштан, расонидани зарар ба саломатӣ, вайрон ё несту нобуд кардани молу мулк нисбати судя, машваратчии халқӣ, прокурор, адвокат ва дигар шахсони мансабдор, ҳамчунин наздикони онҳо, дар иртибот бо таҳқиқу тафтишот, баррасии парванда ё мавод дар суд ё иҷрои ҳукми суд, кирдори ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Тибқи моддаи 356 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста аз кирдори содиршуда ва ҳолатҳо, чунин рафтор бо ҷарима, корҳои ислоҳӣ ё маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати то даҳ сол ҷазо дода мешавад [50, с. 244].

Муносибатҳои мутақобилаи субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии судӣ, махсусан, прокурор ва адвокат масъалаҳои баробарҳуқуқии тарафҳо ва инкишофи принсипи мубоҳисаро дар мурофиаи судӣ ба миён мугузорад. Ҳуқуқ ба муроҷиати баробар ба низоми мубоҳисавӣ будан хос аст ва бо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат дода мешавад.

Дар моддаи 88 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Мурофиаи судӣ дар асоси принсипи мубоҳиса ва баробарии тарафҳо сурат мегирад». Раъйпурсии сотсиологӣ нишон дод, ки ҳамаи пурсидашудагон изҳор доштанд, ки судя бештар ба шунидани далелҳои прокурор моил аст ва зимнан, далелҳои адвокатро сарфи назар мекунад. Мисли ҳамин, дар рафти раъйпурсии 100 нафар адвокат, ки ба қарибӣ гузаронида шуд, 50 фоиз қайд карданд, ки байни онҳо ва прокурор баробарӣ вуҷуд надорад; 33 фоиз изҳор доштанд, ки баробарӣ қисман вуҷуд дорад. Яке аз нобаробариҳо он аст, ки прокуратура вобаста ба нақши анъанавии он, ки ғайр аз айбдоркунии судшаванда аз номи давлат ҳамчунин таъмини «Назорат ба иҷрои аниқ ва якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Тоҷикистон»-ро низ бар уҳда дорад, аз ваколатҳои бештар бархурдор мебошад [225, с. 41].

Агар беғаразона муҳокима ронем, вазифаҳое, ки адвокатҳо иҷро мекунанд, аз вазифаҳои прокурор ё муфаттиш аз лиҳози аҳаммият камӣ надоранд. Тақдири минбаъдаи шахсе, ки бо онҳо рӯ ба рӯ шудааст, аз қобилият, касбият, алтруизм ё рафтори беғаразонаи онҳо вобаста аст.

Дар баробари аз ҷониби Тоҷикистон қабул гардидани уҳдадориҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ оид ба риояю таъмини кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ба КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2005) танзими ҳуқуқии шаклҳои амалигардонии вазифаҳои мурофиавӣ-ҷиноятӣ, ки асоси онро принсипи мубоҳиса ва баробарии тарафҳо ташкил мекард (моддаи 20 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва он расмияти (протседураи) ҳалли баҳсҳои тарафҳои айбдоркунӣ ва ҳимояро, ки дар мурофиаи ҷиноятӣ манфиатҳои мухолиф доранд, дар муқоиса бо қонунгузории мурофиавӣ-ҷиноятӣ қаблан амалкунандаи ҶШС Тоҷикистон (соли 1961) ба таври назаррас тағйир ёфт. Бинобар ин, ба назари мо, таҳқиқоти минбаъда ва таҳияи механизмҳое, ки бидуни расонидани зарар ҳам ба манфиатҳои хусусӣ ва ҳам ба манфиатҳои оммавӣ ихтилофоти бамиёномадаро ҳал мекунанд, дарояндаи наздик ба

яке аз самтҳои муҳимми илми мурофиаи ҷиноятӣ табдил меёбанд [225, с. 41-45].

Дар мурофиаи маданӣ адвокат яке аз субъектҳои намояндагӣ мебошад, ки фаъолияти ӯ бо меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» ва боби 5 Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешавад. Танзими ҳуқуқии институти намояндагӣ бо моддаҳои мазкур муайян карда мешавад. Моддаи 50-и Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мувофиқи он шаҳрвандон ҳуқуқ доранд, парвандаро дар суд шахсан ё тавассути намояндаи худ пеш баранд. Дар баробари ин, шумораи муқаррароти ҳуқуқӣ, ки бевосита ба адвокат марбутанд, дар се моддаи кодекс, аз ҷумла м. 52, ки суд адвокатро ба сифати намоянда таъин мекунад; дар қ. 5 м. 55, ки ҳуқуқи адвокат барои иштирок дар суд ба сифати намоянда бо ордер, ваколатнома ва шаҳодатнома (бақайдгирии ваколат) тасдиқ карда мешавад; дар қ. 2 м. 102, агар ба тарафе, ки ба манфиати ӯ қарор қабул шудааст, тибқи тартиби муқарраргардидаи қонунгузорӣ ёрии ҳуқуқии адвокат ройгон расонида мешавад ва маблағи хароҷоти пардохти хизмати адвокат аз тарафи дигар иштирокчӣ ситонида мешавад [26, с. 56].

Сарфи назар аз навгониҳо ва тағйироти назаррас дар қонунгузорӣ дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ то ҳол баъзе масъалаҳои баҳсбарангез ва ҳалношудаи хусусияти назариявӣ ва амалӣ дошта дар самти расонидани ёрии ҳуқуқии саривақтӣ ва хушсифат ҳангоми амалӣ намудани адолати судӣ бо парвандаҳои ҷиноятӣ боқӣ мемонанд.

Давлат «дастрасии воқеӣ ва баробарро ба ёрии ҳуқуқӣ барои ҳама кафолат медиҳад». Ин кафолат қисман тавассути моддаи 32 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18 марти соли 2015 амалӣ мегардад. Он аъзои Иттифоқи адвокатҳоро уҳдадор месозад, ки онҳо бояд ёрии ҳуқуқии ройгон расонанд, ки ҳаққи хизмати он аз ҳисоби давлат пардохт карда мешаванд [17]. Дар

мавридҳои зерин Иттифоқи адвокатҳо ёрии ройгонро ба шаҳрвандон таъмин мекунад:

-ба даъвогарон дар суди марҳилаи якум ҳангоми баррасии парвандаҳо оид ба ситонидани алимент ва барқарор кардан дар кор;

-ба иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробар шуда, инчунин шахсоне, ки дар натиҷаи садама дар Нерӯгоҳи барқии атомии Чернобил зарар дидаанд, маъюбон ва шахсоне, ки дар давраи муқовимати сиёсӣ ва ҳарбӣ дар Тоҷикистон саробонашонро аз даст додаанд ва гурезагон;

-ба шаҳрвандон аз рӯйи шикоят оид ба роҳ додани ғалат дар руйхати интихоботкунандагон;

-ба вакилони мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ҳангоми додани маслиҳат оид ба масъалаҳои қонунгузорӣ, ки ба иҷрои ваколатҳои вакилии онҳо алоқамананданд.

-ба ноболиғон, агар васӣ ё парастор надошта бошанд;

-ба даъватшавандаҳо ба хизмати ҳарбӣ ва хизматчиёни ҳарбии муҳлатнок;

-ба шаҳрвандони камбизоат, ки даромади умумии онҳо ба ҳар сари узви оила аз як нишондиҳанда барои ҳисобу китоб дар як моҳ камтар аст;

-дар ҳолатҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст.

Ҳарчанд қонунгузории амалкунанда расонидани ёрии ҳуқуқии ройгонро дар ҳолатҳои гуногун пешбинӣ кардааст, вале ба ин намуди ёрӣ бештар ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ ва мурофиаҳои судӣ рӯй меоранд. Дар амал адвокатҳои ботаҷриба аз иштирок дар чунин парвандаҳо канораҷӯйӣ мекунанд ва ба ин парвандаҳо бо баҳонаи фароҳам овардани имконияти таҷрибаандӯзӣ адвокатҳои ҷавон таъин карда мешаванд.

Баъзе адвокатҳои хусусии иҷозатномадор, инчунин дар доираи пешниҳоди ёрии ройгони ҳуқуқӣ ба табақаи камбизоати аҳолӣ ҳаҷми зиёди корҳоро иҷро мекунанд. Адвокатҳо ва дигар ҳуқуқшиносони адвокат набуда, ҳамчунин тавассути ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, ки маъмулан аз дастгирии молиявии ташкилоти байналмилалии донорӣ бархурдоранд, ёрии ройгони ҳуқуқӣ мерасонанд. Аз ҷумла, Лигаи занони ҳуқуқшинос, ки дар Душанбе, Хуҷанд ва Қурғонтеппа марказҳои бухронӣ доранд, ба занони дучори зӯроварии маишигашта, ҳамчунин ба шахсони дар ҳабс буда ёрӣ мерасонад.

Тибқи қонунгузории нав ҳаҷм ва тартиби пардохти ҳаққи хизмати адвокатҳоро, ки ба сифати ҳимоятгар дар мурофиаи судии ҷиноятӣ бо қарори таҳқиқбаранда муфаттиш, прокурор, судя ё қарори суд иштирок кардаанд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад. Дар моддаи 31 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ», ки чунин пешбинӣ шудааст: «Андоза ва тартиби пардохти ҳаққи хизмат барои адвокате, ки ба сифати ҳимоятгар дар мурофиаи судии ҷиноятӣ дар асоси қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ё таъиноти суд иштирок менамояд, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд». Қабули қарор оид ба ҳаҷм ва тартиби пардохти ҳаққи хизмати адвокатҳоеро, ки тибқи қарори мақомоти тафтиши пешакӣ, таҳқиқот ва ғайра дар ҳимоя иштирок кардаанд, буҷети давлатӣ пешбинӣ мекунад [17].

Ҳамаи адвокатҳо вазифадоранд меъёрҳои одоби касбиро, ки қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст, риоя кунанд. Адвокатҳое, ки узви Иттифоқи адвокатҳо мебошанд, бояд Кодекси одоби касбии адвокатро риоя кунанд. Вале амалия нишон медиҳад, ки адвокатҳо на ҳамеша меъёри одоби касбиро, ки асосан дар Кодекси одоби касбӣ муайян карда шудаанд, риоя мекунанд. Рафтори хилофи одоби адвокат дар чӣ зоҳир мегардад? Масалан, адвокат ҳақ надорад, супоришро дар бораи намояндагии муштарӣ қабул кунад, агар

ин боиси ихтилофи манфиатҳо гардад, ё бо он сабаб ки манфиатҳои муштарии нав хилофи манфиатҳои муштарии кӯҳна ё муштарии ҳозира мебошанд, ё ба сабаби он ки адвокат қаблан дар ин парванда ба сифати судя, прокурор, муфаттиш, тарҷумон, шоҳид ва ғайра иштирок карда бошад. Мисли ҳамин, ба адвокат харидан, ё бо роҳҳои дигар ба даст овардани амволе манъ аст, ки предмети баҳси ҳуқуқии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба ӯ барои ёрии ҳуқуқӣ мурочиат кардааст, мебошанд.

Адвокат ҳуқуқ надорад, ки ягон маълумоти сирри адвокатӣ бударо ифшо намояд, ҳамчунин онҳоро ба манфиати худ ё манфиати шахсони сеюм истифода барад. Адвокат вазифадор аст, манфиатҳои қонунии муштарии худро ҳимоя кунад ва ҳақ надорад, мавқеи ҳуқуқиеро ишғол кунад, ки ба манфиатҳои ӯ мухолиф бошад, «ба истиснои ҳолати худтуҳматбофӣ» дар мурофиаи ҷиноӣ ва ниҳоят адвокат дар фаъолияти худ бояд бо истифода аз ҳамаи воситаҳои пешбиникардаи қонун софдилона манфиатҳои муштариашро намояндагӣ кунад, вале зимнан, адвокат бояд зарурати нигоҳ доштани «обрӯи касбӣ»-ро фаромӯш накунад, ҳамчунин дар хотир нигоҳ дорад, ки ӯ иштироккунандаи «баамалбарории адолати судӣ» мебошад. Меъёрҳои одобу рафтори касбии адвокатҳо ҳамчунин дар Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд. Масалан, адвокат наметавонад ҳимоятгари ду гумонбар, айбдоршаванда ва судшаванда ба содир кардани ҷиноят бошад, агар манфиати як нафари онҳо ба манфиати нафари дигар мухолиф бошад [52, 150, с. 147]. Ғайр аз ин, адвокат, намояндаи Иттифоқи касбӣ ва ё ташкилоти дигари ҷамъиятӣ ҳуқуқи расонидани ёрии ҳуқуқӣ надорад, агар ӯ қаблан ба шахсе ёрии ҳуқуқӣ расонида бошад, ки манфиатҳои ӯ ба манфиатҳои шахси дигари барои пешбурди парванда мурочиаткарда мухолифат дошта бошанд ё ӯ пештар дар парванда ба сифати судя, прокурор, муфаттиш, таҳқиқотчӣ, коршинос, мутахассис, тарҷумон, шоҳид ва ғайра иштирок карда бошад [150, с. 52]. Ва ниҳоят, ҳимоятгар вазифадор аст, ҳамаи воситаю тарзҳои

дар қонун зикршудаи ҳимояро бо мақсади ошкор сохтани ҳолатҳое истифода барад, ки гумонбар ё судшавандаро сафед кунанд ё масъулияти ӯро сабук кунанд [150, с. 53].

Одоби касбӣ хеле муҳим аст ва усулан яке аз рукнҳои фаъолияти адвокатӣ ба шумор меравад. Одоби касбӣ масъалаҳои муоширатро дар бар мегирад. Масалан, меъёрҳои одобро, ки адвокат бояд риоя кунад, тавсиф намуда, адвокатҳои Тоҷикистон ба чунин сифатҳо ё мушаххасот, мисли серғайратӣ, маҳорати худдорӣ кардан дар суд, овозро баланд накардан ва ҳиссиёти худро зоҳир накардан, маҳорати дуруст интихоб кардани сару либос, маҳорати ба навиштаҳо нигоҳ накарда баромад кардан, боадабона гӯш кардан ва қобилияти дилсӯзӣ баён кардан ба муштарии худ доро бошанд.

Дар Тоҷикистон хусусияти расонидани ёрии ҳуқуқиро аз ҷумлаи яке аз афзалиятҳои фаъолияти ҳуқуқҳимоякунӣ донистан мумкин аст, зеро он ҳаллу фасли то судӣ ва ғайрирасмии баҳсҳои дар заминаи манбаъҳои дигари иҷтимоӣ бамиёномадаро танзим мекунад. Ҳуқуқшиносон, аз ҷумла адвокатҳо дар аксар мавридҳои ҷой доштани баҳсҳои маданӣ-ҳуқуқӣ, низоъҳои оилавӣ муштариёни худро дар бораи мавҷудияти миёнаравӣ, суди ҳакимӣ ё мисли ҳамин алтернативаҳои мурофиаи судӣ огоҳ мекунанд. Дар деҳот шурои маҳал, пиронсолон, шурои ҷамоат, раисони кумитаҳои маҳалла вазифаи миёнаравиро иҷро мекунанд ва дар ҳаллу фасли баҳсҳо нақши муҳим мебозанд. Ваколатҳои онҳо, пеш аз ҳама, ба қонунгузорӣ такя мекунанд, вале дар мавриди баррасӣ онҳо ба анъанаю, одатҳо, меъёрҳои этикӣ ва одобу ахлоқ ва ҳувияти миллӣ бештар такя мекунанд.

Дар Тоҷикистон усулҳои алтернативии ҳалли баҳсҳо аҳёнан ба таври расмӣ истифода мешаванд. Маъмулан, ҳуқуқшиносон барои кор дар ин соҳа пурра тайёр нестанд ва заминаи қонунгузорӣ оид ба ҳалли алтернативии баҳсҳо хеле маҳдуд мебошад. Дар ин самт танҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳакамӣ»-ро аз 5.01.2008 сол,

№344 номбар кардан мумкин аст, ки тибқи он бо ризоияти тарафҳо баҳсҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқӣ - маданӣ ва иқтисодӣ бармеоянд, ба баррасии судҳои ҳакамӣ пешниҳод мешаванд [20].

Дар деҳоти Тоҷикистон, ки қисми асосии аҳолӣ зиндагӣ мекунанд ва сатҳи саводнокии ҳуқуқии онҳо он қадар ҳам баланд нест, дар ҳолати вуҷуд доштани имкони ҳалли баҳс аз ҷониби тарафи сеюм, ба миёнарав ё суди ҳакамӣ муроҷиат кардан ба мақсад мувофиқ аст. Ин равандро аз миёнаравӣ оғоз кардан мумкин аст, агар тарафҳо барои бо ин роҳ ҳаллу фасл кардани баҳс омода бошанд ва дар сурати бо роҳи миёнаравӣ ҳал нашудани баҳс, онро тибқи тартиби қонунгузорӣ идома додан мумкин аст ё тарафҳо метавонанд дар бораи даст кашидан аз миёнаравӣ ва баррасии баҳс дар сатҳи расмӣ дар мақомоти давлатӣ қарор қабул кунанд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура», ки соли 1995 қабул шуда буд, бо назардошти тағйироту иловаҳо ду шакли асосии ташкилӣ-ҳуқуқии адвокатураро, дар намуди коллегияи адвокатҳо ва адвокатураи хусусӣ дар намуди иҷозатномадиҳӣ ба фаъолияти адвокати ваколатдор муқаррар кард. Вале чунин шакли ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти адвокатӣ ба рушди адвокатура мусоидат накард ва дар натиҷа ҷомеаи адвокатӣ дар Тоҷикистон ба ҷомеаи пароканда табдил ёфт. Барои беҳтар намудани вазъият зарур буд, ки Ассотсиатсияи адвокатҳо чун мақоми ягона таъсис дода шавад, ки дар он адвокатҳои касбӣ ва беғараз муттаҳид шуда тавонанд. Таъсиси чунин ташкилот дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18.03.2015 сол дар симои Иттифоқи адвокатҳои Тоҷикистон пешбинӣ карда шуд. Ба Иттифоқ ваколати таъсиси чаҳор шакли ташкилӣ-ҳуқуқии адвокатура дода шуд: кабинети адвокатӣ, бюрои адвокатӣ, маслиҳатхонаҳои ҳуқуқӣ, коллегияи адвокатҳо. Мақоми олии Иттифоқи адвокатҳои Тоҷикистон Анҷумани адвокатҳои Тоҷикистон мебошад.

Дар охир таъкид кардан ба маврид аст, ки алҳол дар Тоҷикистон ислоҳоти ҳуқуқӣ идома дорад ва умед аст, ки дар ояндаи наздик ислоҳоти марбут ба институти адвокатура бомуваффақият ба анҷом мерасад ва адвокатҳо дар силсилаи касбҳои ҳуқуқӣ ва дараҷаи вазифаҳои иҷроменамудаи онҳо дар афкори ҷамъиятӣ ба қадри қофӣ ҷойи мувофиқ ва муътабарро ишғол мекунанд.

## 3.3. Баъзе масъалаҳои такмили институти адвокатураи Тоҷикистон дар шароити Истиқлоли давлатӣ

Таҳлили таърихи ташаккул ва инкишоф, асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии қонунгузории Тоҷикистон, дар назари мо, манзараи аз нав ташаккул ёфтани чунин касби ҳуқуқӣ мисли адвокатро дар давраи гузариш ҷилвагар мекунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти муҳим дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла соҳаи ҳуқуқ, иқтисодиёт, адолати судӣ амалӣ мегардад. Ба назари мо, дар ин чорабинии муҳимми ҳуқуқӣ ба масъалаи такмил додани расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон низ бояд диққати махсус дода шавад, зеро қобилияти шаҳрвандони худро бо механизмҳои самарабахши ҳифзи ҳуқуқӣ таъмин намудани давлат дар кафолатҳои муҳимми демократия ифода меёбад.

Олимони ҳуқуқшинос самтҳои мушаххаси ислоҳоти соҳаи адвокатура ва фаъолияти адвокатиро пешниҳод кардаанд ва қисми зиёди ин пешниҳодҳоро қонунгузор ба эътибор гирифтааст. Аз ҷумла, М.С. Ғозиев самтҳои ислоҳоти минбаъдаи институти адвокатураро пешниҳод кардааст, аз ҷумла пурзӯр намудани талабот ба тахассусмандии номзадҳо ба адвокатӣ, ки собиқаи корӣ аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ ва гузаштани таҷрибаи коромӯзӣ дар ташкилотҳои адвокатӣ, ҳамчунин ҷорӣ намудани низоми ҳатмии такмили бозомӯзии тахассусмандии касбии адвокатҳо; ташкил кардани низоми самаранок оид ба пурра таъмин намудани адвокатура бо мутахассисони баландихтисос; дақиқан ҷудо кардани ваколатҳо ва муайян кардани мақоми ҳуқуқии

ташкилотҳои адвокатӣ; такмил додани механизми назорат оид ба риоя намудани қоидаҳои одоби касбӣ аз ҷониби адвокатҳо ва низоми истеҳсолоти интизомӣ нисбати адвокатҳо [202, с. 85, 86].

Татбиқи муваффақонаи ислоҳоти институти адвокатура дар Тоҷикистон ва баланд бардоштани нақши он дар ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва ҳуқуқии давлат, ки бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18 марти соли 2015, №1182 [17] оғоз ёфт, пеш аз ҳама, аз татбиқи самарабахши меъёрҳои санади қонунгузории мазкур ба ҳаёт вобаста аст. Ҳамзамон, дар ҷараёни ислоҳот баъзе норасоӣ ва камбудиҳо дар қонунгузории амалкунанда ва ҳам дар раванди ислоҳоти фаъолияти адвокатӣ ба мушоҳида мерасанд, ки бознигарӣ, танзими фаврӣ ва ҳалли дақиқонаро тақозо мекунанд, ки баъзеи онҳоро дар ин фасл баррасӣ мекунем.

Дар қонунгузорӣ механизми ҳимояи давлатии адвокат, аъзои оилаи ӯ ва молу мулки онҳо дар мавриди ба миён омадани таҳдиди марбут ба фаъолияти касбии адвокат пешбинӣ шудааст. Дар қисми 4 моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» омадааст, ки: «Адвокат, аъзои оила ва молу мулки ӯ тибқи Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти ҳимояти давлат қарор доранд. Дар ҳолати таҳдид ба ҳаёт, саломатӣ ва молу мулки онҳо мақомоти таъминкунандаи ҳимояи давлатӣ вазифадоранд, ҷиҳати таъмини бехатарии адвокат, аъзои оила ва молу мулки ӯ тадбирҳои зарурӣ андешанд». Дар баробари ин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29.12.2010 сол, №644, на танҳо аъзои оилаи адвокат, балки худи адвокатро низ ба шумори шахсоне, ки нисбати онҳо мумкин аст, тадбирҳои ҳимояти давлатӣ татбиқ гардад, дохил намекунад. Дар санади қонунгузории мазкур, танҳо дар сархати 5, қисми 1, моддаи 2 қайд шудааст, ки: «Ба гумонбаршаванда, айбдоршаванда, судшаванда, маҳкумшуда, сафедшуда, ба ҳимоятгарони онҳо ва намояндагони

қонунии онҳо, инчунин ба шахсе, ки нисбати ӯ парвандаи ҷиноятӣ ё таъқиби ҷиноятӣ қатъ карда шудааст» [21]. Чунин баёни нофаҳмою номуайян дар санади қонунгузорӣ ноҷоиз аст, зеро ба ҳайси ҳимоятгар ё намояндаи қонунӣ метавонанд, на танҳо адвокатҳои касбӣ баромад кунанд. Ғайр аз ин, мумкин аст, ки адвокат дар мурофиаи судии ҷиноятӣ на танҳо ба сифати ҳимоятгари судшаванда, балки аз ҷониби ҷабрдида ва намояндаи даъвогар ва ҷавобгари маданӣ иштирок карда метавонад. Ниҳоят мавридҳое низ мушоҳида мешаванд, ки адвокат ғайри иродаи худ судшавандаро ҳимоя мекунад. Аз ин лиҳоз, ба ақидаи мо, моддаи мазкури қонуни номбурдаро пурра карда, дар он зикр кардан лозим аст, ки адвокат ва аъзои оилаи ӯро бояд ба қатори ашхосе дохил намуд, ки нисбати онҳо бояд тадбирҳои ҳимояи давлатӣ татбиқ гарданд.

Ҳатто бо вуҷуди ҷой доштани кафолатҳои васеи мустақилият, ки қонуни номбурда пешниҳод мекунад, адвокат аз таъқиботи ҷиноятӣ беҳимоят аст. Ӯ, ки дар сатҳи қонунгузорӣ ҳимоя намешавад, мумкин аст дар ҳар лаҳза ба таъқиботи ҷиноятӣ, тафтиш, кофтуков, боздошт дучор гардад, предмету ҳуҷҷатҳои мансуб ба адвокат, муросилоти почтаю телеграфии ӯ мумкин аст, ки мавриди тафтишу мусодира қарор гиранд; гуфтугӯҳои телефонии онҳо гӯш карда шаванд. Мақоме, ки адвокатро боздошт мекунад ё ба ҷавобгарӣ мекашад, вазифадор нест, ки дар ин бобат ба ташкилотҳои дахлдори адвокатӣ оҷилан хабар диҳад. Дар қонунгузорӣ уҳдадории мақомоте, ки ба пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ аз рӯйи парвандаҳо машғуланд ва тибқи ин парвандаҳо адвокат ёрии ҳуқуқӣ мерасонад, дар хусуси таъмини адвокат бо бино барои иҷрои уҳдадориҳои касбии худ (шинос шудан бо маводи парванда, маслиҳатдиҳии махфии муштарӣ ва ғайра) пешбинӣ нашудааст. Таъқиботи ҷиноятии адвокат тибқи қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ-мурофиавӣ аз рӯйи тартиботи умумӣ, бидуни ба назар гирифтани хусусиятҳои касбии адвокатӣ, ки бинобар сабаби ҳолати

мурофиавии худ ҳимояи мавқеи муштарии худ амалӣ намуда, бо шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар ихтилоф мемонад.

Қонунгузории амалкунанда номгӯи муайяни ҳуқуқҳои адвокатро танзим мекунад, ки дар моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» зикр шудааст [17]. Вале, дар амал, ҳуқуқҳои адвокатро ташкилотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва ғайра ба таври дахлдор таъмин намекунанд, зеро қонунгузорӣ чораҳои ҷавобгариро барои риоя нашудани ин ҳуқуқҳо муқаррар накардааст.

Дар лоиҳаи консепсияи ислоҳоти адвокатура қабул шудааст, ки субъекти ҷинояти дар моддаи 347 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «хабар надодан дар бораи ҷиноят ва пинҳон доштани он» пешбинӣ шуда [50, с. 237], ихтилофнок ва эҳтиёҷ ба танзим дорад. Ин қонуни ҷиноятӣ адвокатро вазифадор мекунад, ки дар бораи ҷиноят, ки ҳангоми расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба ӯ маълум шудааст, хабар диҳад. Ҳарчанд чунин уҳдадорӣ ба мафҳуми «сирри адвокатӣ», ки дар моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» пешбинӣ шудааст ва ин модда ҳудуди сирри адвокатиро муайян мекунад, мухолиф мебошад. Институти сирри адвокатӣ дар низоми умумии адвокатура унсури нав аст. Он ба қонугузории пасошӯравӣ дохил ва инкишоф дода шуд ва то ҳол доираи иттилооте, ки, дар маҷмуъ, тавонад иттилооти ифшонопазири адвокатро ташкил мекунад, мушаххасан маълум нест. Зимнан, мувофиқи қисми 4-уми моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» пешниҳоди маълумот ва иттилоот ба мақомоти ваколатдори қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, ба маблағгузории терроризм ифшои сирри адвокатӣ ҳисоб намешавад. Мо пешниҳод мекунем, ки доираи маълумоте, ки сирри адвокатӣ буда наметавонанд, танҳо бо иттилооти мазкур маҳдуд нашуда, онро ҳамчунин бо иттилооти дилхоҳи умуман марбут ба терроризм ва ифротгароии мазҳабӣ васеъ намудан ба мақсад мувофиқ аст. Дар

шароити низоъҳои геосиёсӣ, вақте ки терроризм яке аз таҳдидҳои ҷаҳонӣ на танҳо ба Тоҷикистон, балки ба тамоми ҷаҳон таҳдид мекунад, иттилооти марбут ба терроризми байналхалқӣ ва ифротгароии мазҳабӣ объекти сирри адвокатӣ буда наметавонад [17].

Давлат ифшонопазирии муошири касбӣ ва маслиҳатҳоро байни ҳуқуқшиносон ва муштариён эътироф ва риоя мекунад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» ва Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ ифшонопазирии муошири касбӣ ва маслиҳатҳо байни адвокатҳо ва муштариёни онҳо эътироф мешавад, вале дар амалия ин ҳуқуқ на ҳамеша риоя мегардад. Адвокатҳо ҳуқуқ доранд, бо муштарӣ «бемамониат», танҳо ба танҳо, маҳрамона ва бе маҳдудсозии давомнокии чунин мулоқотҳо вохӯранд, аз ҷумла вақте ки муштарӣ дар маҳбас аст.

Дар масъалаи таъмини шароитҳои зарурии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ барои амалигардонии самарабахши фаъолияти адвокатӣ низ камбудию нуқсонҳо ба назар мерасанд. Баъзе муаллифон қайд кардаанд, ки ба судяю кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои иҷрои вазифаҳои хизматӣ аз ҷониби давлат маоши устувор, изофапулӣ барои дараҷаю рутбаи мансабӣ, собиқаи кор пардохт карда шуда, ҳаёт ва саломатии онҳо суғурта шуда, маблағи хароҷоти коммуналӣ, алоқаи телефонӣ, почтавӣ ва дастрасӣ ба иттилооти ҳуқуқӣ пардохт карда шуда, бо биноҳои хизматӣ таъмин гардида, давра ба давра ихтисосашонро баланд бардошта, бо технологияи инноватсионии ҳозиразамон таъмин мешаванд, вале адвокат аз ҳамаи ин имтиёзҳо маҳрум аст [217, с. 3]. Ба назар мерасад, ки барои адвокатҳо татбиқ намудани як қисми ин имтиёзҳо ба беҳтар намудани фаъолияти онҳо мусоидат менамуд.

Дар қоидаҳои рафтори касбии коллегияи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 феврали соли 1995 зикр шудааст, ки: «Ҳуқуқшинос бояд намояндагии босалоҳияти манфиатҳои муштариро таъмин кунад. Барои намояндагии босалоҳият донишҳои ҳуқуқӣ, малакаҳо, бодиққатӣ ва

омодагӣ тақозо карда мешавад». Гузашта аз ин, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» адвокат вазифадор аст, ки мунтазам савияи дониши худро баланд бардорад ва маҳорати касбии худро такмил диҳад (моддаи 10). Вале адвокатҳо барои иҷрои ин вазифа дар ихтиёри худ воситаҳои хеле ночиз доранд.

Қонунгузории Тоҷикистон имконияти бо иҷозати суд, дар асоси ваколатномаи пешниҳодшуда, аз ҷониби шахси маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ надошта намояндагӣ кардани манфиатҳои муштариёнро оид ба парвандаҳои маданӣ пешбинӣ кардааст, лекин имконияти мазкур дар амал кам татбиқ мешавад.

Дар суди иқтисодӣ дилхоҳ шаҳрванде, ки ваколатномаи ба тарзи зарурӣ ба расмият даровардашударо барои пешбурди парванда дар суд дорад, намоянда буда метавонад. Бинобар ин, алҳол чунин фаъолият кадом номро ба худ мегирад, нофаҳмо аст. Дар ҳоле, ки тибқи қисми 2 моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» ёрии ҳуқуқие, ки шахсони зерин мерасонанд, фаъолияти адвокатӣ ҳисобида намешавад: а) кормандони мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот; б) кормандони хадамоти ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ; в) иштирокчиён ва кормандони ташкилотҳое, ки хизматҳои ҳуқуқӣ мерасонанд; г) ваколатдорони патентӣ, ба истиснои ҳолатҳое, ки адвокат ба сифати ваколатдори патентӣ баромад мекунад; ғ) дигар шахсоне, ки онҳоро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон махсус барои пешбурди фаъолияти касбии ҳуқуқӣ ваколатдор кардааст [17].

Иҷозат ба фаъолияти адвокатӣ баъди супоридани имтиҳон, ки комиссияи тахассусии назди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузаронад, дода мешавад. Ба фаъолияти адвокатӣ баъди супурдани имтиҳони тахассусии беғаразона, ҷиддӣ ва шаффоф, ҳамчунин гузаштани коромӯзии касбӣ таҳти мушоҳидаи адвокатҳо ба муҳлати аз шаш моҳ то як сол роҳ дода мешавад. Роҳ додан ба фаъолияти адвокатӣ

гузаронидани коромӯзии касбиро таҳти мушоҳидаи адвокатҳо ба муҳлати аз шаш моҳ то як сол барои номзадҳое, ки аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ собиқаи кори дусола надоранд, пешбинӣ мекунад.

Довталабон ба туфайли гузаштани чунин коромӯзӣ таҷрибаи амалии муайян меандӯзанд. Гузашта аз ин, қаблан тибқи Қоидаҳои рафтори касбӣ, ки коллегияи адвокатҳои ҷумҳурӣ қабул карда буд ва ғайрирасмӣ аз ҷониби коллегияи адвокатҳои вилояти Суғд низ татбиқ мегардид, талаб карда мешуд, зеро адвокат муаррифии босалоҳиятеро омода созад, ки «мавҷудияти донишу малакаҳои ҳуқуқӣ, бодиққатию омодагиро тақозо мекунад» [45, с. 3].

Масъалаи дигаре, ки ҳам аз рӯйи қонунгузории кӯҳна ва ҳам тибқи қонуни нав ба муаммои мавриди баррасӣ марбут аст, зарурати мунтазам гузаштани такмили ихтисос мебошад. Мутаассифона, яке аз норасоиҳои асосии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» (18.03.2015 сол) сарфи назар шудани масъалаи такмили ихтисоси адвокатҳо ба шумор меравад. Ба ин масъала танҳо моддаи 35 Қонун бахшида шудааст, ки адвокатро вазифадор мекунад, дар панҷ сол як маротиба тахассуси худро баланд бардорад. Ба Иттифоқи адвокатҳо иҷозат дода шудааст, ки Маркази такмили ихтисос ё курсҳои махсус ташкил кунад. Такмили ихтисос гарави уҳдадориҳои касбии худро бомуваффақият иҷро кардани адвокатҳо, беҳтар намудани сифати расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон ва ташкилотҳо, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноятҳо буда, ҷойи адвокатураро дар низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муайян мекунад.

Дар айни замон ба баланд бардоштани сифатҳои касбии адвокатҳо зарурат мавҷуд аст. Дар даврони шуравӣ такмили ихтисос нисбатан дастрас буд, вале ҳоло аксарияти адвокатҳо барои иштирок дар семинарҳо имконияти хеле кам доранд ва берун аз ҳудуди шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд ҳалли ин масъала хеле мушкил аст.

Ислоҳоти институти адвокатура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи хеле муҳим ва мубрам аст ва бо зарурати қабули қонуни нав дар бораи адвокатура вазифаи ба қонунгузории амалкунанда ворид сохтани маҷмуи тағйироту иловаҳо водор кардааст. Ин ҳолат бинобар мавҷудияти як қатор навгониҳо, ки қонунгузории нав ҷорӣ намуд ва мушаххасоти нави фаъолияти адвокатӣ, ки дар раванди таҳқиқот дар бораи онҳо сухан рафт, ба миён омадааст.

Мавриди зикр аст, ки меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура» аз соли 1995 ба дигаргуниҳое, ки дар соҳаҳои ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ба амал омада, ба суръати инкишофи низоми ҳуқуқӣ, ки дар он ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон чун яке аз вазифаҳои асосии давлати демократию ҳуқуқбунёд ҷои махсус дода мешавад, ҷавобгӯ набуданд.

Ҳамзамон, мо чунин мешуморем, ки раванди ислоҳот, ки алҳол суръатафзоӣ мекунад, бояд на танҳо ба қонунгузорӣ, балки ба амалияи ҳуқуқӣ ва таҳсилоти ҳуқуқӣ дахл намояд. Эҳтимол меравад, ки аҳолӣ ва мутахассисон аз раванди ислоҳот қафо монда, дар бораи ислоҳот иттилои пурра надоранд ва аз рӯйи моделҳои ҳуқуқии кӯҳнашуда кор мекунанд.

Масалан, таҳлили ҳуқуқии меъёрҳои амалкунанда нишон медиҳад, ки мувофиқи моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» адвокат ҳуқуқ дорад, ки дар сурати пешниҳод кардани ордер ва шаҳодатнома, бо шахси таҳти ҳимоябуда, бемамониат, як ба як, аз ҷумла аз лаҳзаи дастгир шудан, нигоҳ доштан дар тавқифгоҳи тафтишотӣ ё тавқифгоҳҳои нигоҳдории муваққатӣ ва муассисаҳои ислоҳӣ бе маҳдуд кардани шумора ва давомнокии муҳлат суҳбат кунад. Айнан ҳамин хел тартибот дар моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршудагон, айбдоршавандагон ва судшавандагон пешбинӣ шудааст »[23].

Вале амалияи адвокатӣ нишон медиҳад, ки дар воқеият кафолатҳо оид ба «бемамониатӣ, махфӣ будан, бемаҳдудиятии шумора ва давомнокии муҳлати суҳбат» ба таври зарурӣ таъмин намегарданд, зеро бе иҷозати расмии таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё судя, ки парвандаи ҷиноятӣ дар истеҳсолоти онҳо қарор дорад, адвокат-ҳимоятгар амалӣ намудани чунин имкониятро надорад. Аз тарафи дигар, ягон меъёри амалкунандаи КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳдории гумонбаршавандагон, айбдоршавандагон ва судшавандагон» ё Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» [22] чунин тартиберо муқаррар намекунад, ки тибқи он мулоқоти адвокат бо зерҳимоя ба ризоияти мақоми амалигардонандаи пешбурди парванда имконпазир гардад. Аз ин лиҳоз, ин меъёр бояд бартараф карда шавад.

Дар ин самт бо мақсади таъмини баробарии тарафҳои ҳимоя ва айбдоркунӣ иҷрои амалҳои зеринро қобили қабул мешуморем:

1. Дар моддаи 53 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шавад, ки аз лаҳзаи ба парванда роҳ дода шудан, ҳимоятгар ҳақ дорад ҳини гузаронидани амалҳои тафтишӣ, ки бо ташаббуси мақомоти тафтишот ва дархости худи ҳимоятгар баргузор мегарданд, иштирок кунанд.

2. Ба мақсади таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои табақаҳои заъфпазири аҳолӣ (нафақахӯрон, занон, ноболиғон, маъюбон) ва шахсоне, ки аз таҷовузҳои ҷиноятткорона ва ё дигар ҳуқуқвайронкуниҳои дорои хусусияти маъмурӣ ё маданӣ ё шахсоне, ки ба сабаби вазъияти оҷизона вобастагӣ аз айбдоршаванда ё ҷавобгар, бо дигар сабабҳо ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худро ҳимоя карда наметавонанд, зарур аст, ки дар моддаҳои 21-23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» чун шахсоне, ки ба ёрии ҳуқуқии такрорӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, парвандаҳои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва парвандаҳои маданӣ ҳуқуқ доранд, пешбинӣ карда шаванд.

3. Ба риштаи таҳлил ва ба баррасии назариявӣ кашидани амалияи татбиқи принсипи ҳимояи ҳуқуқи инсон аз маҳдудиятҳои ғайриқонунӣ ва таъмин кардани мубоҳисавӣ будан ва баробарии тарафҳо дар мамлакатҳои ИДМ.

Ҷорӣ намудани навгониҳо оид ба такмили қонунгузории амалкунанда ба татбиқи кафолатҳои ҳифзи судӣ ва принсипи дастрасии ҳар як нафар ба адолати судӣ мусоидат мекунад.

Чӣ тавре зикр гардида буд, соли 2010 баробари оғоз ёфтани ислоҳот дар низоми судӣ, масъалаи ислоҳот дар низоми адвокатура низ ба миён омад [292].

Соли 2015 дар ҳаёти ҷомеаи адвокатии Тоҷикистон ҳодисаи муҳим ба вуқуъ пайваст. Моҳи марти ҳамин сол Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» ба эътибор даромад, каме дертар адвокатҳои мамлакат дар доираи ташкилоти ягонаи ҷумҳуриявии ғайриҳукуматии «Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» муттаҳид гардиданд.

Дар мамлакат мақоми мутамарказе, ки сифати ёрии пешниҳодшавандаро назорат кунад, вуҷуд надошт. Роҳ ёфтан ба фаъолияти адвокатӣ нисбатан осон шуд. Ба ибораи дигар, барои аксари ташкилотҳое, ки таъсис дода мешуданд, вазифаи аввалиндараҷа ситонидани пардохт барои «билети ягонаи вуруд» ва ҳаққулузвияти ҳармоҳа ба ҳисоб мерафт: чӣ қадаре, ки шумораи адвокатҳо дар ташкилот зиёд шавад, ҳамон қадар манфиатовар буд.

Тибқи таҳрири нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» узви Иттифоқи адвокатҳо будани адвокат ҳатмӣ буд. Ғайр аз ин, мақоми адвокатро танҳо шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки забони давлатиро медонад ва маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ дорад, ба даст оварда метавонист. Қарорро дар бораи додани мақоми адвокат комиссияи тахассусии назди Вазорати адлияи

Ҷумҳурии Тоҷикистон, баъди супоридани имтиҳони тахассусӣ, мебарорад.

Дар бораи лаҳзаҳои мусбати ислоҳоти фаъолияти адвокатура ва ҷанбаҳои бешакку шубҳа афзалиятноки он сухан ронда, таъкид кардан бамаврид аст, ки то ҳол дар ҷомеаи адвокатии ҷумҳурӣ масъалаҳои ҳалталаб зиёданд.

Мустақилияту соҳибихтиёрии бештар айни муддаост, вале, мутаассифона, на ҳамаи масъалаҳо дар ихтиёри ҷомеаи адвокатӣ қарор доранд. Комиссияи тахассусӣ на дар назди Иттифоқ, балки дар назди Вазорати адлия амал мекунад. Комиссияи мазкур аслияти ҳуҷҷатҳои пешниҳодкардаи довталаби мақоми адвокатӣ ва сатҳи дониши касбии ӯро тафтиш мекунад. Ҳарчанд якчанд аъзои Комиссия адвокатҳо мебошанд, роҳбарии Комиссияи тахассусиро намояндаи Вазорати адлия ба зимма дорад» [292].

Дар назди Иттифоқи адвокатҳо Маркази такмили ихтисоси адвокатҳо ташкил шудааст, вале на худи Иттифоқ, на Марказ ва ҳатто аксарияти мутлақи ташкилотҳои адвокатӣ (коллегияҳо, маслиҳатхонаҳои ҳуқуқӣ ё кабинетҳои адвокатӣ) бинои худро надоранд. Ҳуқуқи Иттифоқи адвокатҳо ва ташкилотҳои адвокатҳо ба амволи ғайриманқул дар Қонун мустаҳкам карда нашудааст.

Имрӯз масъалаи сифати хизматҳои ҳуқуқие, ки адвокатҳо мерасонанд, масъалаи доғ ба шумор меравад. Чӣ тавре ки сардори Раёсати қонунгузории шаҳрвандӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Абубакр Инъомов [291] қайд кард, қабули қонуни нав ва ташаккул додани Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан, дар марҳилаи аввал, ба решакан кардани масъалаҳои то ҳол мубрам, аз қабили саводнокии пасти ҳуқуқшиносон, бо вуҷуди зиёд будани талабот ба касби ҳуқуқшинос дар байни довталабон, кафолат дода наметавонад.

2 июли соли 2015 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Консепсияи расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон» ба аҳолӣ тасдиқ шуд [43]. Аз рӯйи нақшаи чорабиниҳои Консепсия дар чаҳор ноҳияи вилоятҳои Суғд ва Хатлон лоиҳаи пилотӣ амалӣ гардонида шуд, ки дар доираи он адвокатҳо бояд ба аҳолӣ ёрии ҳуқуқии ройгон мерасониданд, давлат бошад, бояд хароҷоти хизматҳои расонидаро рӯйпӯш мекард.

Тибқи муқаррароти боби 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» аз 4 июли соли 2020, № 1694 «фароҳам овардани шароит ҷиҳати амалишавии ҳуқуқи шахсони воқеӣ оид ба гирифтани ёрии ҳуқуқӣ, ташаккул ва рушди низоми давлатии ёрии ҳуқуқӣ ва фароҳам овардани шароит ҷиҳати амалишавии ҳуқуқу озодиҳои шахсони воқеӣ, ҳимояи манфиатҳои қонунии онҳо, баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, инчунин таъмини дастрасии онҳо ба адолати судӣ мебошад».

Дар қонун қайд гардидааст, ки ёрии ҳуқуқии якумдараҷа шакли хизматрасоние мебошад, ки ба шахсони воқеӣ бо роҳҳои фаҳмондадиҳии ҳуқуқу уҳдадориҳо, маслиҳатдиҳӣ ва тартиб додани ҳуҷҷатҳои дахлдор бе пардохти маблағ амалӣ карда мешавад, аз ҷумла, ариза, шикоят ва дигар ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ тартиб дода мешаванд. Барои ҳалли тосудии баҳсҳои ҳуқуқӣ иттилоъ пешниҳод мегарданд, мурочиаткунанда ба муассисаҳои дахлдори давлатию ҷамъиятӣ фиристода мешавад, маълумоти ҳуқуқӣ тавассути ёрдамчиёни ҷамъиятӣ паҳн мегардад, ба одамон ҷиҳати дастрасӣ ба ёрии ҳуқуқии дуюмдараҷа ёрӣ расонида мешавад ва ғ.

Ёрии ҳуқуқии дуюмдараҷа ин хизматрасонии ҳуқуқиест, ки давлат ба таври ройгон ба онҳое кафолат медиҳад, ки гирандаи кӯмаки унвонии иҷтимоӣ мебошанд.

То қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» соли 2020, ёрии ҳуқуқии дуюмдараҷа аз ҳисоби давлат аз рӯйи

парвандаҳои ҷиноятӣ тибқи моддаи 51 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (иштироки ҳатмии ҳимоятгар) таъин мегардид.

Гурӯҳи шахсоне, ки ба ёрии ҳуқуқии ройгони дуюмдараҷа аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятӣ ҳуқуқ доранд, инҳоро дар бар мегирад:

– гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ё маҳкумшудае, ки ба ёрии ҳуқуқӣ эҳтиёҷ дорад, вале имконияти пардохти чунин хизматрасониро надорад, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гирандаи кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ мебошад;

– гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ё маҳкумшудаи ноболиғи бепарастор ё ноболиғе, ки падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда)-и ӯ имконияти пардохти чунин хизматрасониро надоранд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гирандаи кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ мебошанд;

– гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ё маҳкумшуда бинобар камбудиҳои ҷисмонӣ ё рӯҳӣ ҳуқуқи худро оид ба ҳимоя мустақилона амалӣ карда наметавонанд ва ғ.

Зимни таҳлили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» баъзе камбудиҳо ошкор шуданд, ки онҳоро дар ин ҷо зикр мекунем:

-дар қонун равшан карда нашудааст, ки ёрии ҳуқуқии якумдараҷа ва дуюмдараҷа аз ҳисоби давлат расонида мешавад, алалхусус, барои қишри камбизоати аҳолӣ.

-ёрии ҳуқуқӣ хизматрасонии давлатӣ буда, бояд барои ҳамаи намудҳои фаъолияти он стандарти давлатӣ таҳия шуда бошад, аммо дар ин бора дар қонуни мазкур чизе гуфта нашудааст.

-баъзе категорияҳои қонун умуман шарҳ дода нашудаанд, аз ҷумла истилоҳоте, ба монанди «ҳуқуқшиноси давлатӣ», «ёрдамчии ҷамъиятӣ», «стандарти расондани ёрии ҳуқуқӣ», «шаҳрвандоне, ки ҳуқуқи гирифтани кӯмаки иҷтимоии унвонӣ» -ро доранд.

-мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар доираи ваколатҳое, ки қонун барояшон муайян кардааст, хизмати якумдараҷа ва дуюмдараҷа мерасонанд, аммо ҷузъиёти ин ваколатҳо дар қонун зикр нагардидаанд.

-ёрии ҳуқуқӣ дар чорчӯбаи ду низом – давлатӣ ва ғайридавлатӣ расонида мешавад, аммо азбаски ба шаҳрвандон интихоби озод дода намешавад, табиист, ки Иттифоқи адвокатҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ аз танзими қонуни мазкур берун мемонанд.

-тартиби ташкили феҳрасти адвокатҳо ва пешбурди он муфассал баён нашудааст;

-ҳуқуқшиносони давлатӣ ба феҳрасти мансабҳои давлатӣ дохил карда нашудаанд, бинобар ин, онҳо хизматчии давлатӣ шуда наметавонад.

-қонун муайян накардааст, ки ҳуқуқшиносони давлатиро кӣ ба вазифа таъин мекунад ва тибқи меъёрҳои тартиботи меҳнатӣ онҳо тобеи кӣ мебошанд, кӣ ҳуқуқи аз вазифа озод кардани онҳоро дорад ва кӣ нисбаташон ҷазои интизомиро татбиқ менамояд.

-аз худи мафҳуми «ҳуқуқшиноси давлатӣ» ва бархе ваколатҳои Маркази ёрии ҳуқуқӣ чунин хулоса бармеояд, ки ҳуқуқшиноси давлатӣ тобеи он мебошад.

-категорияи шахсоне, ки ҳуқуқи гирифтани ёрии якумдараҷаро доранд, муайян гардидааст ва зимни муроҷиат пешниҳоди шиноснома ва ё ягон намуди дигари маълумотнома низ лозим нест, аммо дар қонун муайян нашудааст, ки барои гирифтани чунин ёрӣ бояд маблағ пардохт шавад ё не, ҳарчанд хилофи он ягон ҳолат пешбинӣ нашудааст.

Дар асоси муқаррароти Консепсияи расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ду модели ширкати адвокатҳо дар расонидани ёрии ҳуқуқӣ вуҷуд дошта бошад. Тибқи модели якум ниҳоди ваколатдор феҳрасти адвокатҳоро аз ҳисоби онҳое тартиб

медиҳад, ки дастрасӣ ба касби худ доранд ва ин шахсон ёрии ҳуқуқии дуюмдараҷа мерасонанд.

Ёрии ҳуқуқии дуюмдараҷа аз рӯйи меъёрҳои қонунгузорӣ ба се гурӯҳ тақсим мешавад: ёрии ҳуқуқии дуюмдараҷа дар парвандаҳои ҷиноятӣ, маъмурӣ ва маданӣ.

Азбаски то қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» дар моҳи июли соли 2020 тартиби расонидани ёрии ҳуқуқии дуюмдараҷа аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятӣ, маъмурӣ ва маданӣ мушаххас муайян карда нашуда буд, ин ҳолат дар таҷриба мушкилиҳои зиёдеро рӯйи кор овард.

Ҳоло тибқи қонун, дар сурати, воқеан, дастгир шудани шахс, татбиқи чораи пешгирӣ дар шакли ба ҳабс гирифтан, оғози парвандаи ҷиноятӣ, баррасии парвандаҳо дар суди марҳилаи якум, пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ ба тариқи кассатсионӣ ва назоратӣ, инчунин бинобар ҳолатҳои нав ошкоршуда, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё судя ба маркази ҳамоҳангсозӣ ҷиҳати сафарбар кардани адвокат тавассути телефон бояд дархост намоянд.

Дар навбати худ, Маркази ҳамоҳангсозӣ, пас аз қабули дархост, иттилои аввалияро ба низоми худкори иттилоотӣ фавран ворид менамояд ва бо адвокате, ки ӯро низоми худкори иттилоотӣ муайян кардааст, дар тамос шуда, ӯро барои расонидани ёрии ҳуқуқии дуюмдараҷа сафарбар менамояд ва дар сурати муайян гардидани ҳуқуқи шахс ба ёрии ҳуқуқии дуюмдараҷа, адвокат ба иҷрои вазифаҳои худ оғоз мекунад.

Пас аз анҷом ёфтани истеҳсолот аз рӯйи парванда, адвокат қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ё таъиноти судро дар бораи ӯро ба сифати ҳимоятгар таъин намудан ва дар бораи пардохти ҳаққи хизматаш бо дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ, якҷоя бо ҳисобот, ба маркази ёрии ҳуқуқӣ барои пардохт пешниҳод менамояд.

Аммо дар баробари ин, дар меъёрҳои қонун муҳлати пешниҳод кардани қарор дар бораи таъмини адвокат ва қарор дар бораи пардохт кардани ҳаққи хизмати адвокат аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва таъиноти судяҳо зикр карда нашудааст, аз ин рӯ, дар таҷриба ин ҳолат ба адвокатҳо дар дастрас намудани ин санадҳо ва сари вақт пардохт шудани ҳаққи хизмати адвокатҳо мушкилиҳоро пеш меорад.

Ҳамчунин, бояд зикр намуд, ки тибқи қонун ба адвокатҳо пардохти ҳаққи хизмат танҳо барои рӯзҳои иштирок дар ҳаракатҳои мурофиавӣ кафолат дода шудааст, вале дар таҷриба мешаванд ҳолатҳое, ки адвокат барои як ба як анҷом додани вохӯрӣ бо ваколатдиҳандааш ба тавқифгоҳҳои нигаҳдории муваққатӣ, тавқифгоҳҳои тафтишотӣ ва муасиссаҳои ислоҳӣ ҳозир мешавад, ки он берун аз ҳаракатҳои мурофиавӣ мебошад, аммо дар ин ҳолат, тибқи қонун ба адвокатҳо кафолати пардохти ҳаққи хизмат пешбинӣ карда нашудааст.

Бо дарназардошти ин, зарур аст, ки ба қисми 7 моддаи 26 – и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» тағйирот ворид гардида, дар қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя ё таъиноти суд дар бораи пардохти ҳаққи хизмати адвокат дар баробари дигар маълумотҳо, инчунин маълумот дар бораи вақте, ки адвокат барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ, воқеан, сарф кардааст, зикр карда шавад.

Консепсияи расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амал татбиқ мешаванд ва ин як таҷрибаи хубе дар ҷаҳони муосир аст.

Тавсияҳои дар Комиссияи ислоҳоти адвокатура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ»-ро ба асос гирифта, мехоҳем, дар рисолаи мазкур оид ба самарабахш гузаронидани ислоҳот дар соҳаи адвокатура ва ба амалияи ҳуқуқии фаъолияти адвокатӣ якчанд пешниҳодро иброз намоем:

1. Қабул намудани санади алоҳидаи меъёрӣ дар бораи расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон, ки дар он механизми амалигардонии санад муқаррар карда мешавад. Дар бобати расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон Иттифоқи адвокатҳо бояд нақши боэътибор дошта бошад ва аъзои худро ба расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон ё хизматҳои ҳуқуқӣ бо нархи арзон ба касоне, ки ҳаққи чунин хизматҳоро пардохт карда наметавонанд, ҳавасманд гардонад.

2. Иттифоқи адвокатҳо бояд салоҳияти қабул ва баррасӣ кардани шикоятҳо, тибқи қонунгузории амалкунанда ва стандартҳои байналмилалӣ, инчунин, нисбати адвокатҳо татбиқ намудани чораҳои интизомиро дошта бошад. Ҳисоботдиҳии адвокатҳо ва аз ҷониби онҳо риоя шудани меъёрҳои Кодекси одоби касбии адвокатро назорат кунад.

3. Андешидани чораҳо оид ба, воқеан, таъмин кардани амнияти адвокатҳо ва аъзои оилаи онҳо, аз ҷумла ворид намудани иловаю тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29.12.2010, №644 муқаррар кардани кафолатҳои амниятӣ.

4. Ҷорӣ намудани интернет-сомонаи расмӣ ва нашрияи махсус барои чопи маҷаллаи илмӣ-амалӣ, ки дар он оид ба фаъолияти адвокатҳо мавод нашр шаванд, фаъолияти адвокатӣ арзёбӣ гардад.

5. Дар мактабҳои олӣ, махсусан, дар факултетҳои ҳуқуқшиносӣ фанни ҳатмии таълимии маҳорати суханварӣ, шаклу принсипҳои исботи далелу фактҳо, баҳсу мунозира ҷорӣ карда шавад.

6. Институти адвокатура бояд маркази ягонаи такмили ихтисос дошта бошад, ки хатмкунандагони он сертификати муътабари дорои аҳаммияти байналмилалӣ гиранд.

7. Дар моддаи 53 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шавад, ки аз лаҳзаи ба парванда роҳ дода шудан, ҳимоятгар ҳақ дорад, ки ҳини гузаронидани амалҳои тафтишӣ, ки бо ташаббуси мақомоти тафтишот ва дархости худи ҳимоятгар баргузор мегарданд, иштирок кунад.

8. Ба мақсади таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои табақаҳои заъфпазири аҳолӣ (нафақахӯрон, занон, ноболиғон, маъюбон) ва шахсоне, ки ба сабаби вазъияти оҷизона вобастагӣ аз айбдоршаванда ё ҷавобгар ва бо дигар сабабҳо ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худро ҳимоя карда наметавонанд, онҳо чун шахсоне, ки ба ёрии ҳуқуқии такрорӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, парвандаҳои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва парвандаҳои маданӣ ҳуқуқ доранд, ҳисобида шаванд ва дар моддаҳои 21-23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» ҳимоя ва дастгирии онҳо пешбинӣ карда шаванд.

Моҳият ва баъзе хусусиятҳои инкишофи институти адвокатураро дар Тоҷикистон баррасӣ намуда, ба хулоса омадан мумкин аст, ки адвокатура аз рӯйи моҳияти вазифаҳо, хусусияти шакл, намудҳои сохторҳои ташаккулдиҳанда, тибқи муносибатҳои мутақобила бо мақомот ва муштариён, майдони васеи фаъолият, вижагиҳои танзими ҳуқуқию этикӣ низоми хеле мураккаби иҷтимоӣ мебошад.

Адвокатура ташкилоти мустақили ҷамъиятиест, ки на аз рӯйи қонунҳои беруна, балки бештар аз рӯйи қонунҳои «дохилӣ»-и худ фаъолият мекунад. Аъзои он офарандагони чизҳои нав, муҳаққиқони ҳодисаю тақдирҳо, «ҳимоятгарони» роҳҳои аслии ҳаракати парванда мебошанд, ки қобилиятҳои худро инсондӯстона татбиқ мекунанд.Дар натиҷаи таҳлил ва таҳқиқи рисола мо ба чунин хулоса омадем, ки мушкилоти фаъолияти касбии адвокатураро метавон ба ду гурӯҳ тақсим кард: мушкилоте, ки ба худи институти адвокатура дахл доранд ва мушкилоте, ки адвокатҳо дар фаъолияти худ оид ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои муштариён дучор мешаванд.

Гурӯҳи якум, масоили худи адвокатура, сифати ба ҷо овардани ҳимоя аз рӯйи таъинот, омода намудани механизми низоми такмили ихтисос, ҷорӣ намудани таҷрибаомӯзии ҳатмӣ, собиқаи корӣ барои машғул шудан ба фаъолияти адвокатӣ ва, умуман, кор аз рӯйи камбудиҳо ва нуқсонҳои касбӣ мебошанд.

Гурӯҳи дуюм, мушкилоте, ки адвокатҳо бо онҳо рӯ ба рӯ мешаванд, маблағи пардохт аз рӯйи таъинот ва сари вақт напардохтани он, ёрии ҳуқуқии ройгон, набудани рақобати воқеӣ, беасос ва ғаразона айбдор эълон кардан ва ғайра мебошанд.

Дар заминаи ин институти адвокатураро ҳамчун қисми таркибии ҷомеаи шаҳрвандӣ таҳлил намуда, бояд гуфт, ки адвокатура метавонад як фазои муттаҳидсозии адвокатҳое гардад, ки дар бозори рақобатпазирӣ ёрии касбии ҳуқуқӣ, фаъолияти мустақилонаро ифода намуда, пешниҳод кунад. Консепсияи танзими ёрии касбии ҳуқуқӣ фаъолияти адвокатураро ба самти мизоҷон равона месозад, ки ин барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд хеле муҳим ва натиҷабахш аст. Бинобар ин, баланд бардоштани мақоми адвокат, мазмуни мустаҳкам намудани нуфузи тафтишот, фаъолияти мақомоти суд ва худи қонунро дорад.

## ХУЛОСА

Дар натиҷаи гузаронидани таҳлили илмӣ – назариявӣ, вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертасионӣ, ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1. Таърихи ташаккул ёфтани адвокатураро дар Тоҷикистон ба чаҳор марҳилаи мустақили инкишоф ҷудо кардан зарур дониста мешавад:

- марҳилаи якум-пайдоиш ва инкишофи институти ҳимоя то ислоҳоти судии соли 1864-и Федератсияи Русия;

- марҳилаи дувум - давраи баъди ҳудуди Осиёи Миёнаро истило кардани Русияи подшоҳӣ, инкишофи институти адвокатураи хусусӣ дар Федератсияи Русия, пас аз ислоҳоти ҳуқуқӣ то Инқилоби Октябр;

- марҳилаи сеюм - инкишофи институти адвокатура дар аввалин давлатҳои шуравии тоҷикон (ҶМШС Туркистон, ҶХШ Бухоро ва ҶМШС Тоҷикистон) ва аз ҷониби давлат эътироф ёфтани институти адвокатура чун мақоми мустақил (1918-1929) ва давраи ба ҳайати ИҶШС (1929-1991) чун давлати иттифоқӣ дохил шудани давлати тоҷикон;

- марҳилаи чорум - инкишофи адвокатура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди Истиқлоли давлатӣ.

2. Таҳқиқи низоми судии зардуштӣ нишон медиҳад, ки дар ҳуқуқи судии оғози асрҳои миёна бештар мундариҷаи мақоми ҳуқуқии иштироккунандагони мурофиаи судӣ, маҳз ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо, ки ба намояндаи судӣ ҳуқуқ доштанд, баррасӣ шудааст. Масъалаҳои намояндагӣ дар суд дар якчанд фасл ё боби Қонунномаи Сосониён мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ғайр аз ин, дар ин давра институтҳои нави ёрирасони адолати судӣ, аз қабили андарзгар (машваратгари ҳуқуқӣ), мушовир (мушовир-адвокат), ёрмандон (нозирон) ва ғайра пайдо мешаванд.

3. Муқаррар мегардад, ки дар ташаккули институти ҳимоя дар мурофиаи судии исломӣ махсусро институти мазолим бозидааст. Институти мазолим дар ҳимоя аз тааддии амалдорон, махсусан вайронкунии ҳуқуқ ҳангоми ғасби ғайриқонунии замин аз ҷониби

ҳукуматдорон ва ҷамъоварии ғайриқонунии андозҳо аз ҷониби амалдорони андоз, бекор кардани ҳукми ноодилонаи руҳониён, ки он дар давраи инкишофи исломии давлатҳои халқи тоҷик муҳиммият пайдо кард, муассир буд. Мазолим институти нодири амалигардонии адолати судии шоҳ нисбат ба амалдорони давлат буд. Он баҳсҳо ва даъвоҳоро моҳиятан баррасӣ мекард, ҳамчунин, ба сифати марҳилаи шикоятӣ ҳалномаи судҳои умумӣ-қозиҳоро баррасӣ мекард ва дар мавридҳои зарурӣ ҳукми қозиро бекор менамуд.

4. Ба андешаи муаллиф, дар умум, институти ҳимоя дар Тоҷикистони қабл аз шуравӣ чун институти судӣ инкишоф меёфт, қисми таркибии он буд, аз низоми судии давлат ҷудонашаванда буд ва дар он давра мустақил набуд. Ин нукта дар он ифода меёфт, ки ҳимояро дар баробари худи зерҳимоя хешу табор ва наздикони ӯ амалӣ мекарданд. Ҳамчунин, ҳимоя ба амалдорони давлат, намояндагони ҳокимият, дар аксари мавридҳо ба худи қозӣ вогузор мегардид. Қозӣ ба шахси зерҳимоя пешниҳод мекард, ки барои ҳимояи худ далел ва шоҳидон орад.

5. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки судҳои феодалии қозигӣ ва бийҳо, ки дар асоси шариат ва одат амал мекарданд, ҳам парвандаҳои ҷиноятӣ ва ҳам маданиро умуман бе иштироки адвокат баррасӣ менамуданд. Қисми зиёди аҳолии таҳҷоӣ мустақилона ба нозукиҳои низоми мураккаби ҳуқуқи мусулмонӣ сарфаҳм намерафт. Дар чунин шароит шахсоне, ки ба суд ҷалб мешуданд, ё ба суди қозигӣ ва бийҳо муроҷиат менамуданд. Онҳо ихтиёран ба хизмати муфтиҳо, котибон - фақеҳон, ки дар ҷойҳои ҷамъиятӣ - бозорҳо, чойхонаҳо, қозихонаҳо ва ғайра бо амалияи хусусӣ машғул мешуданд, рӯй меоварданд. Бо пардохти ҳаққи муайяни хизмат онҳо ба муроҷиаткунандагон оид ба масъалаҳои мавриди назар шарҳу тавзеҳот медоданд, оид ба рафтор дар суд маслиҳатҳо медоданд, ҳуҷҷатҳои хаттӣ таҳия мекарданд. Чаро онҳо дар суд ба ҳайси адвокат-ҳимоятгар баромад намекарданд? Вазифаи онҳо аз ҳудуди додани маслиҳатҳои даҳонӣ ё хаттӣ хориҷ намешуд.

6. Муҳаққиқ қайд менамояд, ки заминаи пайдоиши адвокатураи муосири тоҷик пайдоиш ва инкишофи адвокатураи рус ва паҳншавии он дар ҳудуди Генерал-губернатори Туркистон ба ҳисоб меравад. Ташкилоти адвокатура, ки дар Оинномаҳои судии империяи Русия пешбинӣ шуда буд, бо тағйироте, ки қонунҳои солҳои 1874 ва 1889 дохил карданд, амалан то соли 1917 боқӣ монд.

7. Иброз мегардад, ки марҳилаи шуравии таърихи инкишофи институти адвокатура бо инкишофи сиёсию ҳуқуқии он дар ҳайати давлатҳои мухталифи шуравӣ, ба мисли ҶМШС Туркистон дар ҳайати ҶФШСР, Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро, ҶМШС Тоҷикистон дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон ва ҶШС Тоҷикистон дар фазои ягонаи ҳуқуқии ИҶШС алоқаи ҷудонашаванда дорад. Заминаи пайдоиши адвокатураи муосири тоҷик пайдоиш ва инкишофи адвокатураи шуравӣ ва интишори он дар ҳудуди ҶМШС Туркистон гардид, ки ба ҳайати он ҳудудҳои ҳозираи шимоли Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Бухоро дохил мешуданд. Зимнан, ташаккули институти ҳимоя дар Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Бухоро нисбат ба ҶМШС Туркистон сусттар сурат мегирифт. Чунин фарқ аз он сабаб ба миён омад, ки ҶМШС Туркистон қисми таркибии ҶФШСР буд. Дар ин марҳилаи инкишоф дар ҶХШ Бухоро ташаккули институтҳои давлатӣ-ҳуқуқии шуравӣ нисбатан суст мегузашт.

8. Муаллиф менависад, ки соли 1924 Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон таъсис ёфт. Ташкил шудани давлатҳои нав гузаронидани ислоҳоти нави ҳуқуқӣ ва ташаккули на танҳо қонунгузории нав, балки институтҳои нави давлатӣ-ҳуқуқиро муайян кард. Масъалаҳои таҳкими коллегияҳои ҳимоятгарон низ дар маркази диққат буданд.

9. Конститутсияи ИҶШС соли 1977 ва Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон, ки соли 1978 қабул шуд, институти адвокатураро дар сатҳи конститутсионӣ мустаҳкам намуда. Акнун на танҳо дар тафтиши пешакӣ

ва дар суд ҳини баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ, ҳимояи айбдоршавандагон, намояндагии манфиатҳои ҷабрдидагон, балки иштирок дар баррасии баҳсҳои маданӣ ба сифати намояндаи даъвогар, ҷавобгар ва шахсони дигар қисми муҳимтарини кори адвокат ба шумор мерафтанд.

10. Баъди касби соҳибистиқлолӣ шудани Тоҷикистон марҳилаи нави ташаккули институти адвокатура оғоз ёфт. Дар ин марҳила институтҳои нави адвокатура, аз қабили сирри адвокатӣ, шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти адвокатӣ инкишоф ёфта, фаъолияти хусусии адвокатӣ ҷорӣ гардид ва асосҳои ҳуқуқии фаъолияти адвокатӣ такмил ёфт. Ба таври мувозӣ инкишофи қонунгузорӣ дар бораи адвокатура давом мекард. Дар давраи соҳибистиқлолии кишвар ду қонун қабул шуд, ки бевосита фаъолияти адвокатро танзим мекард: Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура» аз соли 1995 баромад, ки баъди ворид сохтани тағйироту иловаҳо аз қонуни конститутсионӣ ба қонуни маъмулӣ табдил дода шуд ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18 марти соли 2015, №1182. Аз соли 2006 то соли 2015 ба сабаби ҷорӣ шудани фаъолияти хусусии адвокатӣ дар шакли адвокати ваколатдор ва эътирофи мақоми соҳибкорӣ доштани хизмати ҳуқуқӣ Қонун дар бораи иҷозатномадиҳӣ низ дар мамлакат асоси ҳуқуқии фаъолияти адвокатиро ташкил мекард.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз 18.03.2015 таъсиси Иттифоқи адвокатҳои Тоҷикистонро пешбинӣ кард. Ба Иттифоқ ваколати таъсиси чаҳор шакли ташкилӣ-ҳуқуқии адвокатура дода шуд: кабинети адвокатӣ, бюрои адвокатӣ, маслиҳатхонаҳои ҳуқуқӣ, коллегияи адвокатҳо. Мақоми олии Иттифоқи адвокатҳои Тоҷикистон Анҷумани адвокатҳои Тоҷикистон муайян гардид, ки барои баланд шудани самарабахшии фаъолияти адвокатӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон ва корхонаву ташкилотҳо мусоидат мекунад.

Адвокатураи шуравӣ аз адвокатураи тоинқилобӣ фарқи куллӣ дошт, қонунгузории он мунтазам такмил меёфт ва заминаи ислоҳот дар замони муосир мебошад. Барои ба аҳолии маҳалҳо дастрас намудани хизмати ҳуқуқӣ бо роҳи ба ноҳияҳои дурдаст равона кардани мутахассисони ҷавон баъди хатми муассисаҳои олии ҳуқуқшиносӣ то дараҷае ҳалли худро меёфт. Алҳол чунин тақсимот аз байн рафтааст ва зарурати ба аҳолӣ наздиктар кардани хизмати ҳуқуқӣ, зиёд намудани хизмати ройгони хуқуқӣ, хусусан, маслиҳату сухбатҳо ба миён омадааст. Бо ин мақсад ба қонунгузории ҷорӣ ворид намудани тағйироту иловаҳо зарур аст.

Марҳилаи шуравӣ дар таърихи институти адвокатура рушди онро ба самти дигар равона кард. Дар фаъолияти адвокатура дигаргуниҳо дар давраҳои гуногуни рушди давлатдории шуравӣ дар муносибатҳои ҷамъиятию ҳуқуқӣ таъсири худро мегузошт. Дар бобати адвокатураи тоинқилобӣ ва фаъолияти адвокатураи шуравӣ фарқияти ҷиддӣ ба вуҷуд омад.

Ба вазифаи адвокатҳои шуравӣ паҳн намудани донишҳои ҳуқуқӣ низ дохил мешуд ва онҳо дар байни омма бо лексияҳо, суҳбатҳо дар бораи қонунҳо баромад мекарданд, ки ин аз доираи таъиноти адвокатура-расонидани ёрии ҳуқуқӣ ба шаҳрвандон ва ташкилотҳо берун бошад ҳам, вале дар баланд бардоштани савияи дониши ҳуқуқии онҳо нақши муайян дошт.

Амалияи фаъолияти ҳимоятгарон таҳти назорати мақомоти ҳизбӣ амалӣ мегардид ва худидоракунии иттиҳодияи адвокатҳо зери суол мемонд, зеро он аз тарафи Комиссариати халқии адлия, мақомоти маҳаллии адлия, судҳо, прокуратура ва шуроҳои маҳаллӣ назорат карда мешуданд.

•Адвокатура чун институти ҳуқуқӣ, ки дар низоми муносибатҳои ҳуқуқии муосир аҳаммияти муҳим дорад, таърихан решаҳои адвокатура аз давраҳои қадим сарчашма гирифта, ба замоне, ки муносибатҳои

иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҷамъиятӣ, иқтисодӣ ва дигар муносибатҳо рушд намуда ба ҳимоя эҳтиёҷ пайдо намуданд, ки барои ба роҳ мондани муносибатҳои мазкур зарурати намояндагӣ намудан ба миён омад, арзи ҳастӣ намудааст.

•Адвокатура бо мафҳуми ҳуқуқ зич алоқаманд аст, ки, дар навбати худ, низоми қоидаҳо ва меъёрҳои рафтори барои ҳама ҳатмӣ ва чораҳои татбиқи ҷазо ва маҷбуркуниро барои вайронкунандагони ҳуқуқ инъикос мекунад. Меъёру нишондодҳои ҳуқуқӣ, ки ҳастии давлат аз он вобаста аст, зарурати дар амал татбиқ намудани ҳуқуқи ҳимояро роҳандозӣ мекунад.

•Шакли аввалини муҳофизат худҳимоякунӣ мебошад, яъне имконияти мустақилона муайян намудани ҳолати вайронкунии ҳуқуқи шахс, ҳуқуқвайронкунандаҳо ва чораҳои маҷбуркунӣ нисбати онҳо мебошад.

•Бо рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ механизмҳои вайронкунии ҳуқуқ низ мураккаб гардида, ҳолатҳое ба вуҷуд омаданд, ки инсон ҳуқуқҳои худро мустақилона ҳифз карда наметавонист ва ё намехост. Бинобар ҳузур надоштани соҳибмулк дар макони ҳуқуқвайронкунӣ ё ноҷӯр будани ҳолати ҷисмонӣ ва ё руҳии ҷабрдида, ки худмуҳофизаткунро истисно менамуд, чун заминаҳои пайдоиши институти намояндагӣ ва механизмҳои ҳуқуқии амалӣ намудани ҳимояи ҳуқуқҳои вайроншуда нишон додан мумкин аст.

# ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Тавсияҳои дар Комиссияи ислоҳоти адвокатура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ»-ро ба асос гирифта, мехоҳем, дар рисолаи мазкур оид ба самарабахш гузаронидани ислоҳот дар соҳаи адвокатура ва ба амалияи ҳуқуқии фаъолияти адвокатӣ якчанд пешниҳодро ироз намоем:

1. Қабул намудани санади алоҳидаи меъёрӣ дар бораи расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон, ки дар он механизми амалигардонии санад муқаррар карда мешавад. Дар бобати расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон Иттифоқи адвокатҳо бояд нақши боэътибор дошта бошад ва аъзои худро ба расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон ё хизматҳои ҳуқуқӣ бо нархи арзон ба касоне, ки ҳаққи чунин хизматҳоро пардохт карда наметавонанд, ҳавасманд гардонад.

2. Иттифоқи адвокатҳо бояд салоҳияти қабул ва баррасӣ кардани шикоятҳо, тибқи қонунгузории амалкунанда ва стандартҳои байналмилалӣ, инчунин, нисбати адвокатҳо татбиқ намудани чораҳои интизомиро дошта бошад. Ҳисоботдиҳии адвокатҳо ва аз ҷониби онҳо риоя шудани меъёрҳои Кодекси одоби касбии адвокатро назорат кунад.

3. Андешидани чораҳо оид ба, воқеан, таъмин кардани амнияти адвокатҳо ва аъзои оилаи онҳо, аз ҷумла ворид намудани иловаю тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29.12.2010, №644 муқаррар кардани кафолатҳои амниятӣ.

4. Ҷорӣ намудани интернет-сомонаи расмӣ ва нашрияи махсус барои чопи маҷаллаи илмӣ-амалӣ, ки дар он оид ба фаъолияти адвокатҳо мавод нашр шаванд, фаъолияти адвокатӣ арзёбӣ гардад.

5. Дар мактабҳои олӣ, махсусан, дар факултетҳои ҳуқуқшиносӣ фанни ҳатмии таълимии маҳорати суханварӣ, шаклу принсипҳои исботи далелу фактҳо, баҳсу мунозира ҷорӣ карда шавад.

6. Институти адвокатура бояд маркази ягонаи такмили ихтисос дошта бошад, ки хатмкунандагони он сертификати муътабари дорои аҳаммияти байналмилалӣ гиранд.

7. Дар моддаи 53 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шавад, ки аз лаҳзаи ба парванда роҳ дода шудан, ҳимоятгар ҳақ дорад, ки ҳини гузаронидани амалҳои тафтишӣ, ки бо ташаббуси мақомоти тафтишот ва дархости худи ҳимоятгар баргузор мегарданд, иштирок кунад.

8. Ба мақсади таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои табақаҳои заъфпазири аҳолӣ (нафақахӯрон, занон, ноболиғон, маъюбон) ва шахсоне, ки ба сабаби вазъияти оҷизона вобастагӣ аз айбдоршаванда ё ҷавобгар ва бо дигар сабабҳо ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худро ҳимоя карда наметавонанд, онҳо чун шахсоне, ки ба ёрии ҳуқуқии такрорӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, парвандаҳои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва парвандаҳои маданӣ ҳуқуқ доранд, ҳисобида шаванд ва дар моддаҳои 21-23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ёрии ҳуқуқӣ» ҳимоя ва дастгирии онҳо пешбинӣ карда шаванд.

Моҳият ва баъзе хусусиятҳои инкишофи институти адвокатураро дар Тоҷикистон баррасӣ намуда, ба хулоса омадан мумкин аст, ки адвокатура аз рӯйи моҳияти вазифаҳо, хусусияти шакл, намудҳои сохторҳои ташаккулдиҳанда, тибқи муносибатҳои мутақобила бо мақомот ва муштариён, майдони васеи фаъолият, вижагиҳои танзими ҳуқуқию этикӣ низоми хеле мураккаби иҷтимоӣ мебошад.

Адвокатура ташкилоти мустақили ҷамъиятиест, ки на аз рӯйи қонунҳои беруна, балки бештар аз рӯйи қонунҳои «дохилӣ»-и худ фаъолият мекунад. Аъзои он офарандагони чизҳои нав, муҳаққиқони ҳодисаю тақдирҳо, «ҳимоятгарони» роҳҳои аслии ҳаракати парванда мебошанд, ки қобилиятҳои худро инсондӯстона татбиқ мекунанд.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

## I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ

[1]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: аз 6 ноябри соли 1994: бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016: (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ): [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

[2]. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018–2028 аз 06 феврали соли 2018, №1005, [Матн] [Захираи электронӣ] https://mmk.tj/ (санаи муроҷиат 11.09.2025с.)

[3]. Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон (1931) // Маҷмуи конститутсияҳо. [Матн] – Душанбе, 2015. – С. 92–93.

[4]. Конститутсияи (Қонуни асосӣ) ҶШС Тоҷикистон: аз 1 марти соли 1937 // Маҷмуи конститутсияҳои Тоҷикистон. [Матн] – Душанбе: Дониш, 2015. – С. 192–193.

[5]. Всеобщая декларация прав человека // Права человека: сб. междунар. и нац. док.: в 8 т. / сост. А. М. Диноршоев, Ш. С. Давлатова. [Текст] – Душанбе, 2010. – Т. 1. – С. 8–14.

[6]. Международный пакт о гражданских и политических правах: принят 19 декабря 1966 г. // Права человека: сборник международных и национальных документов: в 8 т. / сост. А.М. Диноршоев, Ш.С. Давлатова. [Текст] – Душанбе, 2010. – Т. 1. – С. 33–51.

[7]. Об утверждении Положения об адвокатуре Таджикской ССР: закон Таджикской ССР от 29 мая 1981 г. № 11 // Свод законов Таджикской ССР: в 8 т. [Текст] – Душанбе: Ирфон, 1987. – Т. 7. – С. 82–97.

[8]. О практике применения судьями законодательства при предании обвиняемого суду: постановление Пленума Верховного Суда Республики Таджикистан от 28 июля 1995 г. № 6. [Текст]

[9]. О судебной практике по делам об убийствах: постановление Пленума Верховного Суда Республики Таджикистан от 25 апреля 2001 г. № 1. [Текст]

[10]. О судебном приговоре: постановление Пленума Верховного Суда Республики Таджикистан от 4 июня 1992 г. [Текст]

[11]. О дальнейшем совершенствовании судебной деятельности в свете изменений и дополнений в Конституцию Республики Таджикистан: постановление Пленума Верховного Суда Республики Таджикистан от 2 октября 2003 г. № 15. [Текст]

[12]. Дар бораи такмили минбаъдаи фаъолияти судӣ дар партави тағйиру иловаҳое, ки ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардидаанд: Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 октябри соли 2017 № 19 // Маҷмуаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2015–2019). [Матн] – Душанбе, 2019. – 380 с.

[13]. Свод принципов защиты всех лиц, подвергаемых задержанию или заключению в какой бы то ни было форме // Права человека: сб. междунар. и нац. док.: в 8 т. / сост. А.М. Диноршоев, Ш.С. Давлатова. [Текст] – Душанбе, 2010. – Т. 3. – С. 74–84.

[14]. Устав Организации Объединённых Наций: принят 26 июня 1945 г. // Права человека: сб. междунар. и нац. док.: в 8 т. / сост. А.М. Диноршоев, Ш.С. Давлатова. [Текст] – Душанбе, 2010. – Т. 1.

[15]. Гражданский процессуальный кодекс Республики Таджикистан: от 28 декабря 1963 г. [Текст] – Душанбе, 1963. – (Для сравнительного анализа).

[16]. Об адвокатуре: закон Республики Таджикистан от 4 ноября 1995 г. № 111 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Текст] – 1995. – № 21. – Мод. 249. – (Для сравнительного анализа).

[17]. Об адвокатуре и адвокатской деятельности: закон Республики Таджикистан // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Текст] – 2015. – № 3. – Мод. 204; № 11. – Мод. 958; 2016. – № 5. – Мод. 362; 2017. –

№ 1–2. – Мод. 14: в ред. законов РТ от 23 нояб. 2015 г. № 1237, от 14 мая 2016 г. № 1311, от 24 февр. 2017 г. № 1391, от 4 июля 2020 г. № 1704.

[18]. О нормативных правовых актах: закон Республики Таджикистан // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Текст] – 2009. – № 3. – Мод. 99.

[19]. О лицензировании отдельных видов деятельности: закон Республики Таджикистан от 17 мая 2004 г. № 37 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Текст] – 2004. – № 5. – Мод. 348.

[20]. О третейских судах: закон Республики Таджикистан // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Текст] – 2008. – № 1. – Қисм 2. – Мод. 10; 2009. – № 12. – Мод. 815–816.

[21]. О государственной защите участников уголовного судопроизводства: закон Республики Таджикистан от 29 декабря 2010 г. № 644. – Доступ с официального правового портала Республики Таджикистан. [Текст] – URL: www.adlia.tj (дата обращения: 13.04.2025).

[22]. О юридической помощи: закон Республики Таджикистан // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Текст] – 2020. – № 7–9. – Мод. 600.

[23]. О порядке и условиях содержания под стражей подозреваемых, обвиняемых и подсудимых: закон Республики Таджикистан // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Текст] – 2011. – № 6. – Мод. 433; 2013. – № 12. – Мод. 883; 2016. – № 3. – Мод. 135; № 5. – Мод. 363; 2020. – № 1. – Мод. 12; 2021. – № 1–2. – Мод. 8. – Доступ с официального правового портала Республики Таджикистан. – URL: www.adlia.tj (дата обращения: 23.04.2025).

[24]. Кодекс Республики Таджикистан об административных правонарушениях: от 5 декабря 1985 г. – Душанбе, 1985. [Текст] – (Для сравнительного анализа).

[25]. Уголовно-процессуальный кодекс Российской Федерации" от 18.12.2001 N 174-ФЗ (ред. от 27.10.2025) [Текст] (Для сравнительного анализа).

[26]. Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-январи соли 2008 [Матн] // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2008, №1, қ.1, мод.б, мод.7; с.2010, №1, мод.6; с.2012, №7, мод.721; с.2014, №7, қ.1, мод.388, №12; мод.821; с.2015, №11, мод.953; с.2016, №5, мод.360; с.2018, №1, мод.6; с.2019, №1, мод.6, №6, мод.314) // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии «АДЛИЯ»-и Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версияи 7.00..

[27]. Конституция (Основной закон) Бухарской Народной Советской Республики // Архив Института истории, археологии и этнографии им. А. Дониша АН СССР. [Текст] – Литер «И». – Д. 25. – Л. 2–30.

[28]. Конституция (Основной закон) Союза Советских Социалистических Республик. [Текст] – Москва: Партиздат ЦК ВКП(б), 1936. – 31 с.

[29]. Конституция (Основной закон) Союза Советских Социалистических Республик. [Текст] – Москва, 1985. – С. 43.

[30]. Основные принципы, касающиеся роли юристов // Права человека: сб. междунар. и нац. док.: в 8 т. / сост. А.М. Диноршоев, Ш.С. Давлатова. [Текст] – Душанбе, 2010. – Т. 2. – С. 37–42.

[31]. Положение об адвокатуре СССР // Советская юстиция. [Текст] – 1939. – № 15. – С. 41–43.

[32]. О суде: декрет № 1, от 22 ноября (5 декабря) 1917 г. [Текст]

[33]. О суде: декрет № 2, от 15 февраля 1918 г. [Текст]

[34]. О компенсации за нарушение права на разумный срок судопроизводства или права на исполнение судебного акта в разумный срок: федеральный закон от 30 апреля 2010 г. № 69-ФЗ // Собрание законодательства Российской Федерации. [Текст] – 2010. – № 18. – Ст. 2145.

[35]. Об адвокатуре: постановление ВЦИК от 26 мая 1922 г. [Текст]

[36]. О коллегии защитников: положение от 5 июля 1922 г. [Текст]

[37]. Положение об адвокатуре РСФСР: от 25 июля 1962 г. [Текст]

[38]. О работе с молодыми специалистами: приказ Министерства юстиции СССР от 1 июля 1975 г. [Текст]

[39]. Об адвокатуре в СССР: закон СССР от 30 ноября 1979 г. [Текст]

[40]. Положение об адвокатуре РСФСР: от 20 ноября 1980 г. [Текст]

[41]. О лицензировании отдельных видов деятельности: положение, утв. постановлением Правительства Республики Таджикистан от 1 сентября 2005 г. № 337. [Текст]

[42]. О Порядке ведения единого реестра адвокатов Республики Таджикистан; О Порядке ведения специального реестра адвокатов иностранных государств: постановления Правительства Республики Таджикистан от 29 августа 2015 г. № 549. [Текст] – Доступ с официального сайта Министерства юстиции Республики Таджикистан. – URL: www.mmk.tj (дата обращения: 14.04.2025).

[43]. О Концепции оказания бесплатной юридической помощи в Республике Таджикистан: постановление Правительства Республики Таджикистан от 2 июля 2015 г. № 425. [Текст] – Доступ с официального правового портала Республики Таджикистан. – URL: www.adlia.tj (дата обращения: 15.04.2025).

[44]. Правила Организации Объединённых Наций, касающиеся защиты несовершеннолетних, лишённых свободы // Права человека: сб. междунар. и нац. док.: в 8 т. / сост. А.М. Диноршоев, Ш.С. Давлатова. [Текст] – Душанбе, 2010. – Т. 8. – С. 79–95.

[45]. Правила профессионального поведения адвокатов Республики Таджикистан: утв. 13 февраля 1999 г. – Ст. 3. [Текст]

[46]. Систематическое собрание действующих законов Таджикской ССР. – Сталинабад, 1932. – Ст. 827. [Текст]

[47]. Собрание узаконений РСФСР. – 1917. – № 12. – С. 170. [Текст]

[48]. Собрание узаконений РСФСР. – 1918. – № 4. – С. 50. [Текст]

[49]. Собрание узаконений РСФСР. – 1920. – № 83. – С. 407. [Текст]

[50]. Уголовный кодекс Республики Таджикистан [Текст]: от 21 мая 1998 г.

[51]. Уголовно-процессуальный кодекс Республики Таджикистан: от 17 августа 1961 г. [Текст] – (Для сравнительного анализа).

